**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

*ТКБ – 159.9*
*ТДУ – 88.5*
*Б – 69*

ҚОДИРӢ НАЗИРА ДАДОЗОДА

# МУҲИТИ СОЛИМИ ПСИХОЛОГИИ ОИЛА ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲИССИЁТҲОИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ
аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Юнусова Н.М.

Хуҷанд – 202

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА ........................................................................................ 3**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ МУАММОҲОИ ПСИХОЛОГИИ МУҲИТИ СОЛИМИ ОИЛА ............... 16**

1.1. Таҳлили назариявии таъсири ниҳоди оилаи муосир ба ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии наврасон ........................................................................ 16

1.2.Тавсифи мафҳуми “муҳити солими психологии оила” дар таҳқиқотҳои илмии психологӣ ........................................................................................ 31

1.3.Муҳити психологии муоширати дохилиоилавӣ ҳамчун омили ташаккулиёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ............................................... 51

1.4.Таъсири муносибатҳои оилавӣ ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ..........................................................................................................68

Хулосаҳои боби 1 ........................................................................................ 88

**БОБИ II. ТАҲҚИҚИ ОЗМОИШИИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАВҚЕИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТҲОИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН .. 90**

2.1. Тавсифи умумии таҳқиқот ва методҳои он ............................................. 90

2.2. Таҳлил ва тафсири натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда .................... 100

2.3. Муайян намудани андешаҳои наврасон аз назари гендерӣ .................... 118

2.4.Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот оид ба муайян намудани муҳити психологии оила ва таъсири он ба ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ........... 144

Хулосаи боби II ........................................................................................ 155

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ............................. 159

Рӯйхати адабиёт........................................................................................ 163

ЗАМИМАҲО ........................................................................................ 181

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангиву иқтисодӣ ҷомеаи муосир ба пешрафтҳои назаррасе ноил гардидааст, ки дар ин ҷараён таҳқиқи масъалаҳои илмӣ мубрам маҳсуб меёбанд. Махсусан, замони имрӯз тақозо менамояд, ки аҳли илм бояд дар омӯзиш ва баррасии муҳимтарин масъалаҳои илмӣ, ки ҷиҳати таҳаввули маърифати инсонӣ муассиранд, кӯшиш намоянд.

Дар ин замина шинохти арзишҳои милливу маънавӣ ва иҷтимоиву инсонӣ бо дарназардошти равишҳои замонавии илми муосир яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошад. Аз ҷумла, таҳқиқи масъалаҳои психологияи оила, ки мавзуъҳои мубрами ҷомеаи моро фаро мегирад, вазифаи психологони ватанӣ хоҳад буд. Бо дарназардошти ин матлаб омӯзиши илмии яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ – оила, ҷиҳати шинохт ва ҳалли мушкилоти хонаводагӣ нақши муассир дошта, заминаи мусоид фароҳам меоварад. Зеро муайян намудани заминаҳои ташаккули ахлоқии наврасон дар муҳити оила яке аз навгониҳои муҳимми психологияи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Муайян намудани таъсири бевоситаи муҳити солими оила ба ҳолатҳои психологӣ ва ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон, ки аз масъалаҳои меҳварии рисолаи илмӣ мебошад, барои рушди психологияи ватанӣ низ аҳаммияти махсус дорад. Аз таҳқиқотҳои илмии психологияи муосир равшан аст, ки муҳити солими оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нақши муассир гузоштааст. Бо вуҷуди он, ки дар марказҳои илмии ҷаҳонӣ омӯзиш ва баррасии масъалаҳои марбут ба оила ва муҳити иҷтимоии хонаводаҳо, ҳамчунин таъсири онҳо ба одобу ахлоқи аъзоёни оила, хусусан, наврасон мақолаву рисолаҳои илмиву оммавӣ ба нашр расида бошанд ҳам, дар муҳити иҷтимоӣ ва илмии кишвар таҳқиқи чунин масъалаҳо дар илми психологияи миллиамон маҳз дар замони Истиқлоли давлатӣ татбиқи амалии худро ёфта истодааст. Тағйирёбии ҷомеа арзишҳои навро дар ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, оилаи солим ҷорӣ карда, он ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири рӯзафзуни худро расонидааст. Аз ин лиҳоз, дар ташаккули ҷомеаи солим ва раванди рушди

маърифати инсонӣ оила яке аз институтҳои асосие мебошад, ки бидуни он ташкили ҷомеаи намунавӣ ғайриимкон мебошад. Дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва муҳити солими оила ба психологияи аъзоёни он ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон, ба хусус ҳолатҳои психологии онҳо, таъсири худро расонидааст, ки он дар рушди минбаъдаи маърифати инсонӣ муассир мебошад. Аз ин рӯ, баррасии мавзуи мазкур дар ҳалли масъалаҳои психологӣ ва ҳиссиёти ахлоқии наврасон заминаи мусоидро барои рушд фароҳам меоварад.

Дар баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, Тоҷикистон санҷишҳои пуршиддати сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро паси сар кардааст, ки ин марҳилаи таърихӣ дар дигаргунсозии раванди иҷтимоӣ-психологии оилаҳо бетаъсир намондааст. Ба хусус, таъсири пуршиддати ҷанги шаҳрвандӣ ба оилаҳои тоҷик яке аз мавзуъҳои ниҳоят мубрами психологияи иҷтимоии миллӣ мебошад, ки дар ин самт метавон таҳқиқоти пурвусъатеро ба роҳ монд. Ҷанги шаҳрвандӣ ба фазои психологии оилаҳо таъсири назарраси худро гузоштааст ва он аз илми психологияи муосир тақозо менамояд, ки масъалаи мазкурро ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Зеро омӯзиш, таҳлилу таҳқиқи равандҳои психологӣ барои рушди соҳаи психологияи оила ва психологияи насли наврас дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Маълум аст, ки оила мураккабтарин зерсистемаи ҷомеа буда, вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Тарбия ва ба воя расонидани инсон, ба маънои томаш, яке аз муҳимтарин ҳадафҳои оила ба шумор меравад. Дар психология собит шудааст, ки оила макони роҳнамои тарбия ва психологии кӯдак буда, ки дар он на танҳо ба зиндагӣ омодагӣ мебинад, балки аллакай онро аз сар мегузаронад. Аз ин рӯ, ҳамчун ғояи пешбарандаи тарбияи фарзанд дар оила зарурати таъмини ҳаёти солим дар ҳар марҳилаи синнусолӣ ба миён меояд.

Вазифаҳои тарбия ва таълими фарзандон дар оила - ташаккул додани шахсият, қувваҳои беназири табиии он, майлҳо, қобилиятҳои инфиродӣ,

инкишофи орзуҳои олии он, истифодаи воситаҳо ва усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки таъсири педагогии волидайн ба фарзандон мебошанд. Илми психологияи муосир далелҳои сершумори афзалияти таълиму тарбияи оилавӣ дар ташаккули шахсияти фарзандро дида тавонистааст. Айни замон психологияи оила як соҳаи босуръат рушдёбандаи донишҳои илмӣ эътироф гардидааст.

Дар рушду нумӯи шахсият ва мавқеи иҷтимоии ҳар як инсон таъсири маънавии оила ниҳоят назаррас мебошад, ки онро инсон тавассути таҷрибаи солим аз сар мегузаронад. Бинобар ин, аксарияти олимони равоншинос боварӣ доранд, ки муваффақияти ташаккули шахсият дар ҳамоҳангии тарбияи оилавӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст. Барои рушди ҳамаҷониба ва ҳамоҳангии шахсияти худ, наврас бояд дар муҳити оилавӣ, дар фазои хушбахтӣ, меҳру муҳаббат, фаҳмиши ҳамдигарӣ, ба воя расад. Оила маконе мебошад, ки наврасон аз нисф зиёди умри худро дар он сипарӣ мегардрнанд ва он дар тарбияи наврасон аввалин институти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккули иҷтимоии шахсияти наврас дар натиҷаи таҷрибаи рафторҳои иҷтимоӣ маҳз аз оила сарчашма гирифта, дар ҷомеа барои расидан ба мавқеи иҷтимоии ҳар як инсон заминаи мусоид фароҳам меорад. Дуруст ба роҳ мондани фаъолиятҳои субъективӣ ва объективӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак бо дарназардошти механизмҳои мутобиқшавӣ, худидоракунӣ ва арзишҳои худташкилдиҳӣ аз ҷониби волидон ҷиҳати инкишофи ҳиссиёти ахлоқии наврасон муҳим мебошад. Татбиқи тарбияи муваффақи насли наврас дар ҷомеаи муосир аз устувории оилаи солим ва хонаводаҳои ботарбия сарчашма мегирад, ки ба ақидаи мо баррасии ин масъала саривақтист.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Омӯзиши ҷанбаҳои умумии масъалаҳои марбут ба оила ва маърифати оиладорӣ аз ҷониби олимони ватанӣ чун Н.М. Юнусова [163], С.Б. Бобоева [165], А.Р. Мансурова [46], М.Т. Давлатов [70], М.Ё. Шарипова [173], Ҳ.А. Зайтметов [165], С. Қодиров [70], М. Давлатов [32], Ҷ.Б. Бобоҷонов [141], С. Иброҳимӣ [142] З.Р. Сафарова [155], М.Ш. Саидзода [170] дар қолаби китобҳои дарсӣ, дастурҳои

таълимиву методӣ, маҷмуаҳои илмӣ ва мақолаҳои илмиву оммавӣ ба нашр расида бошанд ҳам, таҳқиқи ҷудогонаи масъалаи мазкур ба таври алоҳида ҳанӯз ба анҷом нарасидааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзишу таҳқиқи раванди ташаккули ҳиссиёти наврасон, аз ҷумла, ҳиссиёти ахлоқии онҳо аз ҷониби психологони ватанӣ ба таври дуруст ба роҳ монда шудааст.

Дар таҳқиқотҳои равоншиносони иҷтимоӣ, ба монанди С. Минухин [79], Ч. Фишман [79], С.Н. Бурова [22], В. Сатир [102], Г. Навайтис [83], В.А. Сисенко [158], С.В. Ковалев [60], Р.И. Погорова [94], В.Н. Дружинин [41], Ю.Е. Алешина [135], А.С. Спиваковская [109], И.Л. Фурманов [114], А.Л. Аладйин [114], С. Кратохвилл [67] ва дигарон ба масъалаҳои назариявии тарбия, ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон ва мақоми ниҳоии оила таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Бо баробари густариши равандҳои нави ҷаҳонишавӣ аз тарафи психологон – Е.В. Рибак [100], Н.Г. Слепсова [100], А.Б. Федулова [100], Н.В. Сихончик [100], Л.И. Божович [17] масъалаҳои шинохти оилаи солим ва таъсири он ба раванди таълиму тарбияи психологии кӯдакону наврасон баррасӣ шудаанд.

Ҳамчунин, муҳаққиқон Л.В. Доманетская [38], А.В. Лисова [75], И.С. Кон [61], Л.В. Зиновйева [167], И. Гирдаков [142] ва дигарон дар таҳқиқотҳои худ масъалаҳои худидоракунӣ ва худташкилдиҳии наврасро дар инкишофи ҳиссиёти ахлоқии ӯ дар оила мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои мавриди назар ба хусус, коркарди комили муаммо ва мушкилоти психологии оила, ҳамчунин заминаҳои таъсири муҳити оилаи солим ба ҳиссиёти ахлоқӣ ва ташаккули меъёрҳои ахлоқии наврасони дар оилаҳои солим тарбиятёфта корҳои илмӣ дар махзанҳои илмии дигар давлатҳо таълиф гардида бошанд ҳам, ба таври ҷудогона мушкилот ва омилҳои ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон дар оила ба доираи таҳлили мукаммали илмӣ надаромадааст. Дар марҳилаи омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили масъалаи мавриди назар масъалаҳои **ихтилофбарангези** зерин ҷиҳати баррасии илмӣ ба миён омаданд:

-хусусиятҳои тафовутпазирии фаҳмиши анъанавии нақши оила дар ташаккули сифатҳои ахлоқии наврасон ва сатҳи фарогирии ҷанбаҳои илмии психологию педагогии оилаҳо дар ҷомеаи муосир.

-масъалаҳои табодул, омезиш, бардоштҳо ҷиҳати ҳифзи анъанаҳои milliву фарҳангӣ дар таълим ва таъсири ҷаҳонишавӣ, ки арзишҳои оилавиро заиф месозанд;

-зарурати фароҳам овардани тарзи ҳаёти солим, муҳити солими психологӣ дар оила ва бартараф намудани масъалаи бекорӣ, омӯзиши малакаҳои мусбати тарбиявӣ аз ҷониби волидайн;

-муаммоҳои иҷтимоию иқтисодии оилаҳои Тоҷикистон ва зарурати таваҷҷуҳ ба тарбияи ахлоқии наврасон;

-байни таъсири афзояндаи омилҳои беруна, аз қабили интернет ва фарҳанги оммавӣ ва коҳиши назорат ва ҳамкориҳои хонаводагӣ.

Ин зиддиятҳо омӯзиши амиқро тақозо мекунанд, то ки равишҳои самараноки истифодаи неруи оила дар тарбияи ахлоқии наврасон таҳия карда шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров", ки ба омӯзиши мавқеи оила дар ташаккули хусусиятҳои инфиродии наврасон барои солҳои 2021-2025 равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқот.** Муайян намудани муаммоҳои психологии оилаи муосири тоҷик дар бунёди муҳити солими психологӣ барои ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1.Таҳлили назарияҳои психологияи иҷтимоӣ оид ба оила ва муҳити психологии он;

2.Баррасӣ кардани намудҳои оила аз нигоҳи психологҳи иҷтимоӣ, ки ба ҳолати психологии наврасон дар оила вобаста аст;

3.Муайян кардани омилҳои психологии худтанзимкунӣ ва худташкилдиҳӣ, натиҷаҳои таъсири каҷрафтории наврасон ба ташакулёбии ҳиссиёти ахлоқии онҳо;

4.Ҷустуҷӯи роҳҳои ташкили таҳқиқот ва истифодабарии методҳои таълим, ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон дар муҳити психологии оила;

5.Омӯзиши мавқеи психологии наврас дар оила бо истифодабарии методҳои таҳқиқоти психологӣ;

6.Таҳқиқ намудани нақши волидон (падару модар, бобою бибӣ ва аъзоёни калонсоли оила) дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврас дар заминаи методҳои эмпирикӣ;

7.Баррасии масъалаи муносибати наврас нисбат ба оила ва муҳити психологӣ-иҷтимоӣ;

8.Таҳлили масъалаи муносибати волидон нисбат ба ҳиссиёти ахлоқии наврасон;

**Объекти таҳқиқот.** Муҳити солими психологии оила ва омилҳои таъсиррасон ба ташаккулёбии ҳиссиёти ахлоқии наврасон.

**Предмети таҳқиқот.** Хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосири тоҷик, гуногуншаклии он, раванди тарбияи маънавии наврасон дар оилаҳои миллӣ, таъсири омилҳои асосии психологӣ ба ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон.

**Фарзияи умумӣ.** Фароҳам овардани муҳити солими психологии оилаи муосири тоҷик хусусиятҳои психологии ба худ хосро соҳиб буда, он дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нақши муассир дорад. Масъалаи мазкур дар заминаи фарзияҳои ҷузъӣ дақиқу возеҳ карда мешавад.

1.Муҳити солим ва аз назари психологӣ мувозини оила аз омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фардӣ вобаста мебошад, ки дар маҷмуъ, ҳисси ахлоқӣ ва психологии наврасонро ташаккул медиҳанд.

2.Муҳити носолими психологии оила омили каҷрафтории наврасон гардида, боиси мушкилиҳои худтанзимкуниву худташкилдиҳии наврасон ва ба ташаккулёбии ҳиссиёти ахлоқии онҳо монеа мешавад.

3.Арзишҳои аслии оила, меҳру муҳабат, волидайнмеҳварӣ, эҳтирому ҳурмати калонсолон, ба роҳ мондани тарбияи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, муайян намудани меъёрҳои муносибат миёни фарзандон бо дарназардошти синну сол аз ҷониби волидон, ба роҳ мондани низоми муайяни зисту зиндагонӣ ва интизоми намунавӣ, назорати мунтазами тарбиявӣ ва расонидани таъсироти психологӣ дар баланд бардоштани ҳиссиёти ахлоқи наврасон барои ташаккули босамари шахсият заминаи мусоид фароҳам меоварад.

4.Таъсири муштараки муносибати наврасон ва мавқеи волидон ҷиҳати тарбияи созанда дар муҳити солими оила барои рушди руҳӣ ва ташаккули ахлоқии наврасон заминаи мусоид ба вуҷуд меорад. Муайян намудани самтҳои асосии ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон дар оила аз мавқеи иҷтимоӣ ва психологии аҳли оила низ вобастагии зич дорад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2018-2023 дар се марҳила гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи аввал (солҳои 2018-2019)** – омӯзиш ва таҳқиқу таҳлили сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи таҳқиқот гузаронида шуд, инчунин, мазмуну моҳияти муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ошкор карда шуд. Инчунин, таъсири ниҳоди оилаи муосир ба ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии наврасон ва мафҳуми “муҳити солими психологии оила” тавсиф дода шуд. Ҳамзамон, методҳо барои корҳои ташхисӣ ва ташаккулдиҳанда ҷамъоварӣ шуда, маводи ибтидоӣ оид ба муҳити психологии муоширати дохилиоилавӣ ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ҷамъоварӣ карда шуданд.

**Марҳилаи дувум (солҳои 2020-2021)** – омӯзиши назария ва амалияи ташаккулёбии шахсияти наврасон. Омода кардани маводи таҷрибавӣ ва гузаронидани озмоиши муқарраркунанда барои муайян намудани андешаҳои

наврасон доир ба муносибати онҳо дар оила аз назари гендерӣ. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот оид ба муайян намудани муҳити психологии муоширати дохилиоилавӣ ва таъсири он ба ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон. Тамоми натиҷаҳои таҳқиқоти ташхисӣ мавриди коркарди оморӣ қарор дода шуданд.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2022-2023)** – марҳилаи хотимавӣ. Дар ин марҳила ҷамъбасткунӣ, коркард ва ба низом даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти гузарондашуда сурат гирифт.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Дар раванди таълифи рисолаи илмӣ дастовардҳои олимони соҳаи психологияи иҷтимоӣ доир ба масъалаҳои оила ва наврасон мавриди истифода қарор гирифта, ҳамчунин, тестҳои таҳиягардидаи М. Землянская, Р.С. Немов, В.Н. Дружинин, Т.В. Андреева, В.Г. Казанская низ зимни таҳлилҳои маводи таҳқиқӣ ба кор гирифта шуд. Дар баробари ин, методикаи «Намудоршавии омилҳои солимии психологӣ»; методикаи таҳқиқи дараҷаи майл ба эмпатияи И.М. Юсупов дар рафти таҳқиқ мавриди корбурд қарор гирифта, методҳои умуминазариявии таърихӣ -муқоисавӣ, мавзуӣ-мундариҷавӣ, сохторӣ, системавӣ, индуктивӣ ва анализ, методи синтетикӣ, методҳои эмпирикӣ чун мушоҳида, суҳбат, пурсишнома, дастгирии психологӣ, воридшавӣ ба гурӯҳ, таҳлили адабиёт аналогия ва абстраксиянамоӣ, анкета, ташхис, тестгузаронӣ ва дигар равишҳои маъмулу муосири таҳқиқ мавриди истифода қарор дода шуданд. Заминаи назариявии таҳқиқот дар асоси омӯзишу таҳлили вазъи иҷтимоии оила, муҳити солими оилаҳои миллӣ, мавқеи аҳли оила ва муҳити фарҳанги хонаводагӣ таҳия гардид.

Таҳлили математикӣ ва омории маълумоти бадастомада бо истифода аз маҷмуи усулҳои компютерӣ, аз ҷумла STATISTICA барои Windows 7.0 (аз ҷониби Statsoft таҳия шудааст) гузаронида шуд, ки бо усулҳои зерини математикӣ ва оморӣ, яъне таҳлили коррелятсионӣ мувофиқи барномаи Пирсон ва Спирмен, барномаҳои MS Office, R 3.4.0 (фазои коркард: RStudio) ба роҳ монда шуд.

**Сарчашмаи маълумотро** осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи маориф, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ, барномаҳои мақсадноки давлатии рушди соҳаи маориф ва илм, низомномаю дастурамалҳо, инчунин, таҷрибаи пешқадами психологӣ-педагогии омӯзгорон ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот:** Дар таҳқиқот 73 духтари наврас ва 67 нафар писари навраси аз синни 13 то 16-сола, 30 нафар модари то синни 40-сола, 12 нафар модари то синни 50-сола ва 21 нафар падари то синни 50-сола иштирок намуданд. Ба таври умум, дар таҳқиқот 140 наврас иштирок намуданд, ки аз он 52% фоиз духтарон ва 48% фоизро писарон ташкил менамоянд.

**Пойгоҳи илмии таҳқиқот.** Интихоби гурӯҳҳо вобаста ба мароми таҳқиқот муайян гардида, омӯзиши андешаи наврасон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 24, 7, 14-и шаҳри Хуҷанд ва волидони онҳо гузаронида шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз нуктаҳои зерин иборат аст:**

- Таҳлили ҳамаҷонибаи навъҳои гуногуни оила зимни таҳқиқот ҷараён гирифта, муайян карда шуд, ки инкишофи зеҳниву психологии наврасон ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқии онҳо вобаста ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии оила вобаста буда муносибатҳои тарбиявии калонсолони оила дар таҳкими боварҳо ва таълиму тарбияи наврасон заминаи мусоид фароҳам меоварад. Муносибатҳои ахлоқӣ ва тарбиявии волидон бо наврасон дар сатҳи психологии гуногун қарор гирифтанаш барои татбиқи тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули шахсияти наврасон таъсири назаррас дорад;
- Бо вуҷуди мавҷуд будани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар оилаҳои муаммодор каҷрафтории наврасон ба назар мерасад, ки бевосита аз муносибати дурушти волидон сарчашма мегирад. Роҳҳои ҳалли муаммоҳои худтанзимкунӣ ва худташкилдиҳии рафтори наврасон пешниҳод карда шудааст;

- Ҳиссиёти ахлоқии наврасон дар оила нисбат ба падар ва модар дар сатҳи гуногун ифода гардида, ҳиссиёти ахлоқии писарон ва духтарон низ нисбат ба якдигар мухталиф мебошад;

- Меъёрҳои тарбия ва раванди таълиму тарбияи наврасон дар оилаҳои тоҷик нисбат ба раванди таълиму тарбия ва муҳити хонаводагии ҷомеаи ғарбӣ комилан аз ҳам тафовут дорад, ки ҳангоми омӯзиши муносибатҳои психологӣ дар муҳити оила байни волидон ва наврасон муайян гардид.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муҳити солими психологӣ дар оила ҳамчун омили муҳим ва шарти ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон дида баромада мешавад. Таъсири муносибатҳои байнишахсӣ ва фазои психологии оила ба раванди инкишофи шахсият ва ахлоқи наврасон муайян мегардад.

2. Сатҳи эътимоднокӣ, дастгирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар оила метавонад ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврас аз ҷиҳати мусбӣ мусоидат намояд, дар ҳоле ки муҳити низоъ ангез ва ноустувор метавонад сабаби ташаккули стресс ва ихтилофоти дохилии ӯ гардад.

3. Муносибатҳои оилавӣ ва усулҳои тарбиявӣ, бевосита, ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ, аз ҷумла ҳамдардӣ, масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои иҷтимоӣ, таъсир мерасонанд.

4. Омилҳои муҳимми ташаккули муҳити солими психологӣ дар оила, сатҳи маърифати психологӣ ва фарҳанги муоширати аъзои оила мебошанд. Истифодаи равишҳои илмӣ дар муошират ва тарбияи кӯдакон метавонад равандҳои инкишофи ахлоқиро дар наврасон самараноктар гардонад.

5. Таҳия ва татбиқи барномаҳои махсуси машваратӣ ва психологӣ барои беҳтар намудани муҳити психологии оилаҳо ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии волидон оид ба тарбияи ҳиссиёти ахлоқии наврасон мусоидат менамояд.

6. Ташкили машғулиятҳои назариявию амалӣ дар асоси барномаҳои таълимӣ оид ба рушди қобилиятҳои эмотсионалӣ ва ахлоқии наврасон дар муассисаҳои таълимӣ, дар ҳамкорӣ бо равоншиносон ва мутахассисони соҳаи

педагогика метавонад ҳамчун воситаи иловагии дастгирии муҳити солими психологӣ дар оила хизмат намояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада дар раванди таълими барномаҳои таълимии соҳаи психология мавриди тадрис қарор хоҳанд гирифт. Ҳамчунин, дар татбиқи амалии муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки дар самти танзими муносибатҳои оилавӣ ба тасвиб расидаанд, иттилооти таҳқиқот метавонад маводи заруриро пешниҳод намояд. Илова бар ин, истифодаи маводи таҳқиқот дар самти тарбияи психологӣ, маърифатӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи наврасон заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард. Корбурди натиҷаҳои таҳқиқот дар коркарди барномаҳо барои оилаҳои ҷавон, волидайн, мушовири оилавӣ, машварати равонӣ бо наврасон ҳамчун асос муфид мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар рисолаҳои илмии минбаъда дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таълими курсҳои психологияи муносибатҳои оилавӣ, психологияи иҷтимоӣ, психологияи синнусолӣ ба таври васеъ истифода бурд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот шартҳои эмпирикӣ ва назариявӣ риоя гардида, асосҳои назариявии таҳлили далелҳои бадастоварда истифода бурда шудаанд, ки натиҷаи онҳо объективӣ мебошанд. Ҳангоми ташкил ва интихоби гурӯҳҳо вазифаҳои таҳқиқот, вобаста ба мароми рисола, низ ба назар гирифта шуда, методҳои индуктивӣ ва оморӣ дар рафти таҳлили натиҷаи таҳқиқот истифода гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, аз ҷумла: ба *банди* 2 – қонуниятҳои муошират ва баҳамтаъсиррасонии одамон; тарафи иртиботии муошират (хусусиятҳои хоси робитаҳои байни одамон; намудҳои иртибот; воситаҳо: иртиботи шифоҳӣ ва

ғайришифоҳӣ; самаранокии раванди иртиботӣ; хусусиятҳои иртиботи оммавӣ); тавсифдиҳандаҳои иҷтимоӣ-психологии низоъҳои иҷтимоӣ ва байнишахсӣ; *банди* 3 – Психологияи иҷтимоии гурӯҳҳо: гурӯҳ ҳамчун предмети таҳқиқоти психологияи иҷтимоӣ; таснифоти гурӯҳҳо; психологияи муносибатҳои байнигурӯҳӣ (механизмҳои идроки байнигурӯҳӣ; самаранокии фаворитизми дохилигурӯҳӣ ва табъизи байнигурӯҳӣ); *банди* 4 – Психологияи иҷтимоии шахс: хусусиятҳои раҳёфти иҷтимоӣ-психологӣ ба фаҳмиши шахс; таносуби шахс ва гурӯҳ дар психологияи иҷтимоӣ; Ман-консепсия ҳамчун натиҷаи рушди иҷтимоии шахс; ҳувияти иҷтимоӣ ва шахсиятӣ ва худмуайянкунии ҳаётӣ; раванди иҷтимоишавӣ дар шароитҳои тағйирёбии ҷаҳон; *банди* 5- Воситаҳои амалии психологияи иҷтимоӣ: соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия; хусусиятҳои таҳқиқот ва корҳои амалии иҷтимоӣ-психологӣ дар шароитҳои тағйироти иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии унвоҷӯ аз таъини мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Таҳқиқотҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ маҳсуб меёбанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар таърихи 10-уми майи соли 2025-ум (протоколи №9$^{A}$) муҳокима гардида, он пас аз ислоҳи эродҳои ҷойдошта ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок ва суханронӣ намудааст, аз ҷумла:

1.Ташхиси мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон. “For attending the thirteenht international scientific-practical conference “Scince and education in the modern world: Chalenges of the 21$^{st}$ centrry” (Астана, 2023);

2.Инкишофи нутқ ва нақши он дар ташаккули шахсияти кӯдакон. Маводи конференсияи илми-амалии минтақавӣ – “Муаммоҳои муосири педагогӣ-психологии кӯдакони синни томактабӣ ва роҳҳои такмили он дар ҷараёни таълиму тарбия” (Хуҷанд- 2023);

3.Проблема повышения эффективности личностного и профессионального совершенствования будущего учителя. Маводи конференсияи илмӣ-амалии умумидонишгоҳии “Масъалаи рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон” (Хуҷанд-2018).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва 4 замима иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 169 сарчашмаро дар бар мегирад. Дар рисола 12 ҷадвал ва 8 расм пешниҳод гардидааст. Ҳаҷми диссертатсия 196 саҳифаи компютерӣ иборат мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ МУАММОҲОИ ПСИХОЛОГИИ МУҲИТИ СОЛИМИ ОИЛА

## 1.1. Таҳлили назариявии таъсири ниҳоди оилаи муосир ба ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии наврасон

Дар замони муосир таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаҳои мухталифи илмӣ, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам ҷиҳати амалӣ, ба институти оила боз ҳам бештар гардидааст. Диққати хосса бо мақом ва нақши оила дар ташаккул ва рушди шахсият иртибот дошта, устуворӣ ва пойдории оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, бахри ояндаи ҷамъияти солим зарур мебошад. Афзуншавии оилаҳои муаммодошта ва буҳронӣ дар давраи гузариш ин вобастагиро ба таври равшан инъикос менамояд.

Қобили тазаккур аст, ки дар масири таърихи инсоният оила ҳамчун институти муҳимми ҷомеа вазифаи дастгирӣ дар тарбия намудани фарзандонро ба уҳдаи хеш дошт. Одамони дар оилаҳои бузург тарбия гирифта, дониш ва малакаи зарурии ҳаётиро ба таври аз насл ба насл интиқол медиҳанд. Дар ҷамъияти муосир бошад, вақте ки робитаи байни наслҳо вайрон шудааст, интиқоли донишҳои зарурӣ доир ба ташаккули оила ва тарбияи фарзандон ба яке аз вазифаҳои муҳимми ҷамъият мубаддал гаштааст.

“Оила ҳамчун низоми зинда ба ҳисоб рафта, бо энергия ва иттилоот бо муҳити атроф мубодила менамояд”-қайд намудаанд С. Минухин ва Ч. Фишман [79, с.28]. Дар ҳақиқат, институти оила дар масири таърихи инсоният ҳамчун ниҳоди муҳимми ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад, ки аз мустаҳкамии он ташаккул ва ба воя расидани шахсияти комил вобастагӣ дорад.

Дастгирии оила ва афзун намудани иқтидори тарбиявӣ дар он, нигоҳ ва назари дониши ҳамаҷонибаи илмӣ, маҳорат ва малакаи муайян намудани кӯшишҳои касбӣ, дарёфти восита ва тарзҳои таъсироти байниҳамдигариро тақозо менамояд. Оила ҳамчун низоми махсус ва фазое баромад менамояд, ки дар он инсон ҳамчун шахсият ташаккул ва инкишоф ёфта, дар ҷараёни он

падидаҳои мухталифи иҷтимоиро аз сар мегузаронад ва фаъолияти эҷодӣ мебарад. Инсон кӯшиш менамояд, ки мустаҳкамии оила, покизагии он, меҳру муҳаббат нисбати ҳамсарон ва фарзандон мустаҳкам гардида, тарбияи фарзандон дар руҳияи ахлоқи ҳамида ва дарёфти мавқеъ ва манзалати хеш дар ҷомеа ба роҳ монда шавад.

Иҷтимоишавии ниҳоди никоҳ ва оила, ҳамчунин муносибатҳои байни одамон мувофиқи консепсияи Г.Л. Морган, Ф. Энгелс, дар натиҷаи рушди тулонӣ тағйиротҳоро аз сар гузаронидааст. Институти никоҳ ва оила баробар ба вуҷуд наомадааст. Мисол, Ф. Энгелс чунин мешуморад, ки то давраи пайдоиши оила муносибати байни ҷинсҳо бетартиб буд ва онро “инсест” меномид (аз заб. лот. incestus – маънои ҷиноӣ, гуноҳро дорад, алоқаи ҷинсӣ байни хешутабори хунин-волидайн бо фарзандон, бародару хоҳарон) ва он дар ҳудуди таърихӣ байни ҳазорсолаҳо ғайб мезанад ва ташаккули никоҳ ҳамчун муносибати танзимшавандаи оила дар ҷомеа ҳисобида мешавад. Мувофиқи ақидаи Ф. Энгелс, дар ибтидо никоҳи гурӯҳӣ ҳукмрон буд, ки дар он фақат модари кӯдак муайян буду халос. Доир ба моҳияти сохти авлодӣ сухан ронда, Ф. Энгелс онро заминаи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъияти ибтидоӣ номидааст. Ӯ танҳо бо пайдоиши никоҳи ҷуфт доир ба оила ҳамчун падидаи махсуси иҷтимоӣ сухан меронад [22, с.414].

Институти оила санҷишҳои ҷиддии замон ва фазоро гузашта, имрӯз нақши он дар ҳаёти фард ва ҷамъият арзиши баландро соҳиб гардидааст. Илм дар бораи оила, дар шароити симоҳои гуногуни таркиби оилавӣ ва гуногуншаклии тасаввуроти одамон дар бораи оила ва никоҳ рушд ёфта истодааст.

Дар илмҳои ҷомеашиносӣ ба мафҳуми оила таърифҳои гуногун дода шуда, мазмуни умумии онро ба таври зерин овардан мумкин аст: оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, ҳамчун фазои фаъолияти ҳамҷояи ҳаётӣ фаҳмида мешавад, ки дар он талаботҳои махсуси одамони аз ҷиҳати хунӣ ва хешутаборӣ иртибот дошта, амалӣ карда мешаванд. Психолог Г. Навайтис бар он ақида аст, ки таърифи равонии муҳити оила бо мақсадҳои тадқиқи

оила ва бо мақсадҳои баҳамтаъсиррасонии психолог бо оила бояд мувофиқат намояд. Вай оиларо ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ баррасӣ месозад, ки мадади психологи касбиро аз ҷониби мутахассисон қабул менамояд. Хусусияти муҳимми баҳамтаъсиррасонии оилавӣ муттаҳидсозии қаноатмандии талаботҳои мухталиф мебошад, ки таркиби оилавӣ ва функсияи оила рушд меёбад. Машварати равоншиносӣ ба оила имконияти мувофиқа ва қаноатманд намудани талаботҳои хешро медиҳад [84, с.12-24].

Таърифи анъанавии мафҳуми оиларо меорем. Оила-ин шакли муҳимми ташкили ҳаёти шахсӣ, навъи умумияти иҷтимоӣ, гурӯҳи хурд мебошад, ки дар асоси иттифоқи ҳамсарон, алоқаҳои хешутаборӣ ё фарзандхонӣ, яъне дар муносибатҳои бисёрҷонибаи байни шавҳар ва зан, волидайн ва фарзандон, бародарон, хоҳарон, хешутабор ба таври ҳамҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ доранд, фаҳмида мешавад.

Аксари мутахассисон таърифи А.Г.Харчевро истифода мебаранд. Мувофиқи он “оила-ин низоми таърихан мушаххаси муносибати дутарафаи байни ҳамсарон, байни волидайн ва фарзандон мебошад. Оила гурӯҳи хурди иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки аъзоёни он тавассути муносибати никоҳӣ ё волидайн бо ҳаёти маишии умумӣ ва масъулияти байниҳамдигарии маънавӣ, зарурияти иҷтимоӣ алоқаманд буда, дар талаботи ҷамъият баҳри таҷдид (азнав бавуҷудоварӣ)-и ҷисмонӣ ва маънавии аҳолӣ вобастагӣ дорад” [115, с.14].

С.В.Ковалев бошад, якчанд ҷиҳатҳои муҳимми оиларо нишон медиҳад. Ӯ чунин қайд менамояд: “Маҳз оила ҳамеша муҳити муҳимми ташаккули шахсият буд, ҳаст ва боқӣ мемонад. Он чун институти асосии тарбия баромад намуда, на танҳо ба такрористеҳсоли аҳолӣ, балки аз нав эҷодсозандаи тарзи ҳаёти ӯ ба ҳисоб меравад” [60, с.3]. Аз нуқтаи назари ӯ оила бо гузашти замон, бо дарназардошти дигаргуниҳо дар ҷамъият тағйир меёбад; оила гурӯҳи хурд ба ҳисоб меравад, чунки ба таърифи ин ҷузъи ниҳоии ҷамъият ворид мешавад; зарурати иҷтимоии оила дар талаботи ҷамъият баҳри иҷрои вазифаҳои мазкур ва тарбиявӣ иртибот дорад, зеро ки

кафолати идомаи мавҷудияти инсониятро медиҳад. Оила низоми кушоди ба таври мунтазам инкишофёбанда мебошад, ки имкониятҳои мутобиқшавиро соҳиб аст.

Дар ин ҷо талаботи В.А.Сысенко нисбати омодагии ахлоқӣ-равонии шахсият ба ташкили оиларо таъкид намудан ҷоиз аст. Ӯ маҷмуи як қатор талабот, уҳдадорӣ ва намунаи рафторро тақозо менамояд, ки дар рафти он ҳаёти оилавӣ ба танзим даровардa мешавад, ба мисли "омодагии қабули низоми нави уҳдадорӣ ба худ нисбати ҳамсари ҳаётӣ ва фарзандони дар оянда тавлидшаванда ва масъулият нисбати рафтори онҳо; эҳтироми ҳуқуқ ва шаъну шарафи аъзоёни дигари оила; омодагӣ ба муоширaт, ҳамкорӣ ва мувофиқати таъсири мутақобила; маҳорат ва малакаи қабули одат ва хислатҳои рафтори инсони дигар ва дарки маънавиёт ва ҳолати ӯ" [60, с.9].

Дар ҳақиқат, В.А.Сысенко дуруст қайд намудааст, зеро ташаккули фарҳанги волои ахлоқӣ, таҳаммулпазирӣ, накукорӣ, олиҳимматӣ дар инсон имконият фароҳам меорад, ки шахси дигарро бо тамоми норасоиаш қабул намояд ва онро дар ҷараёни ҳамзистӣ ислоҳ созад, тағйир диҳад.

Аз рӯйи нуқтаи назари В.Ю.Слабинский чунин навъҳои оила мавҷуданд: оилаи васеъ-якчанд наслҳои аъзоёни оиларо фаро мегирад; оилаи анъанавӣ-аз намояндагони се ва зиёда насл иборат аст, ки онҳо дар иртиботи зичи равонӣ ва моддӣ қарор доранд; оилаи нуклеарӣ - ҳамсарон бо фарзадони худ дар алоҳидагӣ зиндагӣ мекунанд; оилаи васеи нуклеарӣ; оилаи нокомил; ҳамхонагӣ-муносибати ҳамсарон дар асоси шартномаҳои на хислати ҳуқуқӣ, балки хислати хусусӣ дошта, амалӣ мегардад [90, с.120].

Дар илми психология ҳангоми омӯзиши институти оила таваҷҷуҳи хосса ба вазифаҳои он дода мешавад. Аз ҷониби психологон мавҷудияти функсияҳои зерин таъкид гардидааст: тавлид ва тарбияи фарзандон; нигоҳдорӣ, рушд ва интиқоли арзишҳо ва анъанаҳои ҷомеа ба наслҳои оянда; қаноатмандии талаботи одамон дар ҳаловати равонӣ ва дастгирии ҳиссиётӣ, ҳисси бехатарӣ, меҳрубонӣ ва муҳаббат; ташкили шароит баҳри рушди шахсияти ҳамаи аъзоёни оила; қаноатмандии талаботи шаҳвонӣ;

қаноатмандии талаботи тариқи ҳамҷоя гузаронидани истироҳат; ташкили бурдани хоҷагии хонагии ҳамҷоя, тақсимоти меҳнат дар оила, ёрии байниҳамдигарӣ; қаноатмандии талаботи инсон дар муоширaт бо одамони наздик; қаноатмандии талаботи фардӣ дар падарӣ ё модарӣ, иртибот бо фарзандон, тарбияи онҳо; назорати иҷтимоӣ аз болои рафтори аъзоёни алоҳидаи оила; ташкили фаъолият баҳри таъмини молиявии оила; нигоҳдории саломатии аъзоёни оила, ташкили истироҳат. "Қайд кардан зарур аст, ки оилаи комил комёбӣ ва муваффақияти тарбияи наврасро кафолат намедиҳад, балки омилҳои мусоидро баҳри ташаккули шахсияти ӯ ба вуҷуд меорад" [102, с.157].

Хушбахтии оилавӣ - ин маҳсули эҷодиёти гурӯҳӣ мебошад. Дар оила ҳамчун низоми муносибатҳои наздик ғаму андӯҳи яке дигаронро низ таъсир мебахшад ва баръакс ҳиссиёти шодиву шодкомӣ барои аҳли ҷомеа сурур меорад. Хусусан, дар замони ҳозира, ки ҳарду волидон бештар бо кор машғул мебошанд, дар муносибати онҳо баробарӣ, эҳтироми якдигар ва дар фарзандон тарбия намудани ҳиссиёти поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ, шуҷоат ва самимӣ дар муносибат бо дигарон бештар таъкид мешавад.

Аз рӯйи таснифот оиларо ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал фарқияти таркиби оилавӣ тааллуқ дорад, ки он чунин аст: аз рӯйи тааллуқ доштани ҳамсарон ба умумияти иҷтимоии муайян-эндогамия, экзогамия; аз рӯйи миқдори шарикони никоҳӣ-моногамия, полигамия; аз рӯйи шакли ҳуқуқии муносибатҳои никоҳӣ: никоҳи расман ба қайд гирифташуда, никоҳи ғайрирасмӣ; аз рӯйи таркиби ҳокимият дар оила - патриархалӣ (падаршоҳӣ), матриархалӣ (модаршоҳӣ), эгалитарӣ; аз рӯйи миқдори насл дар оила-якнасла, нуклеарӣ, бисёрнасла (бузург, мураккаб); аз рӯйи мавҷудияти волидайн-комил, нокомил (падарӣ, модарӣ), махсус; аз рӯйи миқдори фарзандон дар оила-камфарзанд, миёнафарзанд, бисёрфарзанд.

Гурӯҳи дуюми таснифот хусусияти амалишавии оила ва сифати ҳаёти оилавиро ба таври комил инъикос менамояд. Дар ин ҳолат нишонаҳои зерин чун асос барои таснифот баромад мекунанд: сифати иҷрои функсияҳои

оилавӣ-муқаррарӣ, ғайримуқаррарӣ; аз рӯйи вазъияти ҳаловати равонӣ-хушу осуда ва бадбахтона; аз рӯйи тарзи самаранок ҳал кардани муаммоҳои оилавӣ-баркамол ва муаммодор; аз рӯйи қаноатмандии ҳамсарон нисбати никоҳи хеш-ҳар ду ҷониб қаноатманд, яке аз тарафҳо қаноатманд, ҳар ду ҷониб ноқаноатманд.

Ю.Е. Алешин дар назарияи худ чунин таъкид менамояд, ки: "таснифоти асосии нақшҳо дар оилаи муосир ба таври зерин инъикос гардидааст: масъул барои таъминоти моддӣ; хӯҷаин; масъул барои нигоҳубини фарзанд; тарбиятгар; шарики шаҳвонӣ; ташкилотчии вақтхушӣ; масъул баҳри нигоҳдории алоқаи хешутаборӣ ва ғайра" [135, с.117].

Таъкид кардан зарур аст, ки оила ба мисли қаринаи иҷтимоии он мунтазам тағйирёбанда мебошад. Функсия ва таркиби оила дар робита аз вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷамъият ба худ симои навро касб менамояд.

"Оила ташкилаи муназзам ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни он марҳилаҳои сифатии мухталиф, чун мусбӣ ва манфӣ арзёбӣ мегардад, ки ба муносибати байниҳамдигарии оилавӣ таъсири худро мерасонад. Он доимо бо вазъияти мушкил рӯ ба рӯ мешавад" [102, с.168].

Дар масири таърихи инсоният оилаҳое мавҷуд буданд, ки онҳо мушкилиҳои равонӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ доштанд. Дар ин ҷо мафҳуми "оилаи муаммодор" мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Ба маънои маҳдуд, он ба оилаҳое тааллуқ дорад, ки ба таври самаранок вазифаҳои инкишофи оилавиро дар марҳилаҳои мухталифи ҳаётӣ ҳал карда наметавонанд. Мисол, оилаи ҷавон, ки дар он низоъҳои байнишахсӣ бештар рух медиҳад. Ё оилаи кӯдаки хурдсолдошта, ки дар он ҳамсарон ҳоло нақши падар ва модарро комилан азхуд накарданд.

Инчунин, "ба оилаи "муаммодор" оилаи дисфунксионалӣ; оилаи бадбахт; оилаи бо кӯдаки аз ҷиҳати равонӣ ё ҷисмонӣ бемор ва ё волидайни бемор ва маъюб дошта; оилае, ки дар он вайроншавии робитаи байни аъзоён ба назар мерасад; оилаи носозгор; оилаи аз ҳамдигар ҷудошуда; оилаи

майзадагон; оила дар асоси никоҳи дуюм ташкилшуда низ дохил мешаванд” [90, с.208].

“Ба ақидаи муҳаққиқони соҳаи психологӣ таъсири манфии оилаҳои муаммодор ба ҳаёти фарзандон чунин арзёбӣ мегардад:

1.Наврас дар шароити ногувор ва ихтилофноки оилавӣ, номувофиқатии талаботи падар ва модар ба воя мерасад, ки дар оянда метавонад ба ташаккули тасаввуроти ӯ манфӣ ифода гардад;

2.Фазои маънавии оила аз оромӣ, сулҳу субот, хушиву беҳбудӣ ва устуворӣ маҳрум аст, ки ҳамчун шарти зарурӣ баҳри инкишофи маънавӣ ва равонии наврас зарур мебошад;

3.Бемориҳои асабӣ-равонии фарзандон якбора авҷ мегирад;

4.Беназоратии рафтори наврасон меафзояд;

5.Қобилияти наврас ба мутобиқшавӣ паст мегардад;

6. Наврас як қатор меъёрҳои ахлоқии умумиинсониро дарк намекунад;

7. Дар наврас бештар ҳиссиёти ихтилофнок ба волидайни худ, баъзан муносибати душманӣ ба яке аз онҳо ба вуҷуд меояд” [60, с.25].

Аз ин ҷо, ба оилаи “муаммодор” ҳамаи он оилаҳое, ки иқтидори пасти ҳалли вазифаҳои инкишофро дар ин ё он марҳилаи ҳаётӣ дошта дохил мешаванд, ки рушди шахсияти ҳар як аъзои оиларо таъмин карда наметавонанд. С.Минухин ва Ч.Фишман хусусиятҳои оилаҳои муаммодорро чунин таъкид намудаанд: мавҷудияти муамморо дар оила инкор мекунад; алоқаи шаҳвонӣ ба таври кифоя мавҷуд нест; ҳиссиёти шарму ҳаё сабаб барои рафтори фардӣ мегардад; нақшҳои оилавӣ шахшуда мебошанд; айнияти инфиродӣ ба айнияти талафоти оилавӣ мубаддал мегардад; муошırати аъзоёни оила дар сатҳи паст қарор дорад; ҳудудҳои “ман”-и аъзоёни оила шуста мешаванд; асотирҳои оилавӣ ба воқеият мувофиқат намекунанд; низоъҳо дар шакли пӯшида мегузаранд; зарофат, некбинӣ ва ғамхорӣ нисбати ҳамдигар кам ба назар мерасад; хусумати аъзоёни оила нисбати якдигар ба таври бисёр вуҷуд дорад [79, с.27-32]. Бинобар ин, С.Минухин ва Ч.Фишман қайд карданд, ки: “Дар марҳилаҳои номбаршуда

одамон бо муаммоҳои нисбатан мураккаб рӯ ба рӯ мешаванд. Лекин дар дилхоҳ вазъияти баамаломада принсипи асосӣ боқӣ мемонад: оила бояд марҳилаҳои муайяни рушд ва бузургшавиро аз сар гузаронад. Оила бояд марҳилаҳои буҳрониро паси сар намуда, ба ҳолати нав гузарад” [79, с.33].

Дар оилаҳои солим бошад, баръакс қоидаҳои оилавии муташаккил вуҷуд дорад, ки ҳамчун тамоюли мусбӣ баҳри рушди шахсият хизмат мекунад. Дар ин гуна оилаҳо фосилаи амиқ байни наслҳо вуҷуд дошта, дӯстон ва хешу таборони аъзоёни оила бе тарсу ваҳм ба муҳити он ворид мешаванд.

Оилаҳои “муаммодор”-ро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Яке аз он оилаҳои кӯдаки аз ҷиҳати равонӣ ва ҷисмонӣ бемор ва ё волидайни бемор ё маъюб дошта ба қатори оилаҳои “муаммодор” дохил мешаванд. Тавлиди кӯдаки бемор ҳамчун омили манфии таъсиррасон дар оила ба ҳисоб рафта, метавонад ҳамчун замина баҳри барҳамхӯрии оила мусоидат намояд. Одатан, модарон бештар бо кӯдакони носолими хеш мемонанд, ҳарчанд падарон низ бояд то охир нисбати чунин кӯдакон ғамхорӣ ва онҳоро нигоҳубин намоянд. Дар ин вақт таваҷҷуҳи махсуси волидайн ба кӯдаки носолим равона гардида, ҳамсарон нисбати ҳамдигар ва фарзандони дигари солим кам аҳаммият медиҳанд ва ин боиси пайдоиши мушкилиҳои оилавӣ мегардад. Муносибати ҳамсарон ва норозигӣ нисбати ҳамдигарӣ афзун гардида, ба ҷанҷол ва кашмакашиҳои оилавӣ, руҳафтодагӣ ва таназзули оилавӣ оварда мерасонад.

Дигар навъи оилаи “муаммодор”-ин оилае мебошад, ки дар он иртиботи байни аъзоёни оила вайрон гардидааст. “Психологи амрикоӣ Г.Бейтсон дар ҳамҷоя бо Д. Джексон ва Дж.Хейли дар солҳои 60-уми асри гузашта ҳангоми омӯзиши қолабҳои ғайриодӣ дар оилаҳои фарзандонаш маҷзубро мавриди тадқиқ қарор додааст, ки моҳияти он чунин аст: волидайн ба фарзанд дар як вақт ду ахборотро ирсол менамоянд, ки яке дигареро инкор мекунад” [90, с.211]. Мисол, модар оид ба меҳру муҳаббат нисбати фарзандаш баён намуда, аз вай дурӣ меҷӯяд; аммо вақте ки фарзанд дар худ маҳдуд мегардад, волидайн ӯро маломат месозанд. Ҳамин тавр, фарзанд ба

таври доимӣ чунин ахбороти хислати духӯра доштаро гирифта, дар оянда аз ҷаҳони беруна худро дур месозад.

Ба ақидаи С. Минухин ва Ч.Фишман “фарзандон ба воя расида, ба низоми оилавӣ ҷузъиётҳои навро ворид месозанд” [79, с.31]. Инчунин, С.Минухин мафҳуми “калобаи печ дар печ” (чигил)-ро ҳангоми тадқиқи оилаҳои дисфунксионалӣ ворид намудааст. Дар чунин оилаҳо фарқияти инфиродӣ дида намешавад. Ӯ мафҳуми “ҳудуд”-ро ворид сохта, дар зери он хатҳои шартиро мефаҳмад, ки фазои оилавиро ба қисматҳои алоҳида ҷудо месозад. Ҳудуд дар оила “калобаи печ дар печ” буда, он байни қисматҳои оила шуста шудааст, ягон қоида вуҷуд надорад. Робитаи оилавӣ дар чунин оилаҳо мураккаб буда, аъзоёни оила муаммои хешро аз дигараш фарқ карда наметавонанд ва дар он нуқс ва иллати равонӣ, воҳима ва ҳаяҷону изтироб бештар ба назар мерасад [79, с.65-67].

Оилаи носозгор низ ба қатори оилаҳои “муаммодор” дохил мешавад. Психолог А.Спиваковская ин намуди оилаҳоро тадқиқ намуда, мураккабии хушоҳангии ҳамсарӣ ва волидайниро таъкид намудааст, ки ҳар як қонунияти равонии рафтори ҳамсарон ва падару модарро муайянкунанда, низои ботинӣ ва зиддиятро дар худ таҷассум менамояд [109 с.3-4].

Муттаҳид гардидани мард ва зан дар никоҳ маънои онро дорад, ки ҳангоми таъсироти мутақобила бо ҳамдигар ҳамсарон дар мавқеъҳои гуногун қарор доранд. Кӯшишҳои онҳо дар амалишавии мақсад ва манфиатҳо дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти ҳамҷоя амалӣ мегардад. Ҳангоми ташкили умумияти оилавӣ зиддияти байни талаботи тарафайн ба вуҷуд меояд. Оилаҳои созгор мувозинаро дар муносибат мепазиранд, ки натиҷаи мубориизаи тамоюли мухолиф мебошад. Сохтори оилавӣ ҳамон вақт вайрон мегардад, ки агар талаботи яке аз ҳамсарон қаноатмандии хешро дарнаёбад. Пойдорӣ ва хушоҳангии муносибатҳои оилавӣ ба ҳамдигар бо пурра сохтани сифатҳои шахсӣ таъмин мегардад. Дар оила ҳадафҳои шахсии ҳамсарон ба ҳам мувофиқа мегарданд. Агар яке аз ҳамсарон бахри манфиати оилавӣ аз нақшаҳои хеш даст кашад, ин ҳиссиёти хушбахтиро ба вуҷуд меорад.

Яке аз навъҳои оилаи “муаммодор” ҳамоне мебошад, ки ҳамсарон дар саргаҳи ҷудошавӣ қарор доранд ё падару модар аз ҳам ҷудо мебошанд. Ҳар як аъзои оила ҳолати вазнини равониро аз сар мегузаронад. Таъсири бештар дар ин ҳолат дар кӯдакони синнашон то 6- сола дида мешавад. “Кӯдакони синнашон аз 3 то 6- сола пас аз ҷудошавии волидайн ҳиссиёти баланди гуноҳ ва ҳақириро аз сар мегузаронанд. Кӯдакони синнашон 7-8- сола ҳиссиёти қаҳру ғазаб ва кина нисбат ба падарро эҳсос менамоянд. Дар синни 10-11- солагӣ бошад, онҳо худро бепарастор ва озорёфта меҳисобанд ва нисбати падару модар бо хашм муносибат мекунанд. Танҳо дар синни 13-18- солагӣ ҳиссиёти талафдиҳӣ ва ранҷишро эҳсос намуда, наврас метавонад ба таври мустақилона сабабҳо ва оқибати ҷудошавии волидайн, сифати муносибати хешро бо ҳар яки онҳо тасаввур намояд” [90, с.217].

Аз рӯйи нуқтаи назари А.И Ташева “ба амиқшавии ҳиссиёти ғаму андӯҳ дар фарзандон ҳолатҳои зерин таъсир мерасонанд: ҷанҷоли волидайн ва муносибати бад нисбати фарзанд; тағйирёбии муошират бо модар; паст гардидани эҳсоси падар дар оила; бадшавии муносибат дар байни ҳамсолон” [159, с.532-543].

Набудани тарбияи падар дар оила дар ташаккули шахсияти фарзандон-хоҳ писар ва хоҳ духтар, нақши манфии худро мегузорад. Вазъият ҳамон вақт бештар тезутунд мегардад, агар модар ба фарзандаш монеаҳои зиёд эҷод намояд. Аз қабили ёди падар накардан, бо падар муошират накардан, симои падарро бад тасвир намудан ва амсоли инҳо. Баръакси ҳол низ вуҷуд дошта метавонад, агар фарзандон дар тарбияи падар монда бошанд. Дар ин ҳолат вазъияти фарзандон аз ҷиҳати равонӣ вазнин арзёбӣ мегардад. Дар ҳолате ки волидайн бо ҷанҷоли худ овора мешаванду фарзандон дар канора мемонанд ё падару модар фарзандонро дар ҷанҷоли хеш истифода мебаранду симои ҳамдигарро бад мекунанд. Ҳамаи ин ба оқибати бад оварда мерасонад. Писароне, ки дар чунин оила ба воя мерасанд, дар вақти оиладоршавӣ нақши сарвари оила ва падарро бо мушкилиҳо ба субот мерасонанд. Духтароне, ки дар оилаҳои носозгор ба воя расиданд, низ

шавҳар ва писарони хешро намефаҳманд, нақши зан ва модарро ба таври комил иҷро намекунанд.

Баъзан модарон дар вохӯрии фарзандонашон бо падар монеагӣ ба вуҷуд меоранд. Рафтори падар дар чунин ҳолат ба таври зерин арзёбӣ мегардад: ё ба фарзандонаш туҳфаҳо медиҳад, меҳру муҳаббати онҳоро нисбати худаш афзун мекунад, ё баръакс тамоман аз ҳоли фарзандонаш бехабар мебошад. Дар ин оилаҳо фарзандон симои дигари падару модари хешро дар рафтору кирдорашон ҳамарӯза дида, рӯз аз рӯз нисбати эшон нафрат пайдо мекунанд, яъне ҳамаи ин ба вайроншавии ҷаҳони созандаи онҳо оварда, ба ҳолати равонии фарзандон таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷо, “Оилае ки аз уҳдаи тарбия намебарояд, дар раванди иҷтимоишавии наврас ба вайроншавии ҷиддӣ оварда мерасонад” [102, с.152].

Худбаҳодии фарзандон низ дигаргун мегардад: онҳо худро нолозим, нодаркор ҳис мекунанд ва дар ин марҳила фарзандонро ҳиссиёти гӯшанишинӣ фаро мегирад. Дар рафтору кирдори хеш онҳо хоҳиши ҷалб намудани диққати калонсолон ва хешутаборро пайдо мекунанд ва ин тағйироти рафторӣ аз ҷониби бузургони оила бояд саривақт ба эътибор гирифта шуда, онҳоро барои гирифтани машварат назди психолог бурдан лозим мебошад.

Намуди дигари оилаҳои “муаммодор” ин оилаҳое мебошанд, ки дар онҳо яке аз ҳамсарон ба таври танҳо бо тарбияи фарзандон машғул мегардад, яъне модарони танҳо ё падарони танҳо. Дар ин намуд оилаҳо дар низоми оиладорӣ муносибати ҳамсарон вуҷуд надорад. Дар чунин оила ҳаёти иҷтимоии онҳо маҳдуд мегардад; дар муносибат бо фарзандон хислати озодона пайдо менамояд; бо гузашти вақт дар онҳо монеаҳо ба никоҳи дуюмбора ба вуҷуд меоянд. Дар рафтору кирдори фарзандон набудани падар ё модар дар оила ҳис карда мешавад. Дар ин ҳолат вазъи модарони танҳо мушкилтар арзёбӣ мегардад, зеро ки ба падарони танҳо дӯстону наздикон ёрӣ мерасонанд.

Намуди дигари оилаи “муаммодор” ин оилаи майзадагон мебошад, яъне дар он ё падар ва ё модар майзада ҳастанд. Дар фарҳанги оиладории давраи шӯравӣ дар байни мардуми тоҷик бештар намуди падар-майзада ҷой дошт. Дар ин ҳолат тамоми вазнинӣ ва мушкилии оила бар дӯши модар вогузор мегардид. Дар чунин оила инкишоф ва тарбияи фарзандон бархилофи қоидаҳо мегузарад, худбаҳодиҳии фарзандон паст гардида, ҳиссиёти тарс, ваҳм, ғаму андӯҳ кӯдаконро фаро мегирад.

Олимон И.А.Фурманов, А.А.Аладъин, Н.В.Фурманова, ки бо муаммои мазкур машғул ҳастанд, чунин қайд менамоянд: фарзандон дар чунин оила ба яке аз нақшҳои муайян мутобиқ мегарданд: фарзанди бад (ҳолатҳои ногувор ва мушкилро ба вуҷуд меорад), масъулиятшинос (фарзанде, ки масъулияти нигоҳубини хона ва волидайнро ба дӯш мегирад); фарзанд-масхарабоз (тамоми масоили ҳаётиро аз нигоҳи хандаовар баҳо медиҳад); ноаён (фарзанде, ки гӯшанишиниро интихоб мекунад, аз ҷомеа дур мегардад); фарзанди бемор [114, с.67-68].

Инчунин, никоҳи дуюмбора низ ба оилаи “муаммодор” дохил мешавад. Дар ҷомеаи муосир шумораи одамоне, ки ба никоҳи дуюмбора даромаданд, бештар гардидааст, ки ин замина ва асоси худро дорад. Агар яке аз ҷонибҳо - ё шавҳар ва ё зан бо сабабҳои муайян (беморӣ, садама, муҳоҷират ва ғайра) вафот кунад, ё дар ҳолате ки ҳамсарон бефарзанд бошанд ва бахри фарзанддор шудан ба никоҳи дуюмбора ворид мешаванд. Инчунин оилаҳое, ки дар он волидайн дар натиҷаи ягон ҷанҷоли сахти оилавӣ, ё хиёнати яке аз ҷонибҳо аз ҳам ҷудо гаштанд.

Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба оқибатҳои ногувори ҳам моддӣ ва ҳам талафоти ҷонӣ оварда расонд. Дар натиҷаи ҷанг як гурӯҳ оилаҳо бепарастор гаштанд ва аксари занҳои бешавҳармонда маҷбур мешуданд, ки дуюмбора шавҳар намуда, мушкилии тарбияи фарзанди никоҳи якумро ба сар баранд. Инчунин, вабои асри XXI- бемории COVID-19 низ на танҳо ба кишвари мо, балки ба тамоми ҷаҳон низ таъсири манфӣ расонид ва ин бемории сирояткунанда, ки натиҷаи он хеле гарон афтидааст, таъсири худро

ба муносибатҳои оиладорӣ низ расонидааст. Хусусан, он барои муайян намудани муносибатҳои байни аъзоҳои оила, ҳиссиёти онҳо санҷиши сахт гардид. Бештари оилаҳо талафоти ҷонӣ бурданд ва хусусан, таъсири он ба калонсолони оила зарбаи сахт расонид. Чунки дар ин ҳолат ғаму андӯҳро ҳангоми аз даст додани аъзои оила боз ҳам зиёдтар мегардонад.

Ба ҳар ҳол, агар масъалаи барпо сохтани оилаи дуюмбораро аз назар гузаронем, одатан шахсоне ба никоҳи дуюмбора розигӣ медиҳанд, ки дар пайи дарёфти бахти неки хеш ҳастанд. Аммо амалия нишон медиҳад, ки дар чунин оилаҳо як қатор муаммоҳо ва мушкилиҳо дар муносибати ҳамсарон ва фарзандон ба вуҷуд меоянд. Мутахассиси соҳаи равоншиносӣ С.Кратохвилл ин намуди оилаҳоро тадқиқ намуда, навъҳои зерин никоҳи дуюмбораро нишон додааст: хонадоршавии марди миёнсол ва ё калонсол ба зани ҷавон ва бефарзанд; хонадоршавии марди ҷудошуда, ки фарзанд ё фарзандонаш ҳамроҳи модар монданд; хонадоршавии бевамард ва бевазан [67, с.225].

Дар навъи аввал агар зани ҷавон ба рафтору кирдор ва тарзи хоҷагидории шавҳараш аз диди танқидӣ баҳо диҳад, тақдири оила аз қобилият ва лаёқати шавҳар баҳри азнавсозии меъёр ва арзишҳо нисбати зани ҷавон равона мегардад. Дар навъи дуюм бошад, муаммоҳои равонӣ ҳангоми аз ҷониби фарзандон радкунии падарандарашон ба вуҷуд меояд.

Яке аз хатогиҳои никоҳи дуюмбора аз он иборат аст, ки ҷонибҳо онро бо никоҳи аввала, яъне ҳамсарони якум муқоиса менамоянд. Дар назар бояд дошт, ки ҳар як инсон нотакрор мебошад ва ба худ хос хислат, тафаккур, дониш, касбу ҳунар, ҷаҳонбинӣ, фарҳанги муошират ва умуман фарҳанги оиладориро соҳиб аст. Хатогиҳои никоҳи аввалаaро таҳлил намуда, дар ташкили оила дигар набояд ба он роҳ дод. Дар никоҳи дуюмбора инчунин фарзандони ҳам мард ва ҳам зан ва хешу табори тарафайн нақши муайянкунанда мебозанд, яъне онҳо метавонанд дар муносибат ва муошрати оилавӣ таъсири созанда ва ё харобиоварро ба вуҷуд оранд. Фарзандон намехоҳанд, ки ҷойи модари онҳоро шахси дигар ишғол намояд ва аз ҷиҳати равонӣ дар назди падарашон дидани зани дигар барояшон

ногувор аст. Лекин агар фарзандон дарк намоянд, ки падар низ танҳо буда наметавонад, он гоҳ баҳри хушбахтии оила онҳо бояд муносибати некбинона дошта бошанд.

Равоншиноси амрикоӣ Б.Сатир муаммоҳои равонии никоҳи дуюмбораро таҳлил карда: оилаи аз ҷониби мард ва зани аз никоҳи аввала фарзандоштаро оилаи омехта ҳисобидааст [102, с.149].

Ба таҷрибаи ғании кор бо оила такя намуда, Б.Сатир як қатор муаммоҳоро дар никоҳи дуюмбора нишон медиҳад: занҳои фарзанддор такроран ба никоҳ баромада, дар оянда тарбияи фарзандони хеш ва ҳисси масъулиятро ба шавҳарашон бовар намекунанд; муносибати падарандар бо фарзандон нодуруст баҳо дода шуда, дар оянда ба ҷанҷолҳои оилавӣ оварда мерасонад; ҳамсарон аз ҳамдигар интизориҳо доранд, ки аз никоҳи аввала гирифтанд; воридшавӣ ба оилаи нав, азхуд намудани арзишҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои оилавӣ мушкилиҳоро ба вуҷуд меорад ва ин боис мегардад, ки ӯро “бегона” номанд [102, с.228].

Агар ҳамсарон дар оилаи омехта хоҳиши мустаҳкам кардани ин ниҳоди муқаддасро дошта бошанд, дар ин ҳолат онҳо бояд бо таҳаммул, содиқона, самимона ва муоширати кушод дошта бошанд. Онҳо бояд ба ҳамаи фарзандон “бо як чашм нигоҳ кунанд”, яъне чун фарзанди худашон муносибати некбинона дошта бошанд. Қобили тазаккур аст, ки дар гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ба тарбияи наврасон ба таври ба худ хос аҳаммият медиҳанд. “Моҳияти ҳаёти инсонӣ аз он иборат аст, ки инсон ҳамеша дар ҳаракат қарор дорад, ӯ инкишоф меёбад ва дар тули ҳаёти хеш тағйир меёбад ва дигаргун мешавад” [102, с.41].

Фарзанд дар оилаи зиёӣ аз ҷиҳати маънавӣ комил ба воя мерасад, зеро ки волидайни зиёӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури солим, таълиму тарбияи ахлоқии фарзандони хеш аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд. Дар оилаи деҳқон бошад, фарзандон бештар ба меҳнати ҷисмонӣ, корҳои хоҷагидорӣ, заминдорӣ, чорводорӣ, боғпарварӣ маҳорат ва малакаи махсус пайдо менамоянд. Аз ин сабаб, дар деҳот аксари оилаҳо серфарзанд буда,

меҳнат, сарфаю сариштаи зиндагӣ байни эшон мувофиқи синну сол фарқият гузошта шудааст. Дар оилаи коргар бошад, дар тарбияи фарзандон бештар ба меҳнатдӯстӣ, сарфакорӣ, ҷустуҷӯи касбу ҳунаре, ки аз он бештар маблағ ба даст оварда мешавад, инчунин ҳалолкорӣ аҳаммият дода, чунин хислатҳо ташаккул меёбанд. Дар оилаи мансабдорон бошад, ҳолат тамоман дигаргун мебошад. Фарзандони чунин оила аз ҳама ҷиҳат таъмин буда, дар эшон қувваи баланди “ман” ташаккул меёбад, онҳо на ҳама вақт бузургонро иззату ҳурмат менамоянд, ба ҳама чизи тайёр омода ҳастанд, ба меҳнат шуғл намеварзанд, бештар хислати фармонфармоӣ ва ҳукмрониро мепазиранд, бо дӯғу пӯписа сухан мекунанд ва амсоли инҳо.

Қобили тазаккур аст, ки ҳар як оила қоидаҳои рафтори худро дорад, ки барои пешбурди ҳаёти оилавӣ ва муносибати аъзоёни он истифода карда мешавад. “Зери мафҳуми қоидаҳои оилавӣ меъёрҳои “навишташуда” ва “нонавишта” фаҳмида мешаванд, ки рафтори аъзоёни оиларо ба танзим медароранд... Қоидаҳо метавонанд тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии оиларо ба танзим дароранд (тақсимоти вазифаҳо, тарзи вақтгузаронӣ, афзалият дар тақсимоти буҷаи оилавӣ, муошират бо хешовандон ва ғ.). Дар ҳар як оила қоидаҳои манъкунандаи ҳиссиётҳои муайян (таҳдид, тарс, ҳасудхӯрӣ) вуҷуд дошта, барои вайроншавии меъёрҳо нисбати аъзоёни оила чораҳои ҷазо андешида мешавад... Дар оилаҳое, ки тағйирёбии қоидаҳо ҷой дорад (мисол, ҳангоми ба воя расидани фарзандон) ноомадиҳои ҳиссиётӣ ва низоъҳо кам ба назар мерасанд” [94, с.36].

Бо гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ арзишҳо низ дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа дигаргун гаштанд. Аз як тараф ҷиҳатҳои мусбии раванди мазкур ба ташаккули шахсият таъсири мусбӣ мерасонад, яъне дар онҳо меҳнатдӯстӣ, истифодаи самараноки вақт ва низоми корӣ, ҳушёрӣ ва зиракӣ пайдо мегардад. Қисми муайяни наврасон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, технологияҳои замонавӣ машғул мешаванд. Аз ҷиҳати дигар бошад, албатта ҷиҳатҳои манфии он ба наврасон бештар ба назар мерасад. Принсипи адолати иҷтимоӣ ҳоло “ба ҳар кас аз рӯйи қобилият, лаёқат ва меҳнат”

муайян гардида, наврасон бештар ба ҷустуҷӯи маблағ дар бозор аробакашонӣ мекунанд, бо мошиншӯӣ машғул ҳастанд, меҳнати мавсимӣ мекунанд ва ғайра. Яъне наврасон ва ҷавонони ҳозира бештар таваҷҷуҳи махсуси хешро барои дарёфти маблағ сарф менамоянд, ки аксаран бо меҳнати вазнин машғуланд. Каҷрафторӣ, амалҳои ношоиста ва корҳои ҷиноӣ байни наврасон нисбат ба даҳсолаи пешин афзун гардидааст. Каҷрафторӣ ва амалҳои ношоиста дар байни наврасон ва ҷавонон ин хатар ва таҳдид ба ҷомеаи ҳозира мебошад.

“Собит гардидааст, ки оила заминаи боварӣ ва устувории фарзанд ба худаш ба ҳисоб меравад” [102, с.96]. Дар ҳақиқат, оила ниҳоди муқаддаси иҷтимоӣ ба шумор рафта, ташаккул ва тарбияи фарзандон дар он рукни муҳим мебошад.

## 1.2. Тавсифи мафҳуми “муҳити солими психологии оила” дар таҳқиқотҳои илмии психологӣ

Муаммои оила, тарбияи оилавии наврасон дар мувофиқа бо арзишҳои қабулшудаи маънавӣ дар марҳилаи тағйирёбии тартиботи иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мақоми махсусро пайдо менамояд. Оила ҳамчун умумияти устувори иҷтимоӣ омили муҳимми ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад. Оила ниҳоди муҳимми тарбиявӣ, сарчашмаи интиқоли таҷрибаи иҷтимоии аз насл ба насл гузаранда ба ҳисоб меравад. Маҳз оила дар синну соли томактабӣ ва мактабӣ дар иҷтимоишавии фарзанд нақши муҳим мебозад. Пойдевори шахсият маҳз дар оила гузошта мешавад. Аввалин тасаввурот, мафҳумҳо, малакаву маҳорат, муносибат ба одамон, меъёрҳои маънавии рафтор, ҳиссиёт дар оила ташаккул меёбанд. М.Г. Блинова чунин таъкид намудааст: “Оилаи муосир фаъолияти ҳаётии худро дар шароити сустшавии бунёди маънавии ҷамъият, аз даст додан ва талафоти арзишҳои мустаҳками муносибатҳои оилавӣ ташкил шуда истодааст. Дар натиҷаи он шумораи ҷудошавӣ ва талоқ афзуда, ҷавонон ба ташкили оилаи худ хоҳиш надоранд, шумораи фарзандони ғайриникоҳӣ зиёд шуда истодааст

ва ғайра” [140, с.39]. Дар ҳақиқат, шумораи оилаҳои нопурра ва муаммодор сол аз сол зиёд шуда истодааст.

Муҳити оила барои ташаккул додани ҳиссиёт, худбоварӣ ва саломатии психологии наврас кумак мерасонад. Барои ҳамин ҳам, равоншиносон таъкид мекунанд, ки барои наврас муҳити солим фароҳам овардан лозим аст. Равоншиносон дар тадқиқотҳои худ бештар ба принсипҳои муҳити солим ишора мекунанд, ки он мисли як намуди амсилаи оила ва муносибати дохилиоилавӣ ба шумор меравад, ки дар он аъзои оила вобаста ба гузашти сол мақомҳои худро иваз карда меистанд. Барои оилаҳои муаммодорро муайян намудан дар илми психология мафҳуми навро ворид мекунанд, ки онро аввалин маротиба И.В. Дубровина дар китоби худ пешкаш кардааст. Ӯ мафҳуми “солимии психологӣ” ё “саломатии психологӣ”-ро ворид намуда, пешниҳод мекунад, ки ин мафҳум барои таҳлил ва муайян намудани худҳолии кӯдак, наврас, дигар аъзоҳои оила ва муносибатҳои онҳоро ифода мекунад, ки дар чунин муҳит наврасон низ аз айёми кӯдакӣ ва то ба ҷавонӣ расидан тарбияи хосро қабул мекунанд [96, с.176]. Аммо И.В.Дубровина доир ба “солимии психологӣ” сухан ронда, бештар ба муносибатҳои кӯдакон назар мекунад, аммо наврасон ва шароити психологии онҳоро махсус таҳлил карда намебарояд. Ба ҳар ҳол, ӯ пешниҳод мекунад, ки шароитҳои равонии оила ва мактаб яке аз муҳитҳои ташаккулдиҳандаи ҳиссиёти наврасон ва кӯдакон мешавад. Азбаски масъалаи муҳити солими психологии оила омили асосии тарбияи наврас, худбоварӣ ба нерӯ ва қобилияти худ ҳангоми пайдо шудани мушкилиҳои дар пешистода мебошад, пас бояд дар оила муносибати волидон ва фарзандон зери таҳлил гирифта шавад, ки дар асарҳои психологҳои соҳаи оилавӣ ва наврасон шароитҳои гуногуни наврас ва оиларо омӯхта баромаданд, ки барои ба ҳолати нормалӣ ва солмии психологӣ овардан, роҳҳои муайян намудани муаммоҳо ва бартараф намудани онҳо зарур мебошад. Психологҳо, махсус чунин намудҳои оилаҳои муаммодорро таҳлил намуданд, ки барои волидон ва

олимон роҳҳои беҳтар намудани тарбияи ҳисси ахлоқии наврас зарур мешавад.

Муҳити оилавӣ сарчашмаи пуриқтидор ва тавоно ҳисобида шуда, рушди равонӣ ва инкишофи инсон ҳамчун шахсият маҳз дар ҳамин институт муайян карда мешавад. Навъи муосири оила дар заминаи ҳолати воқеии инкишоф ва таҳаввулоти ҷамъияти инсонӣ ташаккул ва рушд меёбад. Омӯзиши институти оила, нуфуз ва вазифаҳои он яке аз муаммоҳои муҳимми замони имрӯза ба шумор меравад, зеро ки он таҳкурсии асосии ҷамъият буда, аз рӯйи меъёрҳои муайян ва принсипҳои умумӣ фаъолият менамояд, дар худ ваҳдати тамоми арзишҳои ҷомеа, ба мисли иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маънавӣ ва фарҳангиро таҷассум менамояд.

Оилаи солим ҳамчун институти ҷамъиятӣ иҷтимоишавии инсонро дар тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсонӣ амалӣ намуда, ба насли ҷавон фарҳанги ҷомеаро интиқол менамояд. Дар ҷиҳати равонӣ-фалсафӣ "иҷтимоишавӣ раванде ба ҳисоб меравад, ки тавассути он фард дониш, маҳорату малакаи иҷтимоӣ ва ҳиссиёти иҷтимоиро комёб мегардад, ба ӯ имконияти ҳамгироиро дар ҷамъият муҳайё месозад" [19, с.283]. Дар ҳақиқат, маҳз иҷтимоишавии одам имкон медиҳад, ки маърифат, ҷаҳонбинӣ, фарҳанги миллӣ, арзишҳои миллӣ, худшиносӣ ва таҳаммулпазирӣ, масъулият ва эҳтироми шахсӣ ташаккул ёбад ва дар заминаи меъёрҳои зикршуда наврас мақому манзалати худро дар ҷомеа муайян намуда, хислати мустаҳкамро пайдо намояд.

Дар илми психология олимон муҳити солими психологии оиларо чунин муайян намудаанд, ки онро бештар бо воситаи нишондиҳандаҳо муайян мекунанд. Мисол оварда мешавад, ки олимон шаш услуби асосии нишондоди муҳити солими оиларо муайян мекунанд, балки масъала дар он аст, ки чунин нишондодҳо на танҳо шашто мешаванд, аммо аз эҳтимол дур нест, ки онҳо зиёдтар ҳам бошанд. Лекин он шаш услубе, ки пешниҳод карда шудаанд, чунинанд:

1. муовфиқат шудани арзишҳои оила;
2. розигии вазифа ва мақоми ҳар кас;

3. иҷрои вазифаи муайяншуда;

4. қаноатмандии эмотсионалӣ;

5. мутобиқ ба муносибатҳои иҷтимоӣ;

6. кӯшиш барои дарозумрии оилавӣ [160, с.25-28].

Дар оилаҳое, ки муҳити солим ҳукмфармо нест, бештар оилаҳои муаммдор номида мешавад, ки намунаҳои онҳо сершумор ҳастанд. Муаммоҳои оилаҳои носолим ҳамчун маҷмуи сабабҳои хислати мухталифдошта баромад намуда, бо вайроншавии иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ ва шаклдигаркунии шахсияти наврас иртибот доранд. Якчанд намуди оилаҳои носозро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

- Оилаи як фарзанд дошта метавонад фарзанди нозпарварро бо талаботҳои афзуншаванда тарбия намуда, ба воя расонад, ки дар аксари ҳолат натиҷаи он ба имконнопазирии қаноатмандии онҳо ва муносибатҳои низоъгӣ бо ҷамъият оварда мерасонад; ӯ ба инсони танҳо, бо маҷмуи камқимматӣ, сустӣ, нисбати худ нобовар, бемуваффақиятӣ ва нозпарварда табдил меёбад [100, с.30]. И.В.Демидова низ ба чунин ақида мебошад, ки “дар оилае, ки фарзанд ҳаст он дар маркази диққати волидайн қарор гирифта, наврас онҳоро идора мекунад, падару модар тамоми хоҳиши ӯро иҷро менамоянд. Тарсу бими мунтазам барои фарзанд, нигоҳ доштан аз мушкилиҳо ва ғаму ташвиш ба ташаккули майлу рағбати худбиниву худпарастӣ дар наврас оварда мерасонад” [145, с.49].

- Оилаи бисёрфарзанд ҷиҳатҳои мусбиро дорад. Дар он фарзандон дар руҳияи меҳнатдӯстӣ, иззату эҳтироми ҳамдигар, ҳамдигарфаҳмӣ ва амсоли инҳо ба воя мерасанд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар оилаҳои серфарзанд иқтидори бузурги тарбиявӣ вуҷуд дорад, ки дар сохтори синнусолии оила инъикос гардидааст. Волидайн дар тарбияи фарзандон таҷриба пайдо мекунанд, оилаи бузург иштироки ҳамаи аъзои оиларо дар фаъолияти меҳнатӣ ва тақсимоти меҳнат тақозо менамояд. Вазъияти маънавии оилаҳои серфарзанд ба ташаккули сифатҳои касбӣ, ба мисли ҳамдардӣ, ёрии ҳамдигарӣ, ғамхорӣ, хайрхоҳӣ, ҳусни таваҷҷуҳ мусоидат

менамояд. Аз ин ҷо, дар оилаҳои серфарзанд анъана ва расму оинҳои муайян мавҷуданд, ки ба волидайн барои дуруст ташкил намудани тарзи зиндагонӣ мадад расониданд. Нуктаҳои баёншуда ба ҳар як фарзанд баҳри азхудкунии таҷрибаи маънавии амалияи ҳаётӣ, эҷодиёт, зиракӣ ва чаққонӣ мусоидат менамояд. Аз давраи наврасӣ дар оилаҳои серфарзанд дар ташаккули шахсияти наврас аҳаммияти махсус медиҳанд.

- Оилаи аз ҷиҳати моддӣ дар дараҷаи паст қарордошта ва ё камбағал (аз сабаби мухталиф-бекорӣ, маоши паст, майзадагӣ, зиндагии худро ба пеш бурда наметавонад) ба он оварда мерасонад, ки ин гуна оилаҳо фарзандони худро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ қаноатманд карда наметавонанд.
- Оилаи нопурра аз сабаби норасогии таъсири моддӣ, меҳри модарӣ ва ё падарӣ тарбияи писарон ва духтарон яктарафа ва нокомил мегардад.
- Оилаи фарзандони "озод" дошта (ба маънои он ки аз никоҳи пешина яке аз тарафҳо ва ё ҳар ду тараф фарзанд доранд) муносибати нофаҳмӣ, номеҳрубонӣ ва душманиро дар байни наврасон ба вуҷуд меорад.
- Оилае, ки байни аъзоёни он муносибати вайрон, ҷанҷолӣ мавҷуд аст. Бо бузург шудани наврасон он ба муаммои бештар табдил меёбад [100, с.31]. Дар воқеъ, агар падару модар ҷаҳонбинӣ ва маърифати маҳдуд, фарҳанги паст дошта бошанд, аз сабаби ночиз ҷанҷоли оилавӣ барпо намоянд, наврасон дар чунин оилаҳо аз ҷиҳати равонӣ вайрон ва нодуруст ташаккул меёбанд. Ноқаноатмандӣ, беэҳтиромӣ, беандешагӣ, бемаърифатии волидайн асари худро дар тарбияи фарзандон мегузорад ва онҳо низ бо дигарон дағалона муносибат намуда, бадрафтор мегарданд. Дар ин ҳолат, наврас худро бештар дар иҳотаи гурӯҳҳои ғайрирасмӣ вомегузорад ва ба роҳи нодуруст ва бад рафтанаш мумкин аст.
- Оилаҳое, ки бо фарзандон муносибати дағалона ва бераҳмона доранд, онҳоро дашном медиҳанд, нисбати онҳо зӯровариро бештар истифода мебаранд. Аз сабаби асабонияти волидайн, вазъияти пасти моддӣ, доштани руҳи носолим, дараҷаи баланди ноқаноатмандӣ нисбати фарзандон, ситамгарӣ ва золимии падар ё падарандар ва ё модарандар, талаботи аз ҳад

зиёд нисбати наврасон, мондашавӣ ва руҳафтодагии волидайн муносибати бад нисбати фарзандон ҷой дорад. Муносибати бераҳмона ва сангдилонаи волидайн ба бетараҳҳумӣ ва золимии фарзандон замина мегузорад.

Имрӯзҳо шумораи зиёди оилаҳо мавҷуданд, ки комилан ба тарбияи фарзандон машғул намегарданд. Чунин намуди оилаҳо фарзандони худро танҳо аз ҷиҳати моддӣ таъмин месозанду халос. Бо фарзандони худ суҳбати инфиродӣ доир намекунанд, нисбати мақсад ва нияти онҳо бетарафӣ зоҳир менамоянд, яъне ҳозираи фарзандонро андеша доранду ояндаи онҳо барои волидайн муаммо ва масъулият ҳисобида намешавад.

Ҳамин тавр, майдони фарохи амалишавии муаммоҳои иҷтимоии оилаҳо таҳлили ҷиддии илмиро тақозо дорад. "Оила имрӯз ҳамчун низоми мустақили аз давлат кам вобастагӣ дошта ва ба ҳар гуна даъватҳои замони ҳозира мутобиқшаванда, баромад менамояд"- қайд кардааст И.В. Демидова [145, с.47]. Пас аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ институти оила коста гардида, арзишҳо ва тарбияи оилавӣ дар иртибот бо гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дигаргун шудааст. Муаммоҳои оилавӣ зиёд гардида, он таҷдиди нигоҳ ва назари илмиро нисбати ин ниҳоди иҷтимоӣ тақозо дорад.

Дар замони ҳозира оилаи тоҷик дар худ муаммоҳои аз рӯйи миқёс-давлатӣ ва аз рӯйи хислат-иҷтимоӣ ва иқтисодиро таҷассум ва ифода менамояд. Дигаргунӣ ва ивазшавии симо ва сохти ҷамъиятӣ дар замони ҳозира дар худ як қатор дигаргуниҳоро ба ҳаёти иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавии одамон тақозо дорад. Тағйироти зикршуда бо афзуншавии табиии миқдори аҳолӣ, бухрони иқтисодӣ, бекорӣ ва пандемия (COVID-19) вобастагӣ ва иртибот дошта, ба пастшавии муносибати инсонӣ, тағйирёбии нигоҳ ва ҷаҳонбинии ахлоқӣ дар оила, тарбияи оилавӣ дар ташаккули шахсият, ҳис намудани масъулият нисбати тақдири фарзандон оварда мерасонад.

"Имрӯзҳо мафҳуми "оилаи ба гурӯҳи хавф тааллуқдошта" нуфузи хоссаро ҳамчун яке аз категорияҳои низоми ҳифзи иҷтимоӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, дастгирии иҷтимоӣ, назарияи амнияти иҷтимоӣ, сиёсати оилавӣ ва иҷтимоӣ, пешгирии бекасӣ ва ятимии иҷтимоӣ баромад менамояд" [100, с.34]

-таъкид намудаанд Е.В. Рибак, Н.Г. Слептсова, А.Б. Федулова, Н.В. Тсихончик. Ин ҳамон категорияи оилаҳои муҳити носолими психологӣ ҳастанд, ки бо дарназардошти вазъияти муайян ба таъсироти берунаи манфӣ ва ҷузъиёти мутобиқнашавандаи он аз ҷониби ҷамъият гирифтор шудааст, ки сабаби каҷрафтории наврасон мегардад.

"Ба гурӯҳи хавфдошта оилаҳое ворид мешаванд, ки дар онҳо дуршавӣ аз меъёрҳои иҷтимоӣ, рафторӣ, педагогӣ ва ғайра мавҷуд мебошад",-қайд намудааст Н.С.Басова [108, с.9]. Чунин оилаҳо наметавонанд вазифаи тарбияи фарзандони худро аз сабаби тезутундшавии муаммоҳои ҷамъиятӣ, муаммоҳои моддӣ, равонӣ, педагогӣ ва муаммоҳои дигар сари вақт ҳал намоянд. Бинобар ин, барои психологияи муосир масъалаи муайян намудани оилаҳои носолими психологӣ ва пешниҳод кардани меъёрҳои онҳо хеле муҳим аст, дар заминаи он имконияти барпо намудани ***муҳити солими психологӣ*** дарёфт шавад.

Ҷамъияти имрӯза василаҳои самарабахши таъсиррасониро дар ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба ҷаҳони маънавии шахсият ва ба бойшавии мероси пурғановати халқ ба таври воқеӣ истифода менамояд. Васоити ахбори омма низ ҳамчун институти муҳимми ҷомеа ба паҳншавии ҳамаҷониба ва мустаҳкамшавии иқдомҳои дурнамои созанда мусоидат намуда, дар ташаккули шахсияти насли наврас таъсири амиқ мерасонад. "Дар замони ҳозира нақши муҳимро воситаи алоқаи (коммуникатсия)-и умумӣ ишғол менамояд, ки ба сифати иҷтимоикунандаи пуриқтидори намунаи муайян ва меъёри рафтор баромад менамояд"-таъкид намудааст, И.Е.Козирева [149, с.58]. Ғайр аз ин, васоити ахбори умум низ дар ташаккул ва рушди шахсият таъсири манфӣ мерасонад. "Технологияҳои муосири иттилоотӣ хислати фарогирандаро дорад, ба тамоми гӯшаи ҷаҳон, ба ҳар як хона ва оила ворид мешавад, бо ҳамин роҳ тамоми одамонро дар як "майдони иттилоотӣ" муттаҳид месозад. Ахборот дар як лаҳза паҳн мегардад: одамони тамоми қитъаҳо доир ба кашфиётҳои бузург ва фоҷиаҳои калон қариб дар як вақт мефаҳманд. Аммо дар қатори васеъшавии дониш аз нигоҳи мусбӣ

афзуншавии ҷараёни иттилоотӣ дар худ хатарҳоро ба вуҷуд меорад... Маҳз оила дар навбати аввал дар пешоҳанги "ҳудуди оташин" қарор мегирад"-қайд намудааст Л.А. Крапивина [150, с.63]

"Назария ва амалияи ҳозираи иҷтимоӣ онро инъикос менамояд, ки ба "гурӯҳи хавфи иҷтимоӣ дошта" шумораи бештари оилаҳо шомил мешаванд. Ба омилҳои хавфи иҷтимоӣ инҳоро мутааллиқ намудан мумкин аст:

- омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (сатҳи пасти моддии ҳаёти оилавӣ, шароити бад доштани манзили зист, бекории волидайн);

- омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ (мавҷуд набудани яке аз волидайн ё ҳар дуи онҳо, никоҳи такрорӣ);

- омилҳои тиббӣ-санитарӣ (шароити зисти номусоид, бемории дурударози волидайн, мавҷудияти шахси маъюб дар оила);

- омилҳои равонӣ-педагогӣ (вайрон шудани муносибатҳои байнишахсӣ дар оила, ташаккул наёфтани тамоюлҳои арзишии аъзоёни оила, вазъияти пешазталоққунӣ ва баъди ҷудошавии волидайн, нодории педагогии волидайн, дурии байни падару модар ва фарзандон, нокифоягии муносибати ҳиссиётӣ ва боварибахши волидайн ба наврасон, камбудӣ ва хатоиҳои тарбия ва ғ.);

- омилҳои ҷиноӣ (бераҳмии оилавӣ, тарзи зиндагии муфтхӯронаи волидайн, майзадагии волидайн ва ғ.)" [100, с.34-35].

Ҳамин тариқ, дар чунин оилаҳо дуршавӣ аз меъёрҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад, ки дар натиҷа онро оилаи муҳити солими психологӣ надошта шуморида мешавад. Оилаҳои камбизоат; оилаҳои фирориён ва муҳоҷирони иҷборӣ; оилаҳои серфарзанд, ки дар таркибашон шахси маъюб дорад; оилаҳое, ки фарзанди аз ҷиҳати ақлӣ суст инкишофёфта дорад; оилаҳои нокомил, оилаҳои ҳарбиён; оилаҳои донишҷӯёни фарзанддошта ва амсоли инҳо ба гурӯҳи оилаҳои "хавфи иҷтимоӣ дошта" мутааллиқ мебошанд. Аз ин ҷо, оилаҳои ба гурӯҳи хавф тааллуқдошта як қатор муаммоҳоро фаро мегиранд. Чунин оилаҳои муҳити солими психологӣ надошта, дар тарбия ва ташаккули шахсияти наврас таъсири манфӣ мерасонанд, дар раванди

иҷтимоишавии наврас нақши харобкунандаро мебозанд, дар рафтори наврасон дуршавӣ аз меъёрҳои иҷтимоӣ ба назар расида, дар баъзе ҳолатҳо худи волидайн фарзандони худро ба иҷрои рафтору кирдори ношоиста, номатлуб, ҷиноӣ тела мекунанд.

Маълум аст, ки дар адабиёти илмӣ дар баробари мафҳуми "оила ба гурӯҳи хавф тааллуқдошта" мафҳуми "оилаи носоз", "оилаи муаммодошта", "оилаи деструктивӣ", "оилаи носозгор", "оилаи номувофиқ", "оилаи аз ҷиҳати педагогӣ беназорат" ва амсоли инҳо истифода бурда мешавад, ки онҳо комилан аз оилаҳои муҳити солими психологӣ фарқ мекунанд... [100, с.36]. Дар ҳақиқат, муаммоҳои оилаҳои муҳити солим надошта ҷанбаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, моддӣ, тиббӣ, равонӣ, педагогӣ ва дигар тарафҳоро фаро мегирад, чунки маҷмуи муаммоҳо бо ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста мебошанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ба инсоният заминаи иртибот ва вобастагии ҳамдигарӣ вуҷуд дошта, он ба таври равшан дар институти оила таҷассум меёбад. Қобили зикр аст, ки фарзандон ба волидайн – дар нигоҳубин, ғамхорӣ, эҳтиёҷ, дар ҷодаи маънавӣ, моддӣ ва иҷтимоӣ ниёз доранд. Дар навбати худ, волидайн низ бо меҳру муҳаббат ба фарзандони хеш муносибат намуда, аз онҳо низ меҳру муҳаббати фарзандиро интизор ҳастанд. Дар ҳама давру замон бе фарзанд ҳаётро тасаввур намудан ғайриимкон аст ва он мазмун ва маъно надорад. Фарзанд сарчашмаи хушбахтии оила мебошад. Бузургони оила ҳамчун барандагони таҷриба ва сарчашмаи ҳикмати зиндагӣ ба ҳисоб рафта, худ низ ба ғамхорӣ, раҳму шафқат, меҳрубонӣ ниёз доранд. Барои фарзандон ғамхорӣ ва нигоҳубини волидайн нисбати волидайни хеш сабақи ибрат ва таҳкурсӣ баҳри ояндаи нек мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳамчун омили танзимсозандаи раванди тарбия ва ташаккули шахсият, ташкили фаъолияти ҳаётии оилавӣ анъанаҳои неки оилавӣ баромад намуда, иттифоқӣ ва муттаҳидиро таҷассум менамояд, ки бештар дар оилаҳои муҳити солими психологӣ дошта дида мешавад. Аммо оилаҳое низ мавҷуданд, ки нокомил ба ҳисоб рафта, муҳити оилавӣ ва таъсири тарбия дар оила ба таври манфӣ

арзёбӣ мегардад. “Дар назди чашмони мо маҳвшавии ҳудудҳои амиқи иттифоқи оилавӣ ва худи парокандашавии оила ба вуҷуд омада истодааст”,- қайд кардааст, З.Ж.Жаназарова [146, с.50]. Қобили қайд аст, ки оила дар дарки анъанавии худ ин арзиши асосӣ ва рамзи муҳимми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷамъият ба ҳисоб меравад. Инсон хушбахтии худро дар мустаҳкамии оила ва солимии фарзандон мебинад. Аз ин ҷо, таълим ва тарбияи наврасон вазифаи муҳимми волидайн ва кулли ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Хусусияти тарбиявии оила, инчунин, дар нигоҳдорӣ ва риояи одоби муошират байни аъзоёни оила таҷассум меёбад, ки ин қоидаи рафтор арзишҳо ва фарҳанги халқро муайян намуда, хусусияти миллиро соҳиб мебошад, ки он муносибат нек дар муҳити оилавӣ ва ҳам фаъолияти созандаро дар ҷомеа тақозо дорад. Хусусияти одоби муошırати миллӣ заминаи оилаи солими психологӣ дошта ба шумор меравад, ки муаммои тадқиқи муҳимми илмҳои равоншиносӣ ва фалсафа маҳсуб меёбад.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили усулҳои тадқиқоти муаммоҳои тарбияи оилавӣ муайян гардид, ки тадқиқгарон бештар дар суҳбатҳо бо фарзандон ва волидайн; дар мушоҳида, бозӣ, фаъолияти меҳнатии фарзандон, муошират, муносибати мутақобилаи онҳо, усулҳои таъсири волидайн ё шахсони дигари бузурги оила ба фарзандон; дар ташкили фаъолият бо мақсади муайянсозии сатҳи тарбияи ахлоқии фарзандон; дар гузаронидани пурсишнома бо волидайн ва ашхоси бузурги оила маҳдуд мегарданд. “Масъулият барои тақдири худ ва тақдири наздикони худ-нишондиҳандаи асосии фарҳанги муносибати оилавӣ ба ҳисоб меравад”,-қайд кардааст, А.И.Китова [148, с.58]. Бояд, пеш аз ҳама, институти оила дар фарзандон асосҳои аввалиндараҷаи таъсирот ва муомилоти инсонӣ, ба мисли меҳнатдӯстӣ, интизом, ростқавлӣ, масъулият, мустақилият, эҳтиёткорӣ, меҳрубонӣ, мададрасонӣ, муносибати некро замина гузорад. Дар оила ҳиссиёти ватандӯстиву ватанпарварӣ, хештаншиносӣ, эҳтиром, имконияти амалисозии манфиат ва ҳадафҳои хеш, расидан ба мақсадҳои воло ва назаррас, инчунин хислатҳои дигари ҳамида

бояд ташаккул ёбад ва чунин намуди тарбияи наврасон яке аз нишондиҳандаи муҳити солими психолгии оила ба шумор меравад.

Аммо воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки муносибатҳои нави иқтисодӣ ва иқтисоди бозорӣ дигаргуниҳои куллиро дар институти оила ворид намуда, муносибати байни волидайн ва фарзандон, фарзандон ва аҳли ҷамъият, ҳисси масъулият байни эшонро дигаргун намуда, вазъи солими психологии оиларо вайрон менамояд. Оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, вазъиятҳои бухрони иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, пандемия (COVID-19) ва омилҳои дигари таъсиррасон таъсири манфии хешро ба институти оила расонида, дар ҷомеаи имрӯза дар ташаккули оилаи солим як қатор муаммоҳоро ба вуҷуд овардааст. Робитаи қавии муошират ва муносибати байниҳамдигарӣ, якдигарфаҳмӣ, таъсири байниҳамдигарӣ дар оила имрӯзҳо суст гардидаанд. Азбаски волидайн тамоми рӯз бо фаъолияти меҳнатӣ ва дарёфти маблағ машғул мебошанд, таваҷҷуҳ ва назорати тарбияи фарзандон суст шудааст. Аз ин ҷо, фазоҳои дигари таъсиррасон, аз қабили таъсири дӯстони ҳархела, муҳити носози берун аз оила, таъсири телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ афзун мегардад, ки на ҳама вақт он ба натиҷа ва оқибати мусбӣ оварда мерасонад. Ҳамаи ин вазъияти баамаломада имрӯз барои волидайн муаммоҳо ва мушкилиҳои пай дар пайро ба вуҷуд меорад.

Дар ин ҷода З.Р. Сафарова чунин қайд кардааст: “Мутаассифона, бо вуҷуди муҳити шахсиятсоз буданаш худи оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ аз мушкилию таззодҳо дар канор нест. Дар зери таъсири омилҳои гуногун оилаи солим метавонад ба оилаи носолим табдил ёбад, ки яке аз намудҳои он оилаи нопурра мебошад. Тибқи маълумотҳои оморӣ, тайи солҳои охир шумораи пошхӯрии оилаҳо рӯ ба афзоиш дорад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми вайроншавии қисми зиёди оилаҳо як ё якчанд кӯдакон зиндаятим мегарданд, ки онҳо дар оилаҳои нопурра тарбия мёебанд ва дар аксарияти онҳо тарбия ба зиммаи модарон мемонад” [171, с.3]. Ин ҳақиқати ҳол мебошад ва воқеияти ҳозираро инъикос менамояд.

Муаммои мукаммалсозии тарбияи оилавӣ ва коркарди илмии он таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқони соҳаро дар омӯзиши мақоми оила дар ҷомеа ва ҷустуҷӯи муносибатҳои нави консептуалӣ дар фаъолияти тарбиявии волидайн тақозо менамояд. Яке аз чунин намуди консептуалии муносибатҳои навро дар оила "муҳити солими психологӣ" муайян менамояд, ки доир ба меъёрҳои он тазаккур дода шуд.

Тарбияи ҳиссиёти ахлоқӣ дар оилаи муҳити солими психологӣ дошта раванди мураккаб ва мақсадноки шинос намудани фарзандон ба арзишҳои ахлоқӣ ва неки инсонӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули сифатҳои маънавӣ дар чорчӯбаи синнусолӣ маҳдуд карда намешавад. Натиҷаи тарбияи ахлоқӣ ба ташаккул ва тасдиқи маҷмуи сифатҳои ахлоқӣ дар шахсияти наврас зоҳир мегардад.

Дар тарбияи ҳиссиёти ахлоқӣ бештар бедор намудани самимият нисбати ғамхорӣ ва меҳрубонии бузургон, накукорӣ, муносибати нек бо калонсолон ва хурдсолон, ҳисси масъулият, инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат ба маҳалли зист, Ватани хеш ва амсоли инҳо, дар маҷмуъ, вазифаҳои асосии волидайн ҳисобида мешаванд ва ин ҳиссиёти ахлоқӣ дар рафтору кирдори фарзандон ба таври равшан ифода ёфта, нақши муассири хешро дармеёбад. Одатҳои ахлоқӣ маҷмуи рафтори барои муҳити атроф ва тамоми ҷамъият манфиатбахш буда, шакли устувори рафторро инъикос менамоянд. Он бештар дар фарҳанги рафтор инъикос ёфта, дар азхуднамоии таҷрибаи ахлоқӣ дар фарзандон мусоидат менамояд, чунки зери таъсири фаъолияти тарбиявӣ ва муҳити атроф дар инсон тасаввуроти ахлоқӣ доир ба накукорӣ, ростқавлӣ, хоксорӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, воқеияти ҷамъиятӣ падидор мешаванд. Аз ин ҷо, тарбия ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ба инкишофи зеҳнии шахсияти наврас мусоидат мекунад. А.Н.Леонтев [72] ва Л.И.Божович [17] қайд менамоянд, ки дар синни ҳафтсолагӣ ҳангоми шароити хуби оилавӣ самтёбии шахсияти наврас ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми рушди ахлоқии ӯ ба таври амиқ ба назар мерасад. Аммо воқеияти муосир нишон медиҳад, ки маҳз арзишҳои номбаршуда имрӯз коста

гардидаанд, тарбияи қисми муайяни ҷавонон куллан тағйир ёфтааст. Аз ин ҷо, ҷойгоҳи институти оилаҳои ҷавон ва муаммоҳои онҳо ба мушкилии сарбастаи ҷомеаи имрӯза табдил ёфтааст. М.О.Барма таъкид намудааст: “Ҳамчунин дар лаҳзаҳои мушкили ҳаётӣ фарзандон бояд ба дастгирӣ ва фаҳмиши волидайни худ боварӣ дошта бошанд. Падару модарон бояд баҳри фарзандони худ дӯстони наздик бошанд, ки тамоми мураккабӣ ва мухолифати ҷаҳони ботинии онҳоро дарк намоянд ва дар заминаи ин дарккунӣ муносибати худро бо фарзанд ба роҳ монанд. Агар дар оила чунин муносибат набошад, он гоҳ дар муоширати волидайн бо фарзандон мушкилиҳо пайдо мегарданд” [139, с.38]. Албатта, ин роҳи дурусти ташкили муносибати солими психологӣ ва ҳамдигарфаҳмии волидайн ва наврасон ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ахлоқӣ бо дарназардошти хусусияти синну сол ва имкониятҳои мавҷудаи наврасон дар ҳаёти ҳамарӯза амалӣ карда мешавад. Қобили қайд аст, ки мундариҷа ва усулҳои тарбияи ахлоқӣ ба сатҳи иқтидори тарбиявии оила иртибот дорад. Барои наврасон дар синни ҳафтсолагӣ имконияти бештар дар азхудкунии таҷрибаи ахлоқӣ ба вуҷуд меояд. Пеш аз ҳама, ин таҷрибаи фаъолияти ҳамҷоя ва мустақилият буда, дар марҳилаи мазкур таҷрибаи фаъолияти ҳамҷоя-бузургон бо хурдсолон, мустақилият, таҳаммулпазирӣ, ошкор намудани хусусиятҳои фардӣ пайдо мешаванд. Муносибатҳои инсондӯстонаи байниҳамдигарӣ, бовиҷдонӣ, ростқавлӣ ба вуҷуд омада, маҳорату малака ва одатҳои рафтори ахлоқӣ, меҳнатдӯстӣ, ташаккул меёбанд.

Барои тавсифи рушди ахлоқии наврасон муносибат худ - ба уҳдадорӣ, рафтору кирдор, ба аъзоёни бузург ва хурди оила, ба ҳамсолон, ба табиат, ба падидаҳои иҷтимоӣ, ба меҳнати хоҷагидорӣ дар табиат, ба Ватани хеш, ба фарзандони миллатҳои дигар, ки ҳамарӯза бо онҳо муошират менамоянд, дар мадди назар дошта мешавад. Қобили тазаккур аст, ки инкишофи ахлоқии наврасон раванди тулонии мураккаб ба шумор рафта, аз ҷузъиётҳои мукаммалшавӣ ба ормони ахлоқӣ арзёбӣ мегардад.

Таассуроти наврас ба таъсироти беруна дар ин раванд ба навъ ва сатҳи рушди системаи асаби ӯ, хусусиятҳои инкишофи ҷисмонӣ ва таҷрибаи ахлоқӣ иртибот дорад. Дар ҷараёни таъсироти муҳити беруна аксуламали наврасон ин зиддияти дохила мебошад. Ин зиддият байни талабот, хоҳиш ва имкониятҳои наврасон ба вуҷуд омада, мавҷудияти онҳо (зиддиятҳо) қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи рушди ахлоқии наврас ба ҳисоб меравад. Баҳодиҳии аз ҳад баланд ва ё паст ба ҷиҳатҳои беруна ва дохилии рушди ахлоқӣ, умуман ба дарки нодурусти инкишоф оварда мерасонад. Наврас дар раванди фаъолияти самарабахш зери таъсири талаботҳои мураккаб аз ҷониби оила, омӯзгорон ва муҳити атроф нисбати ӯ, баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои муайян инкишоф меёбад (Элконин Д.Б. [130, с.151-122], Божович [18] ва дигарон). Дар оила шароитҳои ба рушди наврас мусоидаткунанда инҳо муносибатҳои воқеӣ бо аъзоёни оила, ҳамсоягон, дӯстону рафиқон ва хешу табори ӯ мебошанд, ки ба шаш услуби муҳити солими психологии оила мутобиқат намоянд.

М.Ш. Саидзода таъкид намудааст, ки “тарбия табиати беинтиҳо дорад. Моҳияти хусусияти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тарбия аз падидаҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, динию сиёсӣ, урфу одат ва анъанаҳо, арзишҳо ва фарҳанги миллӣ иборат буда, аз мавҷудият оғоз гардида, то охири ҳаёт идома меёбад. Синну соли муайян ё ягон шароит вуҷуд надорад, ки ҳангоми расидан ба он ҷараёни тарбия қатъ карда шавад. Вале аз моҳияти қонунгузорӣ бармеояд, ки шахс дар синну соли муайян объект ва дар синну соли муайяни дигар субъекти тарбия мебошад. Бинобар ин, инсон то охири ҳаёти худ иштирокчии ҷараёни тарбия мебошад” [170, с.8]. Ин нуктаи дурустро М. Саидзода қайд намуда, маротибаи дигар собит намудааст, ки ба масоили оила, тарбияи наврасон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан зарур аст.

Ба ҳар як марҳилаи рушди ахлоқии наврас хусусият ва сифати муайян хос аст, ки аз пешина ва оянда фарқият дорад. Инчунин, рушди ахлоқӣ бо инкишофи алоҳидаи ҷузъиётҳои он аз байн намеравад. Он хусусияти мураккаб дошта, хислати ягонаро соҳиб мегардад. Аз ин ҷо, мафҳуми “рушди

ахлоқӣ”-ро аз ягон ҷузъиёти алоҳида ҷудо намудан мумкин нест. Дар ин ҳолат тамоми ҷузъиётҳои таркибии рушди ахлоқии наврас зарур аст ва ифодаи нодурусти яке аз он ҷузъиёт ба вайроншавии тамоми низом оварда мерасонад.

Гурӯҳи наврасоне низ мавҷуданд, ки фаъолнокии хешро на аз ҷиҳати мусбӣ ва на аз ҷиҳати манфӣ нишон намедиҳанд. Агар наврасон тасаввуроти ахлоқӣ, ҳиссиёт ва рафтору кирдори хешро дар амалҳои мушаххас нишон диҳанд, гурӯҳи дигари наврасон бо рафтору кирдори хеш нороҳат намесозанд ва ба худ таваҷҷуҳи махсусро ҳам аз ҷониби волидайн, ҳам аз ҷониби омӯзгорон талаб намекунанд, ки чунин фориғболию бепарвоӣ рушди муътадили ахлоқии онҳоро суст мегардонад.

Рушди ахлоқии наврасон хусусияти хоси худро дорад. Муайян карда шудааст, ки рушди ахлоқии наврасони деҳот нисбат ба наврасони шаҳр баландтар мебошад ва ин пеш аз ҳама, бо таъсири анъанаҳо ва одатҳои миллии педагогикаи халқӣ дар маҳалли деҳот иртибот ва вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, машғул гардидани наврасон ба ҳаёти ҳоҷагидорӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад, чунки дар деҳот ҳар як аъзои оила мавқеъ, мақом ва вазифаи муайянро соҳиб аст. Баҳри расидан ба беҳбудӣ ва серию пурӣ дар оила, сохти оилавии маҳалли деҳот иштироки ҳар як аъзои оиларо новобаста аз синну сол тақозо менамояд.

Дар оила агар муносибат ғайриахлоқӣ арзёбӣ гардад, фаъолияти иҷтимоии волидайн ва аъзоёни дигари оила ба таври манфӣ бошад, дар назари наврас муҳити солими оила барҳам мехӯрад ва симои волидайн ягон нуфуз ва обрӯю эътибор пайдо намекунад. Аъзоёни бузурги оила ба меҳнати хонагӣ, ба таҳсил аҳаммият намедиҳанд. Фарҳанги педагогии волидайн дар сатҳи паст қарор дорад ва оила бештар тарафдори анъанаҳои пешинаи тарбия ҳастанд. Аз ин ҷо, маҷмуи омилҳои номбаршуда ба рушди ахлоқии наврасон таъсири манфӣ мерасонад. “Зеро таҳлилҳои омори судӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки субъектони таълим ва тарбияи кӯдакон, хусусан падару модар вазифаҳои худро вобаста ба таълиму тарбия на ҳама вақт дуруст иҷро

менамоянд. Чунончи, дар судҳои ҶТ дар солҳои 2017–2019 42738 адад парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва 3825 адад парвандаҳои ҷиноятӣ [9] барои вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ вобаста ба тарбияи кӯдакон дар оила баррасӣ карда шудааст, ки дар натиҷа падару модар ва дигар субъектони тарбия бо татбиқи ҷазоҳои гуногун ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд. Инчунин, таҳлилҳои оморӣ собит месозанд, ки сол аз сол сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон тамоюли болоравиро дорост. Чунончи, соли 2016 372 нафар, соли 2017 549 нафар ва соли 2018 618 нафар ноболиғон аз ҷониби судҳои ҶТ [9] барои содир намудани ҷиноятҳои гуногун гунаҳкор дониста шуда, маҳкум гардидаанд",-таъкид намудааст, Саидзода М.Ш. [170, с.3-4]. Таҳлили оморӣ нишон дода истодааст, ки шумораи амалҳои номатлуб ва ҷинояткорӣ дар байни наврасон ва ноболиғон афзуда истодааст.

Таъсири тарбиявии омилҳои мусбии муҳити солими психологии оила ба наврасон - сатҳи маълумоти волидайн, фарҳанги касбии онҳо, анъанаҳои мавҷудаи оилавӣ низ ба назар мерасад, зеро ки байни амали омилҳои номбаршуда ва рушди ахлоқии наврасон алоқамандӣ вуҷуд дорад. Дар замони ҳозира аз рӯйи низоми омилҳои тадқиқшаванда услуби муносибати оилавӣ бо таъсири тарбиявӣ ба ташаккули ахлоқии наврас ҷойгоҳи хоссаро ишғол менамояд. Мураккабӣ ва зиддияти онро бо гуногунии хислати муносибати мутақобилаи оилавӣ маънидод кардан мумкин аст. Дар ҷараёни тадқиқот оилаҳои хислати демократӣ, авторитарӣ, ситамгарӣ ва зулму золимӣ дошта, мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Аз рӯйи табиат ва хислат таъсиротро бо муносибати мутақобилаи оилавии байни наврасон дар доираи оила, хешу табор ва худи байни наврасон фарқ мекунанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин ҷо кулли ҷанба ва фаъолияти оилаи тоҷик ва хусусияти равоншиносии миллӣ ба эътибор гирифта мешавад.

З.Р. Сафарова чунин таъкид кардааст: "Дар илми психология ба ҳайси шароити мусоид: дарки масъулият аз ҷониби волидайн дар тарбияи кӯдакон; ташкили ҳаёт ва маишати аъзоёни оила бо дарназардошти талаботҳои онҳо; иҷрои талаботҳои эстетикӣ ва беҳдоштӣ; намунаи ибрат будани волидайн -

тарзи рафтор, фаъолияти нутқии онҳо; ягонагӣ ва пайдарпайии пешниҳоди талаботҳо ба кӯдакон аз ҷониби падар, модар ва дигар аъзоёни оила; обрӯйи калонсолоне, ки кӯдаконро иҳота кардаанд; ҷаҳду кӯшиши волидайн дар азхудкунии донишҳои психологию педагогӣ ва ғайра дар назар дошта мешавад” [171, с.3]. Муҳити солим психологии оила, ки шаш услуби онро равоншиносон пешкаш намудаанд, доир ба муҳити нек ва дуруст дар оила сухан меронад, ки он асоси ташаккули муносибати наврасон ба бузургон, ба хурдсолон, ба ҳамсолон ва ба хешу табор ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат волидайнро уҳдадор месозад, ки муносибати хешро дар заминаи ахлоқи созанда бунёд созанд, ба фарзандони хеш ҳамчун намунаи ибрат бошанд. Ҳангоми муошират падар ва модар бояд ба фарзандони хеш моҳият ва мазмуни зиндагиро баён намоянд, инсондӯстӣ, мазмун ва симои ҳақиқии мусбии хешро ба таври ошкоро нишон диҳанд. Аммо на дар ҳама оилаҳо ба масоили зикршуда аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд. Оилаҳое мавҷуданд, ки баръакс бо фарзандонашон ба таври дағалона муошират менамоянд. Ба ҷаҳон ва ҷаҳонбинии наврасон рӯирост таъсири манфӣ мерасонанд.

Заминаи ахлоқӣ-равонии муносибатҳои оилавӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқии наврасон таъсир расонида, ин ҳиссиёт муҳаббати ҳамдигарӣ, эҳтиром ва меҳрубонӣ, масъулиятнокӣ, боварии ҳамдигарӣ, уҳдадории оилавӣ, садоқату вафодорӣ, эътибор ва қадру қиммат, шараф, номус ва ифтихори оилавиро ташаккул медиҳад. Маҳз ҳамин арзишҳои ахлоқию маънавӣ устуворӣ ва пойдории дохилӣ ва эътимоднокии муносибати оилавиро инъикос менамоянд. Дар рушди ахлоқии наврас дар оила ҳаёти мақсадноки фарзандон, фаъолияти ҷамъиятии волидайн ва омӯзгорон, низоми муносибати мутақобилаи мусбӣ, ғамхорӣ ва меҳрубонии падару модар ҷиҳати баланд намудани иқтидори тарбиявӣ дар заминаи омилҳои мавҷуда нақши муҳимро мебозад.

Дар илм ва амалия собит гардидааст, ки ягон насли инсоният бе назардошт ва истифодаи мероси пурбаҳо ва ғановати гузаштагон вазифаи тарбияи насли наврасро иҷро карда наметавонад. Таҷрибаи ҳаётии аҷдоди

пешина чун қоида дар анъанаҳо, маросим, расму русум, хислат ва малака ифодаи хешро ёфтааст. Анъана ва расму русуми мавҷудаи оилавӣ таърихи авлодӣ ба ҳисоб меравад. Калонсолон таҷрибаи хешро тавассути анъанаҳо, расму русум, маросимҳо ирсол намуда, имкониятҳои таълим ва тарбияи оилавиро дар тарбияи дурусти фарзандон афзун менамоянд. Ҳар як оила қонунҳои нонавиштаи худро дорад ва дар заминаи он фарзандон тарбия меёбанд. Албатта дар оилаҳои муаммодошта меъёрҳои тарбия риоя карда намешаванд, дар натиҷа он ба пайдоиши муаммоҳои мухталиф дар ҷомеа замина мегузорад.

Маълум аст, ки муносибати инсондӯстона байни одамон дар заминаи ҳурмату эҳтироми ҳамдигарӣ бунёд мегардад. Аз рӯйи ақидаи мо, тарбияи насли наврас бо дарназардошти талаботи ислом, равоншиносии этникӣ, фарҳанги педагогии волидайн ва иқлими солим ва ахлоқӣ дар оила вобастагии ногусастанӣ дорад. Муҳаббат ба Ватан бо ҳиссиёти ифтихори миллӣ комилан марбут аст. Ватандӯстиву ватанпарварӣ-ин муҳаббат ба хешу ақрабо, ба зодгоҳ, ба халқи хеш ва таърихи он, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад. Махсусан, даҳсолаҳои охир тарбияи ҳиссиёти ватандӯстиву ватанпарварӣ мақом ва нақши муҳимро ба худ касб намудааст, чунки бе ҳиссиёти ватанпарастӣ, масъулият барои фардои миллату Ватан, ягонагӣ ва ваҳдати миллиро дар Тоҷикистон нигоҳ доштан ғайриимкон мебошад.

Тарбияи ҳиссиёти инсондӯстӣ нақши муҳимро дар тарбияи ахлоқӣ ишғол менамояд. Инсониятпарварӣ - самти асосии раванди тарбия ба ҳисоб рафта, дар ташаккули шахсият омили мусбӣ арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин, дар тарбияи ахлоқии фарзандон аз хурдсолӣ ба ташаккули шахсият, муносибати инсон ва ҷамъият китоби муқаддаси дини Ислом-Қуръони карим таъсири бузургро расонидааст. Дар Қуръон махсусан сифатҳои ахлоқӣ ба мисли таҳаммулпазирӣ, ҷасорату диловарӣ, саховатмандӣ, бошарафӣ, бовиҷдонӣ, ҳурмату эҳтироми волидайн ва бузургон қадршиносӣ гардидааст. М.Саидзода чунин қайд намудааст: “Ислом ҳамчун дин ва ҳамчун тамаддун ба масъалаи тарбияи кӯдакон диққати махсус медиҳад. Дар ҳадиси пайғамбар

Муҳаммад (с) омадааст: “Чизи аз ҳама беҳтарин, ки падару модар ба фарзанди худ медиҳад, беподош мебахшад, ин тарбияи хуб аст” ё дар ҳадиси дигар омадааст “барои падар тарбияи фарзанд муҳимтар ва пурқиматтар аст, нисбат ба додани садақаи зиёди ҳаррӯза”” [170, с.18]. Ин нукта комилан дуруст аст. Инчунин, тарбияи ахлоқии фарзандон дар асоси меъёрҳои инсонигарӣ дар адабиёти классикӣ низ ба таври равшан ба назар мерасад. Чунончи, дар “Қобуснома”-и Унсуралмаолии Кайковус, дар “Бӯстон” ва “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ, “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Румӣ, “Ҳафт авранг”-и Абдураҳмони Ҷомӣ [55] ва дигарон доир ба риояи одоби муоширaт ва рафтор дар оила ва ҷамъият махсус қайд гардидааст. Омӯзиши осори мутафаккирон дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати наврасон ба таври мусбӣ арзёбӣ мегардад. Аммо на дар ҳама оилаҳо ба риоя ва омӯзиши арзишҳои мусбӣ нигоҳи масъулиятбахш доранд, аз ин лиҳоз, масоили тарбияи наврасон дар шакли муаммо, зиддият, якдигарнофаҳмӣ, беэътиноӣ ифодаи хешро меёбад.

Назария ва амалияи тарбия шаҳодат медиҳад, ки он бо дарназардошти баромади иҷтимоии духтарон ва писарон, тақсимоти анъанавии меҳнати оилавӣ-маишӣ байни мардҳо ва занҳо, хусусиятҳои миллии омодасозии фарзандон ба ояндаи ҳаёти меҳнатӣ ва оилавӣ бармеояд. Аксар вақт он аз сатҳи умумии фарҳанги маишӣ, вазъияти моддии оила, анъанаҳои мавҷудаи миллӣ ва оилавӣ, тарбия ва омӯзиши духтарон ва писарон вобастагӣ дорад. Чунин падида ба ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият, ба мисли иззати нафс, боварӣ ба қувва ва имкониятҳои хеш таъсири бевосита мерасонад.

Илми муосири равоншиносӣ ва педагогӣ маълумотҳои зиёдро оид ба қувва ва таъсироти оила дар ҳамаи марҳилаҳои ҳаётӣ дар ҳосил намудани таҷрибаи шахсият фароҳам меорад. Дар навбати худ, оила ва тарбияи оилавӣ дучори тағйиротҳо дар ҷомеа мебошад. Оилаи муосири тоҷик дар худ дигаргуниҳо, зиддият ва мухолифатҳои дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ-фарҳангии ҷамъиятро инъикос менамояд. Аз ин лиҳоз, ба иҷтимоишавии фарзандон дар оила иқлими оила, таъсири байниҳамдигарии

фарзандон ва волидайн, фарзандон ва ҷомеа, серкории волидайн, таъсири дӯстон, телевизион, дарк ва фаҳмиши волидайн оид ба муҳиммияти тарбия ва муоширaт, хусусиятҳои тарбияи ахлоқии фарзандон бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва омилҳои дигари таъсиррасон нақши муҳим мебозад. Таҳлили сатҳи тарбияи ахлоқӣ ва инкишофи фарзандон дар оила доир ба зарурияти афзуншавии имкониятҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ ва аҳли ҷомеа ба ташаккули сифатҳои ахлоқии фарзандон шаҳодат медиҳад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин ҷо тадқиқотҳои илмӣ ба анъанаҳо ва ҳунарҳои миллӣ асос ёфта, ҳамчун таҷрибаи бисёрасраи халқи тоҷик мақоми хосса пайдо менамояд, аз насл ба насл ҳамчун боигарии маънавӣ ва пурғановат мегузарад ва ба таври васеъ дар раванди тарбияи маънавии наврасон дар оила истифода мегардад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” қайд гардидааст, ки уҳдадориҳои волидайн “ғамхории мунтазам ҷиҳати инкишофи ҷисмонӣ, равонӣ, солимии фарзанд, омодасозӣ ба мактаб ва муҳайё сохтани шароити мусоид баҳри рушди қобилияти ӯ равона мебошад” [7, с.55].

Хислати муҳимми ҳамгироии оила солимии равонии он ба шумор меравад. Ин нишондиҳандаи умумии комплексӣ фаъолнокии иҷтимоӣ-равонии аъзоёни оила дар муносибати дохилӣ, муҳити иҷтимоӣ ва соҳаи фаъолияти касбиро дар назар дорад [39, с.52]. Дараҷаҳои зерини солимии равонии оиларо аз ҳам ҷудо мекунанд: меъёрӣ-ба таври муттасил мувофиқа ва қаноатмандии бохирадонаи аъзоёни оиларо таъмин менамояд; баромад аз меъёр-тамоюл ба қаноатмандии талаботи шахсии ҳар як аъзои оила, амалҳои мувофиқа кам мегарданд; набудани солимии равонии оила-афзалияти муносибати бад дар дохили оила, мухторияти амалиётҳои аъзоёни оила, кӯшиш ба қаноатмандии талаботҳои инфиродӣ [39, с.52].

Таҳлили хусусиятҳои амалишавии навъҳои оила имкон медиҳад, ки шартҳои идоракунии солимии равонии оила муайян карда шавад, зеро ки ба он рушди заминаи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ, ташаккули тасаввуроти

дуруст доир ба оила ва принсипҳои амали он, танзими саривақтии муносибати дохилӣ-оилавӣ дар заминаи рушди ҳамҷояшавии он, ҷалби оила ба ҳаёти фаъоли ҷамъият, муҳиммияти омилҳои устувори оила дохил мешаванд.

### 1.3. Муҳити психологии муоширати дохилиоилавӣ ҳамчун омили ташаккулиёбии ҳиссиёти ахлоқии наврасон

Синну соли наврасӣ яке аз давраҳои муҳимтарини ҳаёти инсон ба шумор меравад. Ин давраи синнусолиро дар адабиёти психологӣ ҳамчун давраи «гузариш» ва «мураккаб» ба қалам медиҳанд. Дар ин давра дар ҳаёти наврасон тағйироти куллии анатомию физиологӣ, психологӣ ва биологӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин дар ташаккули шахсияти наврасон бетаъсир намемонад.

Аз рӯйи таҳқиқотҳои мавҷудаи равониву иҷтимоии олимони соҳаҳои мухталифи илмҳои ҷомеашиносӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар раванди таҳлили масоили мушкилии худидоракуниҳо ва худташкилдиҳиҳои наврасон аз рӯйи меъёрҳои гуногун баҳо додан зарурат дорад. Чунин андеша асос ва сабаби худро дорад. Дар давраи наврасӣ на ҳамаи падару модарон ба ташаккули шахсияти фарзандони хеш аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд, ки он ба натиҷа ва оқибатҳои ногувор оварда мерасонад. Насли наврас бо мушкилиҳои иҷтимоии оила ба суолҳои хеш посух наёфта, ба ҳар гуна муҳити созгор ва ё носоз ҳамроҳ мегардад. Бархе аз он ба ***донишандӯзӣ ва забономӯзӣ*** машғул мешаванд, бархе аз он ба омӯзиши ***касбу ҳунар***, бархе аз он ***каҷрафторӣ*** намуда, ба роҳи ҷинояткорӣ меравад ва ин боиси маҳкуми хешовандони оила ва ҷомеа мегардад.

“Дар давраи наврасӣ сарчашмаи нави фишороварӣ, иддао ва эътироз ба оила бештар мегардад. Дар ин марҳила раванди ҷудошавӣ ва мустақилгардӣ оғоз мешавад ва он дар тамоми оила таҷассуми хешро меёбад” [79, с.32].

Вақте ки фарзандон ба таҳсил дар мактаби таҳсилоти умумӣ шуруъ менамоянд, дигаргунии куллӣ дар оила ба вуҷуд меояд. Дар ин давра аъзоёни оила бояд уҳдадорӣ ва масъулиятро байни ҳамдигар муайян намоянд. Қолаб

ва одатҳои навро ворид созанд. Чӣ тавр ба дарс омода дид ва ин вазифа ба уҳдаи кӣ вогузошта мешавад? Чӣ гуна давраҳои дарстайёркунӣ, истироҳат ва вақти хоби наврасро ба танзим даровардан лозим аст? "Наврасон ба воя расида ба оилаҳои худ ҷузъиётҳои навро ворид менамоянд" [79, с.31]. Онҳо мефаҳманд ва дарк мекунанд, ки оилаи ҳамсолонашон аз рӯйи меъёрҳои дигари бештар адолатнок зиндагӣ мекунанд. Аз ин ҷиҳат, нуқтаи назари наврасон нисбати волидайн ва тарзи зиндагӣ дар оила тағйир меёбад. Дар давраи наврасӣ муҳити иҷтимоии наврасон васеъ гардида, муоширати онҳо бо ҳамсолонашон бештар ба назар мерасад. Ин гурӯҳи махсус ва алоҳида ба ҳисоб рафта, нуқтаи назари хешро нисбати машрубот, маводи мухаддир, муносибатҳои шаҳвонӣ, муҳаббат, либос, тарзи зиндагӣ, сиёсат пайдо мекунанд ва умуман, нисбати ояндаи хеш тасаввуроти муайян ва амиқ доранд. Дар ин марҳила наврасон аз волидайнашон бештар иҷрои талаботҳои худро интизор мешаванд ва падару модарон дар ин давраи ҳассоси фарзандон гузаштҳои зиёд мекунанд. Дар ҳар як навгонӣ ва тағйирот сари масъалаи мустақилият ва идоракунии наврасон аз тарафи падару модар мавриди баррасӣ қарор мегирад [79, с.31].

Агар наврас дар оилаи пурра ва комил ба воя расад, дар ҳалли муаммоҳо аз падару модар, бузургони оила маслиҳат мепурсад ва ё калонсолони оила фарзандони наврасро зери назорат қарор дода, бо самимият ва суханҳои нек муошират мекунанд, онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят менамоянд. Дар оянда аз ин гуна меҳрубонӣ ва таваҷҷуҳи хосса нисбати фарзандони наврас инсони комил ба воя мерасад ва баҳри дарёфти мавқеи хеш дар оила ва ҷомеа, интихоби дурусти касбу кор, умуман инсони хушбахт заминаи мустаҳкам гузошта мешавад.

Баръакси ҳолат низ ҷой дорад. Агар наврас дар оилаи нопурра (вуҷуд надоштани яке аз волидон) ё муаммодор ба камол расад, аз ҷиҳати равонӣ ба мушкилотҳои зиёд дучор мегардад. Олимони соҳаи равоншиносӣ ва умуман, ҷомеашиносӣ низ бар он ақидаанд, ки "наврасон дар оилаҳои нокомил аз сабаби набудани ё падар ва ё модар дар оила аз меҳру муҳаббати онҳо дар

канор мемонанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки наврасон низ таассуроти ғаму андӯҳ ва мусибатро ба мисли калонсолон хеле вазнин мегузаронанд” [114, с.59]. Дар ташаккули шахсияти наврас дар оянда ин холигӣ ҳис карда мешавад.

И.А.Фурманов, А.А.Аладйин, Н.В. Фурманов қайд намудаанд, ки “Фарзандон ягон хел дастгирӣ ва якдигарфаҳмиро дар оила пайдо накарда, дар иҳотаи мактабӣ, дар ҷараёни барқарор кардани робита бо ҳамсолон ба нокомӣ дучор мешаванд ва дар вакууми иҷтимоӣ қарор мегиранд. Наврас худро бепарастор ва ба ҳеҷ кас нолозим ҳис мекунад. Яке аз волидайн майзада ва дигаре барои наҷоти ӯ ҳаракат дорад. Наврас ва талаботи ӯ дар чунин муҳити нобарор ягон хел умеду имконият надорад. Чунин вазъият аз ҷониби наврас хеле вазнин гузаронида мешавад. Ӯ дар назди волидони зинда худро ятими бекас ҳис мекунад” [114, с.69].

Ба ақидаи И.С.Кон кӯдаконе, ки бе падар ба воя мерасанд, одатан, дараҷаи иддаои паст, дараҷаи изтиробнокии баланд, нишонаҳои невротикӣ дошта, писарон бошанд, бо душворӣ бо ҳамсолонашон муоширатро барқарор менамояд ва баъзе хусусиятҳои манфии мардонро, ба монанди дағалӣ ва дуруштӣ нишон медиҳанд. “Инро бештар дар давраи наврасӣ мушоҳида намудан мумкин аст, чунки онҳо наметавонанд ҳиссиёти худро ифода намоянд. Дар асоси таҳлили мухтасари хусусиятҳои психологию иҷтимоии ин масъала, метавон ба чунин хулоса омад: дар кӯдаконе, ки дар оилаи нопурра ба воя мерасанд, бештар вайроншавиҳои асабӣ ва руҳӣ, вайроншавии рафтор, ташаккули шахсияти носолим ба вуҷуд меояд, инчунин якчанд душвории характери психологӣ дошта ва дараҷаи пасти худбаходиҳӣ мушоҳида мешавад; оилаҳои нопурра хусусияти психологии худро доранд ва бо аъзоёни он ба таври инфиродӣ суҳбат гузаронидан лозим аст; барои рушди психикии наврас дар оилаи нопурра яке аз волидон усули дурусти тарбияро интихоб намояд ва гуфтори онҳо бо рафторашон мувофиқ бошад, зеро агар чунин набошад, онҳо тақлид ба намунаи хусусиятҳои манфии волидон хоҳанд кард” [155, с.296]. И.С.Кон чунин қайд менамояд: “Таркиби

оила ва хислати муносибати байниҳамдигарии аъзоёни оила ба тақдири наврас таъсири бузург мерасонад. Шароити номусоид ба оилавӣ барои аксарияти наврасони “душвор” хос мебошад, дар маънои иҷтимоӣ (наврасони ҳуқуқвайронкунанда) ё дар маънои равонӣ (наврасони аз ҷиҳати равонӣ ақибмонда) –ро ифода менамояд” [62, с.81].

Агар бобо ва ё бибӣ, ё ягон шахси наздик холисона ба наврас маслиҳатҳои солим ва муфид дода, ӯро ба роҳи дуруст равона созанд, имконияти гирифтани тарбияи солим ва дуруст ба камол расидани наврасон вуҷуд дорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки наврасон бештар ба муоширату талабот дошта бошанд ҳам, фаъолияти асосӣ ва пешбаранда дар ин зинаи синнусолӣ фаъолияти таълимӣ ба шумор меравад. “Таълими мақсаднокро тавассути баҳисобгирии инкишофи хусусиятҳои тафаккур аз қабили мустақилӣ, амиқӣ, моҳирӣ, тезӣ, танқидӣ ва васеъгии тафаккур ва инчунин зинаҳои инкишофи он ба роҳ мондан мумкин аст” [153, с.292].

Оила ҳамчун ниҳоди мустаҳкам ва мустақили ҷомеа дар масири таърихи инсоният ба муаммоҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида, арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва назари аъзоёни оила нисбати тарбияи фарзандон куллан тағйир ёфтаанд. Дар замони ҳозира пешрафти илму техника, шабакаҳои интернетӣ, телефони мобилӣ, шароити бениҳоят хуби зисту зиндагонӣ ҳам фоида ва ҳам зарари худро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи насли наврас расонида истодааст.

Барои гурӯҳи муайяни наврасон имконияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва илму техника дар мактабҳои хусусӣ ва марказҳои забономӯзӣ амалӣ гардида, маблағи бузург ва муайянро талаб мекунанд, ки чунин имконият танҳо барои қишри бойи аҳолӣ вуҷуд дорад. Падару модари эшон ҳатто ронандаи шахсии алоҳидаро маблағгузорӣ мекунанд, дар хонаи онҳо “хизматгорҳо” тамоми корҳоро ба субот мерасонад. Дар чунин наврасон арзишҳои ҳурмату эҳтироми калонсолон, меҳнатдӯстӣ ташаккул наёфта, онҳо бештар худпараст ба воя мерасанд.

Қисмати зиёди оилаҳо ва наврасон чунин имконият надоранд. Фарзандони чунин оилаҳо бо корҳои вазнин машғул мешаванд. Ҳарчанд, қайд кардан бамаврид аст, ки мувофиқи қонунгузории мавҷуда иҷрои ҳар гуна кор ва амалҳои вазнин барои наврасон мумкин нест. Аммо воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки махсусан, дар давраи таътили тобистона, аксарияти наврасон барои дарёфти маблағ ва расонидани мадади моддӣ ба оила бо меҳнати гуногун машғул мешаванд. Падару модари эшон низ ба хотири он ки фарзандонашон бо меҳнат машғул гарданд ва ҳар гуна каҷрафторӣ нанамоянд, ба ин намуди фаъолияти муваққатӣ ризоият медиҳанд.

Мушоҳидаҳои шахсӣ нишон доданд, ки наврасон дар бозорҳо бар ивази маблағи кам аробакашӣ мекунанд, ҳол он ки аз рӯйи нишондодҳои илми тиб барои онон бардоштани борҳои вазнин барои саломатӣ зарар дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар байни наврасон каҷрафторӣ ва ҷинояткорӣ нисбат ба даҳсолаҳои пешина афзудааст. Савол ба вуҷуд меояд, ки чаро дар байни наврасони имрӯза чунин амалҳои ношоиста ва ғайриқабул бештар гаштааст. Посухро дар оила ва тарбияи оилавӣ, таъсири муҳити иҷтимоии наврасон дарёфтан мумкин аст.

Ноустувории иҷтимоӣ ва трансформатсияи ҷомеаи муосир ба тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ ворид шуда, ҳамчун омил баромад намуда, ногузирии каҷрафтории насли наврасро ба вуҷуд меорад. Дар робита бо ин беҳбудии равонии наврасон мақоми хоссаро ба худ касб мекунад. Новобаста аз он ки майдони фарохи тадқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикии муаммои каҷрафтории наврасон вуҷуд дорад, зарурати баррасӣ ва таҳлили омилҳои ҷудогонаи он мавҷуд аст. Дар қаринаи мундариҷаи амалия зарурияти нишон додани низоми меъёрҳои вуҷуддошта имконияти самаранок омӯхтани муаммои каҷрафтории наврасон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавҷуд мебошад. Қобили қайд аст, ки давраи синну соли наврасӣ бо тағйиротҳои бештари биологӣ ва равонӣ тавсиф гардида, эҳсосоти махсусро ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ тақозо менамояд.

Олимони тоҷик собит намуданд, ки “Аз дидгоҳи равоншиносӣ “каҷрафторӣ”, пеш аз ҳама, алоқаманд аст ба хусусиятҳои хоси руҳӣ - равонии (ноустувории равон, халалдоршудани мувозинати равонӣ ва ғайраҳо) инсон. Аз тадқиқотҳои олимони равоншинос дар ин ҷода бармеояд, ки баъзе мушкилотҳои равонӣ, ба хусус фаромӯшхотирӣ хусусиятҳои генетикӣ- модарзодӣ доранд” [154, с.80]. Дар воқеъ, ҳолати равонии наврасон аз ҷониби волидайн бояд мушоҳида ва назорат бурда шавад, ки ин ба манфиати ҳам падару модар ва ҳам оияндаи неки фарзандон мебошад.

Иттилоотонии аз ҳад зиёд ва тасвири порчагии худогоҳии ҷавонони ҳозира ба низоъҳои ботинӣ оварда мерасонад. Ҷаҳони дохилӣ, тарбия дар оила ва арзишҳои мавҷудаи наврас дар натиҷаи номувофиқатии хоҳиш, имконият ва талаботи наврасон дигаргун мегардад. Шахсони масъули ҷомеа нисбати ин муаммо бетарафӣ зоҳир нанамуда, омӯзиши ҳамаҷонибаи сабабҳои каҷрафтори наврасонро бояд ба роҳ монанд.

Л.В. Зиновьева ҳангоми тадқиқи фаъолияти наврасони ба каҷрафторӣ майлдошта ба чунин хулоса меояд, ки наврасони ба каҷрафторӣ моилбуда бо нуфузи пасти вазъи иҷтимоӣ (сотсиометрикӣ), бартарияти нишондодҳои манфӣ дар шакли рафтори волидайн, шакли интерналии локуси назоратӣ (дар ин ҷо хусусияти шахсияти фард дар назар дошта шудааст, ба мисли кӯшишу ғайрат, сифатҳои шахсии мусбӣ ва манфӣ, мавҷудият ё набудани дониш, маҳорату малака ва ғ.) тавсиф карда мешавад. Ӯ чунин қайд менамояд: “Дар навбати худ, надоштани қобилият дар пайравии талаботҳои муҳити иҷтимоӣ ба омӯзиш ва азхудкунии нақши иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъиёти аҳаммиятдоштаи шахсӣ монеаро ба вуҷуд меорад. Ҳамчунин, айнияти нақшавии порчагӣ метавонад сабаби каҷрафторӣ гардад ва аз он шаҳодат диҳад, ки нақши иҷтимоӣ барои наврас аҳаммияти шахсӣ пайдо накард. Мувофиқан, майл ба каҷрафторӣ дар наврасон оқибат ва натиҷаи таъсири таркибии интегративӣ ба ҳисоб меравад” [167, с.7]. Аммо таъкид кардан ҷоиз аст, ки майли наврасон ба каҷрафторӣ на фақат дар оилаҳои камбағал, балки дар оилаҳои бой низ бештар ба назар мерасад. Сабаби асосии моилшавии наврасон ба

качрафторӣ дар чунин оилаҳо дар он аст, ки волидон ба фарзандони худ ва тарбияи онҳо аҳаммияти ҷиддӣ намедиҳанд, беэътиноӣ менамоянд, тамоми шароити мусоидро барои истироҳат ва таълиму омӯзиш муҳайё менамоянд ва муҳити гаштугузори онҳоро намедонанд.

Дар тадқиқоти Л.В. Зиновйева гуфта шудааст, ки майл ба качрафторӣ дар байни духтарон нисбат ба писарон бештар ва зиёд (дезадаптатсия, яъне муқобили мутобиқшавӣ баромад мекунад) мебошад. Азбаски дар ҷамъияти русҳо качрафторӣ дар байни духтарон афзалият дорад, яъне дар шароити бухронӣ ва вазнин бештар духтарон качрафторӣ содир менамоянд (дар расми 1 инъикос гардидааст) [167, с.15]. Дар ҷамъияти мо бошад, качрафтории писарон нисбат ба духтарон зиёд мебошад. Олимони тоҷик хусусияти фарқкунандаи качрафтории наврасдухтарон ва наврасонро чунин нишон додаанд: “Дуздии наврасдухтарон бо баъзе хусусиятҳояш аз наврасон фарқ менамояд. Баъзе духтарон бозичаҳои дугонаҳояшонро, ки барои онҳо ҷолибанд, дуздида, мехоҳанд, ки дар танҳои бозӣ намоянд. Баъзе аз онҳо аз камбизоатӣ ва баъзе дигари онҳо аз набудани шароит, тангдастии волидайн, ки имконияти чун соҳиб шудан надоранд, даст ба ин амали дурушт мезананд. Ин навъи “качрафторӣ” дар байни наврасон рафтори ғайриахлоқӣ буда, ҳамчун амали ҷиноӣ баҳогузорӣ мешавад ва аз дидгоҳи қонун ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад” [154, с.83]. Олими рус Л.В. Зиновйева низ собит намудааст, ки дар ҳақиқат, давраи наврасӣ марҳилаи ҳассос ва мураккаби ҳаёти ҳар як шахс ба шумор рафта, дар ин давра заминаи асосии ташаккули шахсият ба таври мустаҳкам гузошта мешавад. Беэътиноии падару модарон нисбати наврасон ба он оварда мерасонад, ки онҳо дар оянда ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида, мавқеъ ва мақоми худро дар ҷамъият муайян карда наметавонанд, ба муаммоҳои мухталифи равонӣ дучор мешаванд ва ниҳоят ба качрафторӣ майл пайдо мекунанд.

Хусусияти сохтори диспозитсияи нақшавии наврасони ба качрафторӣ моил бо бартарияти тамоюлҳои тафриқавӣ, таҷзиявӣ ва номувофиқатии ташкили сохторӣ иртибот ва вобастагӣ дорад. Наврасони ба

качрафторӣ моил бо нуфузи пасти иҷтимоӣ, ҳукмронии нишондодҳои манфӣ дар шаклҳои рафтори волидайн, афзалияти манфиатҳои худбинона тавсиф карда мешаванд. Қонунияти оид ба таҷзияи сохтори нақши наврасон ошкоргардида дар бораи надоштани қобилият барои иҷрои меъёрҳои мавҷуда ва қабули он шаҳодат медиҳад. Номувофиқатии ҷузъиётҳои баҳамтаъсиркунандаи нақшавӣ барои насли наврас қонунияти балоғати бармаҳал ва камтаҷрибагии иҷтимоиро инъикос менамояд. Аз ин ҷо, ноқаноатмандии наврасон пайдо шуда, он ба намоиши рафторҳои ноҷоя ва ношоиста ҳамчун тарзи хоси тағйироти меъёрҳои иҷтимоӣ ва намоиш тавассути тағйирёбии муносибати наврас ба он ва бо истифодаи тарзҳои худифоданамоӣ инъикос мегардад. Ин хислати порчагӣ ва сатҳии айнияти нақшавии наврасро муайян менамояд.

Сохтори диспозитсияи нақшии наврасон бо майли ифодаёфтаи паст, миёна ва баланд ба качрафторӣ бо гетерогении сифатӣ фарқият дорад. Таркиб ва ташкилии диспозитсияи нақшӣ ҷойгоҳи худро дар мақоми пасти майл ба качрафториро соҳиб мебошад. Ҳангоми гузариш ба качрафтории майли пастдошта ба муътадил ва баланд дар сохтори диспозитсияи нақшии наврасон афзалияти тамоюлҳои тафриқавӣ (дивергентӣ) бар якҷояшавӣ (конвергентӣ) ба вуҷуд меояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асоси хислатҳои сатҳӣ детерминантҳои нақшаи таркибӣ меистанд, ки хусусияти ташкилӣ ва иқтидори трансформатсия (гузариш)-и низоми диспозитсионии нақширо соҳиб мебошанд. Ин гуна наврасон дар таъсироти байниҳамдигарӣ бо муҳити иҷтимоӣ бо нуфузи пасти иҷтимоӣ ифода ёфта, ба афзалияти шумораи радшуда дар гурӯҳи ҳамсолон ва ҳукмронии нишондодҳои манфӣ дар шакли рафтори волидайн душманиро ба вуҷуд меорад, ба качрафторӣ майл пайдо мекунанд.

Г.Р.Сайдуллаева, Ш.Н.Гулахмадов, И.Гираков оид ба масъалаи мазкур чунин назар доранд: “Качрафтории иҷтимоӣ ба амсоли меъёрҳои иҷтимоӣ навъҳои гуногунро дорост. Навъҳои асосии “качрафторӣ”-и наврасон инҳоянд: муттасил нарафтан ба дарс, гурехтан аз хона, барвақт майнӯш

шудан, носкаш ва сигоркаш шудан, нашъаманд шудан, истеъмоли маводи мухаддир, даст задан ба майдауздӣ, майл намудан ба қимор, авбош шудан, фосиқ ва фоҳиша шудан, шуҳратпарасту ҷангара шудан” [154, с.80]. Албатта, чунин амалҳои ношоиста воқеияти имрӯзаро дар байни наврасон инъикос менамояд ва муаммоҳои зиёдро дар ҷомеа ба вуҷуд меоранд.

Қобили қайд аст, ки дар наврасони ба каҷрафторӣ моилдошта бештар ҳукмронии тамоюли тафриқавӣ, номуттаҳидии ташкили таркибӣ, номувофиқатии афзоиши синнусолӣ ва ҷинсӣ дида мешавад. Нишондиҳандаҳоии зикргардида хусусияти ҷузъиёти баҳамтаъсиррасонии нақшавии наврасонро инъикос менамоянд. Меъёри инфиродии наврасон дар чорчӯбаи васеъшавии ҳудудҳои муошират ва воридшавӣ ба ҳар гуна ҳолатҳои баҳамтаъсиррасонии иҷтимоиро мефаҳмонад. Муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои мусбӣ дар наврасон ҳамчун баранда баромад менамояд. Дар баъзе ҳолатҳои объективӣ ва субъективӣ муҳити иҷтимоӣ метавонад ба наврасон таъсири манфӣ гузорад. Наврасон ҳолати равонии мушкил ва ногуворро ҳангоми вазнинии зиндагӣ эҳсос намуда, маҳдудият ба истифодаи захираҳо ва мавҷудияти мушкилӣ дар тарбияи наврасон ба каҷрафторӣ ва ҷинояткорӣ равона мекунад. Наврасони ба каҷрафторӣ моил нисбати атрофиён назари манфӣ ва бад дошта, бештар ифодаи манфиатҳои шахсӣ ва қаноатмандии шахсиро мепазиранд. Дар ин ҷо, аз тадқиқоти Л.В. Зиновйева доир ба наврасони ба каҷрафторӣ майлдошта иқтибос овардан ҷоиз аст, ки чунин гуфтааст: “Маълум аст, ки рафтори наврасон бо хусусиятҳои муайян тавсиф карда мешавад, ки дар байни он мутаассиршавии баланди ҳиссиётӣ, ҳардамхаёлӣ, таъсирбахшӣ, бовиқорӣ, хоҳиши тақлидкорӣ дар баробари кӯшиши шадид ба мустақилият арзёбӣ гардида, аз сабаби кам будани таҷрибаи ҳаётӣ ба баҳодиҳии ҳамаҷонибаи ҳолату вазъият қобилият надорад. Ҳангоми шароити номувофиқ ва носоз чунин хусусиятҳои рафтори наврасон хислати деструктивиро пайдо мекунад” [167, с.12].

Олимони тоҷик низ бар он ақидаанд, ки “Рафтори шахси наврасро муҳаққиқон таҳлил намуда, сабабҳои “каҷрави”-и онҳоро, пеш аз ҳама, дар мушкилоти оилавӣ, ба хусус дар сину соли наврасӣ ҷой дошта (аз қабили бетаваҷҷуҳии волидайн ба наврас, набудани назорат аз ҷониби волидон, ибрати наврас набудани рафтори волидайн, камбизоатӣ дар оила, мастии волидон, паст будани дараҷаи зеҳнӣ волидон ва худи наврасон), таъсири гурӯҳҳои ғайрирасмӣ, ки рафторашон ғайрииҷтимоист, дур мондан аз таълиму тарбия дар макотиби таҳсилоти умумӣ, боварӣ ба худ надоштан, бемории равонӣ, танҳоӣ ва нодуруст фаҳмидани дигарон дарёфтанд. Як сабаби дигари “каҷравии наврасон” ин омилҳои ҳаяҷонӣ ва зеҳнии наврасон аз қабили: асабонияти зиёд, ғаризаҳои шахшуда, дараҷаи пасти назорати иродаю ҳаяҷони наврас мебошанд. Омилҳои дигари “каҷрафтории наврасон”-ро муҳаққиқон дар ноустувор будани иқтисодиёт, сиёсати давлат нисбат ба кӯдакон, нотинҷӣ ва ноороми дар оила, набудани симоҳои идеал дар ВАО ва адабиётҳои бадеӣ мебинанд” [154, с.82]. Албатта, шароити оилавӣ ва муносибати байниҳамдигарии аъзоёни оила, муносибат бо муҳити иҷтимоӣ, ҳолати равонии наврасон дар ташаккули шахсияти наврас нақши асосиро ишғол менамояд.

Ҷ.Б. Бобоҷонов қайд менамояд, ки муаммои муҳимми каҷрафтории наврасон ин муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, он дар оила сарчашма мегирад. Агар волидайн фарзандонро аз тарафи моддӣ таъмин насозанд, тадбирҳои пешгирикунандаро наандешанд, мушкилиҳоро сари вақт ҳал накунанд, ҷараёни таълиму тарбия ва иртибот бо омӯзгорону мактабро зери назорат нагиранд, фарзандон аз чунин ҳолат истифода карда, ба рафтору кирдори ношоям даст мезананд, ҷиноятҳо содир мекунанд. Аз ҷумла, чунин таъкид менамояд: “Дар ин ҷода нақш ва мавқеи давлат дар пешгирӣ намудани наврасону ҷавонон аз каҷрафтории иҷтимоию ҳуқуқӣ ва тарбия намудани онҳо ҳамчун шахсони аз ҷиҳати маънавию ҳуқуқӣ бомаърифат бағоят калон аст” [141, с.46].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки то ҳатто наврасон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва истироҳатӣ бе ягон шарму ҳаё бо гадоӣ машғул ҳастанд. Ин бонги изтироб барои аъзоёни оила ва тамоми ҷомеа мебошад. Ин вазъият дар оянда метавонад занҷири муаммоҳоро ба вуҷуд оварад. Падару модар, бузургони оила, мактаб ва омӯзгорон бояд нисбати ин муаммо бетараф набошанд. Масъулият ва назорати солими наврасон боис мегардад, ки аз эшон шахсияти комил ба камол расад ва онҳо мавқеи мустаҳками хешро дар ҷомеа дарёбанд.

Муаммои дигари мушкилии худидоракунӣ ва худташкилдиҳиҳои наврасон ин зӯроварӣ дар оила ба ҳисоб меравад. Баҳри кушода додани мафҳуми зӯроварӣ дар оила як қатор амалҳои хосро ҷудо кардан зарур аст. Он таркиби зӯроварӣ дар оиларо ифода намуда, хеле мураккаб мебошад. Зӯроварӣ нисбати фарзанд дар оила дар муносибати волидайн ва рафтору кирдори эшон арзёбӣ мегардад. Зӯроварӣ нисбати фарзандон натиҷаи истифодаи қувва бо мақсади расонидани зарари ҷисмонӣ ба фарзанд мебошад. Оқибати чунин кирдор асоснок буда, вазъият ва муҳити атрофи онро аз назар гузаронидан зарур аст.

Имрӯз бархе аз падару модари ҷавон ва бетаҷриба нисбати фарзандони худ зӯроварӣ ва суханҳои қабеҳро истифода намуда, ҳолати психикии онҳоро аз ҳолати мувозина мебароранд. Албатта, лозим ба ёдоварист, ки ҳам дар мероси пурғановати ниёгон ва ҳам дар амалия таъкид шудааст, ки тарбияи фарзанд вазифаи азалии волидайн ва бузургон дар оила мебошад. Бо суханҳои нек, муносибати нек, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва намунаи ибрат будан, ин худ нишонаи он аст, ки дар оила муҳити солим ва созгор ҷой дорад. Баръакси ҳолат низ ҷой дорад, ки зӯроварӣ дар оила ва нисбати фарзандон як воситаи тарбия шуморида шуда, он аз ҳама ҷиҳат, ба хусус ҷиҳати равонӣ, комилан нодуруст мебошад.

Зӯроварии равонӣ ин амалҳои барқасдонаи деструктивӣ ё расонидани зарар ба қобилияти наврасон ба ҳисоб меравад, ки дар худ ҷазоро баҳри ҳиссиёт ва муҳаббати аз ҳад зиёд нисбати волидайн ё шахсони бузург,

муносибати худэҳтиромӣ ба худ ва талаботҳо, ки барои муқаррар ва барқарор намудани муносибатҳои муътадили иҷтимоии байниҳамдигарӣ лозиманд, таҷассум менамояд [114, с.78]. Аз қабили, ба таври мунтазам маҳдуд намудани қобилият, имконият ва хоҳишҳои наврас; маҳдудияти хоҳиш ва иҷозати наврас ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳо, ки ба ӯ баҳри рушди муътадил ҳамчун аъзои иттиҳодияи муайян, гурӯҳи иҷтимоӣ ва фарҳанг зарур мебошад; таҳдиди мунтазам ва расонидани азоби вазнини ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ; новобаста ба синну соли наврас аз меъёр зиёд талаб намудан, тарсонидан, ба ӯ мустақилият надодан ва монанди инҳо.

Падару модар ба фарзандони худ бо нигоҳи солим назар намуда, баҳри ташаккули шахсияти комил замина мегузоранд. Аз ин ҷо, "яке аз принсипҳои муҳимми тарбияи наврас - ин муносибати баробар ва ҷиддӣ нисбати ӯ, таҳқир нанамудан ва сӯистифода накардан аз боварии ӯ мебошад" [114, с.78], - таъкид намудаанд, И.А. Фурманов, А.А. Аладин, Н.В. Фурманова. Аммо афсӯс, ки баръакси ҳолат дар аксари оилаҳо ҷой доранд. Наврасон зери тарс, таҳдид, таҳқиркунӣ ва зарбу лат ба воя мерасанд. Собит гардидааст, ки бархе аз наврасон наздикони худро чун душман қабул мекунанд ва ҳамчун сарчашмаи хавфу хатар дар онҳо ҳиссиёти руҳафтодагӣ, ноумедӣ, маъюсӣ ташаккул меёбад. Чунин наврасон дар оянда ба пешравии худ бовар намекунанд ва беҷуръат ва дудила мемонанд.

Дар илми равоншиносӣ собит гардидааст, ки наврасон хоҳиши зиёди ҳокимият ва нуфуз, иззати нафс, эътибор, қадру қиммати худро доранд. Дар як ҳолат наврасон метавонанд дар мувофиқа бо падару модарон, дар ҳолати дигар бошад, дар вазъияти душманӣ зиндагӣ мекунанд. Аз ин ҷо муқобилият ва мухолифат ба талаботҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пайдо мешаванд.

Дар оила аз ҷониби падару модарон таваҷҷуҳ нисбати наврасон суст гардида, талаботҳои табиӣ (хоб, хӯрок, либос) ва равонӣ (меҳру муҳаббат, ғамхорӣ) ба эътибор гирифта намешавад ва танҳо дар ҳолати беморӣ ё ҷароҳат ба наврасон аҳаммият медиҳанд. Бархе аз волидайн баҳри паст

намудани қаҳру ғазаб ва хашми худ фарзандони худро зери шиканҷа қарор дода, азоб медиҳанд.

Э.Фромм чунин меҳисобад, ки ҳангоми иҷрои ҷазо аз ҷониби волидайн як қатор хавфу таҳдидҳо ба вуҷуд меоянд. Ҷазоҳо бештар рафтори наврасонро ислоҳ нанамуда, балки ӯро тағйир ва дигаргун месозанд. Ҷазоҳои мунтазам баҳри гум шудани меҳру муҳаббати волидайн асос мегардад. Дар навраси ҷазогирифта нисбати падару модараш ҳиссиёти душманӣ пайдо мегардад. Ҷазоҳои мунтазам дар наврас ҳиссиёти камтаҷрибагӣ ва ақибмонии волидонро нишон медиҳад [113, с.80].

Наврасон ба волидайни худ нобоварона муносибат мекунанд, дар баъзе ҳолат онҳо падару модари худро бад мебинанд. Ҳамин тавр, ноқаноатмандии талаботи худ дар оила наврасонро ба ҳолате рӯ ба рӯ мекунанд, ки онҳо худро дар маркази диққати волидайнашон намебинанд, меҳру муҳаббати онҳоро ҳис намекунанд. Аз ин ҷо иззатталабӣ, шуҳратпарастӣ ва афзалияти худро дар мактаб амалӣ месозанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ташаккули тафаккур яке аз масъалаҳои асоситарин дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба шумор рафта, ба кори фаъол ва пурмаҳсули муаллим вобаста аст. Хамчунин, барои боз ҳам равшанӣ андохтан ва ёфтани роҳҳои дурусти таълим дар мактаб, ки боиси ташаккули тафаккур мегардад, чунин корҳоро ба анҷом расонидан қобили қабул аст: ташкили заминаи психологӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва хусусӣ ҳамчун восита баҳри бартараф намудани нофаҳмиҳо байни омӯзгору талаба; донистани донишҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ аз ҷониби омӯзгорони мактаб; ҳамкории мунтазами омӯзгорон бо талабаҳои ақибмонда ва сустхон, инчунин талабаҳои дорои нуқсонҳои психикӣ ; ҷалби хонандагон, махсусан наврасон, ба корҳои ҷамъиятӣ [153, с.292].

Дар суҳбати инфиродӣ бо ронандаи кампанияи “Максим” маълум гардид, ки ҷавон-ронанда аз оилаи аввали хеш ҷудо гаштааст (гӯё ҳамсараш ба роҳи “нодуруст” рафтааст). Дар натиҷа фарзандон байни зану шавҳар тақсим карда шуданд: калонӣ-9 сола бо ҳамроҳи падар ва ду нафар – яке 7-

сола ва дигаре 5-сола ҳамроҳи модар мондаанд. Шавҳар маротибаи дуюм (оилааш аз ш.Панҷакент) оила барпо намудааст. Пурсон шудам, ки фарзандон бо ҳамдигар ва падару модар вомехӯранд. Посух чунин шуд, ки дар рӯзҳои истироҳат фарзанди калонӣ назди модараш меравад, аммо аз ҷониби модар нисбати фарзандон зӯроварии равонӣ зоҳир мегардад. Модар ва хешовандони ӯ намегузоранд, ки фарзандон бо падараш вохӯранд. Шумораи чунин оилаҳои ноком дар замони ҳозира хеле афзудааст. Дар оянда, чунонки таъкид гардид, ин занҷири муаммоҳоро ба вуҷуд меорад. Бояд аз ҳозир нисбати ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ намуд. Беҳуда нест, ки оила ва тарбияи оилавӣ имрӯз яке аз ҳадафҳои созандаи сиёсати давлатӣ қарор гирифтааст.

Дар илмҳои ҷомеашиносӣ мафҳуми "давраи душвори наврасӣ" вуҷуд дорад ва он дар маркази таваҷҷуҳи равоншиносон ва педагогҳо, умуман ҷомеашиносон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Олимони тоҷик С.Қодиров ва М.Давлатов қайд менамоянд, ки "Асоси рафтори навраси «душвор»-ро, чун қоида, вазъиятҳои ихтилофноку моҷароҷӯёна ташкил медиҳанд: ихтилоф дар оила (волидон – кӯдакон), ихтилоф дар мактаб (муаллим - хонанда), таъсири манфии муҳитҳои хурд (кӯча, рафиқон ва ғ.). Ин вазъиятҳо ва таъсиррасониҳо ба дигаршавии соҳаи ахлоқию иродавии наврас мебаранд ва натиҷаҳои он дар рафтори манфии наврас зоҳир мешаваду ниҳоят боиси ҳуқуқвайронкуниҳо мегарданд" [70, с.68]. Воситаҳои таъсиррасони асосии ин муамморо дар шакли зерин ифода кардан мумкин аст: наврас-волидайн-муаллим-муҳити иҷтимоӣ. Беаҳаммиятии волидайн, омӯзгорон ва таъсири муҳити иҷтимоии носоз ба ташаккули шахсияти наврас таъсири амиқи худро мегузорад. Дар ин замина хислат ва рафтори наврасон вобаста аз амалҳои манфии субъектони таъсиррасон ташаккул ёфта, он метавонад хислати номувофиқ ва нодурустро ба худ касб намояд.

Маҳз айёми наврасӣ дар ташаккули инсон марҳилаи ҳассос ва муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро ки дар ин давра рушди суръатбахши кулли функсияҳои ҳаётан муҳимми организми наврас, аз қабили сабзиш, дигаргун

гардидани мубодилаи моддаҳо ва тағйирёбии соҳаи асаб ва ҳолати равонӣ ба назар мерасад. Бо дарназардошти ҳолатҳои номбаршуда падару модарон қобилият ва фаъолияти наврасро ба эътибор гирифта, баҳри ташаккули шахсияти комил дар таълиму тарбияи фарзандони хеш бояд аҳаммияти ҷиддӣ диҳанд. Яъне масъулияти волидайн дар марҳилаи наврасии фарзандон хеле баланд буда, он заминаи мустаҳкамро дар худидоракунӣ ва худташкилдиҳии насли наврас мегузорад.

Равоншиносон таъкид доранд, ки дар айёми наврасӣ робитаи байни наврасон бо ҳамсолони худ ва бо бузургон аз рӯйи мавзуоту машғулиятҳои мухталифи амалӣ доир карда шаванд. Он хислати назоратӣ ва идоракуниро доро буда, ба амалишавии ҳадафи ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Олим, педагог А.С. Макаренко чунин ибрози ақида намудааст, ки "нуқсондории шуур - ин, албатта нуқсондории техникии шахс набуда, ин нуқсондории кадом як ҳодисаҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, хулоса, пеш аз ҳама, муносибатҳои вайроншудаи байни шахс ва ҷамъият, байни талаботҳои шахс ва талаботҳои ҷамъият аст" [70, с.69]. Дар илми равоншиносӣ ва низоъшиносӣ таъкид гардидааст, ки номувофиқатии байни хоҳиш, имконият ва талабот ба вайроншавии мувозинаи равонии шахс оварда мерасонад, ки онро наврасон хеле вазнин мегузаронанд ва он ба оқибатҳои ногувор оварда мерасонад.

Қобили тазаккур аст, ки наврасони душвор сустақл нестанд, онҳо ҳам ҷисман ва ҳам руҳан солим буда, рафтор ва амали онҳо нишон медиҳанд, ки дар оила ва мактаб камбудиҳои назаррас ҷой доранд, яъне ҳуқуқвайронкунандагон ба ҳисоб меравaнд.

Олимон А.М.Зюбин, В.И.Куфаев, И.А.Невский қайд менамоянд, ки ноболиғони аз ҷиҳати иҷтимоӣ-педагогӣ ақибмонда ба гурӯҳи наврсони ҳуқуқвайронкунанда дохил мешаванд. Чунончи, И.А.Невский инсонҳое, ки ҳуқукро вайрон мекунанд аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ менамояд: аз ҷиҳати педагогӣ ақибмонда; аз ҷиҳати иҷтимоӣ ақибмонда; аз ҷиҳати ахлоқӣ дигаргуншуда; сатҳи ниҳоии аз ҷиҳати иҷтимоӣ ақибмонда [70, с.69].

Инчунин, тавсифи наврасони ҳуқуқвайронкунанда аз рӯйи меъёрҳои зерин ҷудо карда мешавад: амалӣ намудани талаботҳои разилона ва паст; мулоимӣ; сустиродагӣ; иғвогарӣ; ғашкунӣ; аз сабаби доштани нуқсони ахлоқӣ ва ақлӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки дар байни наврасон низоми ақидаҳои ба таври равшан ифодаёфтаи ғайриахлоқӣ, дигаргуншавии арзишҳо, муносибат, дониш ва ҷаҳонбинӣ ба назар мерасад. Бархе аз наврасон дағал, хашмгин, худпараст, бепарво, бемасъулият, худбин, маккор, фиребгар, якрав, пулпараст буда, ба меҳнат кардан тамоман хоҳиш надоранд. Инчунин, наврасони дорои ахлоқи ҳамида, меҳнатдӯст, боинтизом ва боақл ба назар мерасанд, ки бо сабабҳои номаълум ба гурӯҳи наврасони аз меъёрҳои ахлоқӣ берун, ворид шуданд. Онҳо заиф, ноустувор буда, ҳолати руҳии онҳо ивазшаванда мебошад. Наврасоне ҳастанд, ки амали нолоиқи хешро дарк менамоянд, аммо ҷаҳонбинӣ ва тасаввуротҳои солими ахлоқӣ то ба охир дар онҳо ташаккул наёфтааст. Наврасони беандеша, суст, ноустувор, бепарво, нобовар низ мавҷуданд, ки муошират ва муносибат бо онҳо ба оқибати хуб намеорад. Зеро ки чунин наврасон мавқеи мустаҳкам ва устувори хешро дар ҷомеа надоранд, нисбати дигарон беэътиноӣ ва беэҳтиромӣ зоҳир менамоянд.

Чӣ боис мегардад, ки наврасон ба роҳи бад меравандʼ? Бо кадом роҳ ва тарз наврасонро ба роҳи рост ва нек ҳидоят намудан мумкин аст?

Афзуншавии табиии бемайлони аҳолӣ ва амалишавии дурусти сиёсати демографӣ дар ҳудуди Тоҷикистон нишон медиҳад, ки миқдори аҳолӣ сол аз сол афзун шуда истодааст. Албатта, чунин тамоюли зиёдшавии аҳолӣ ба таври мусбӣ арзёбӣ мегардад. Аммо зиёдшавии шумораи ҷудошавии оилаҳои ҷавон, сарсоншавии фарзандон ва беназорат мондани онҳо, аз ҷиҳати равонӣ ба муаммоҳо дучор гардидани наврасон дар замони ҳозира дар қаламрави ҷумҳурӣ хеле афзун гардидааст ва он падидаи номатлуб ба ҳисоб меравад. Амалишавии механизмҳои иқтисодиёти бозоргонӣ, рақобати озоди молу муносибати иқтисодӣ дар ташаккули шахсияти наврасон таъсири бевосита мерасонад. Дар ҷамъияти имрӯза миқдори зиёди муҳоҷирон, бекорон ва ҷинояткорон бештар дар байни ҷавонон ва оилаҳои ҷавон дида мешавад. Аз

ин ҷо, агар падар муҳоҷир бошад, бо тарбияи фарзандон модар машғул мешавад. Аммо вазифаи падарро ӯ комилан ба субот расонида наметавонад.

Воқеияти ҳозира нишон медиҳад, ки падару модарон бештар бо корҳои мавсимӣ дар давраи баҳор то ба фасли тирамоҳ бо фаъолият дар хоҷагии қишлоқ, сохтмон, соҳибкорӣ, тиҷорат ва амсоли инҳо машғул ҳастанд. Қариб ки ҳамаи наврасон низ имрӯз ҳамроҳи волидайни хеш меҳнат мекунанд. Яке аз олимон тоҷик Ҳ.А. Авзалов доир ба ташаккули соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон чунин таъкид намудааст: “Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти корхонаҳои оилавӣ дар шакли ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд, аз ин рӯ, оморҳои расмӣ шумораи онҳоро наметавонад ба таври дақиқ нишон диҳад, дар ҳоле ки онҳо дар таъминоти озуқаворӣи аҳолӣ нақши муҳим доранд. Ба ақидаи Гимпелсон: «Дар аксарияти давлатҳои иқтисодиёти гузариш дошта, сектори ғайрирасмии иқтисодиёт саҳми муҳим дорад ва дар сохтани ҷойҳои кории иловагӣ, таъмини даромади аҳолӣ ва истеҳсоли молу хадамот нақши арзанда мебозад” [133, с.168].

Имрӯз наврасон бо меҳнати инфиродӣ машғул буда, бар ивази он маблағи муайянро ба даст меоранд. Албатта, он ҷиҳатҳои мусбиро дорад. Наврасон ба меҳнатдӯстӣ, омӯзиши касбу ҳунар вақти худро сарф намуда, ба каҷрафторӣ майл ва хоҳиш пайдо намекунанд.

Ёдовар шудан лозим аст, ки дар масири таърихи навини Тоҷикистон саҳифаҳои нангин буданд, ки дар хотироти ҳамагон нақши муассири худро гузоштааст. Соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ва солҳои шадиди ҷанги шаҳрвандӣ дар қаламрави кишвар маротибаи дигар собит намуд, ки мақом ва нақши оила нуфузи хосса ва баландро бояд пайдо намояд. Аммо воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки оилаҳо ба бухрони иҷтимоӣ дучор гардида, аксари оилаҳо вазифа ва масъулияти худро ба субот расонида наметавонанд. Тарбияи фарзандон дар руҳияи ватанпарвариву ватандӯстӣ, гуманизм, меҳнатдӯстӣ, донишандӯзӣ, созандагӣ, таҳаммулпазирӣ, эътироф ва иҷрои қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда шуда наистодааст [142, с.9]. Муаммоҳои зикршуда нақши худро дар ташаккули шахсияти наврас гузошта, занҷири

масъалаҳои мубрамро дар худидоракунӣ ва худташкилдиҳӣ наврас гузошта истодааст.

## 1.4. Таъсири муносибатҳои оилавӣ ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон

Оила аввалин муҳити иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки дар он фарзанд ташаккул ёфта, тарбияи аввалинро дар онҷо мегирад. Он фазое аст, ки дар он маротибаи аввал меъёрҳои рафтори иҷтимоӣ ва муқаррароти иҷтимоӣ азхуд карда мешавад. Оила муҳите ба ҳисоб меравад, ки ба ташаккули солимии равонии созгори наврас мусоидат мекунад. Таъсири институти оила дар синну соли наврасӣ ва тамоми ҳаёти инсонӣ давом мекунад. Тавре ки И.С.Кон нишон медиҳад: “Нақши оиларо ҳамчун ячейкаи ибтидоии ҷомеа ва омили муҳимми иҷтимоишавӣ муболиға, яъне аз ҳад зиёд нишон додан мушкил аст, чунки меҳру муҳаббат ва ғамхории бевоситаи волидайн метавонанд ҳамон меҳрубониву навозишкории ҳиссиётӣ-ҳиссиёти табиии инсониро таъмин созанд, ки фардро ҳамчун шахсият мукаммал ва бой месозад, оила ҳамчун гурӯҳи ибтидоӣ баромад менамояд, ки дар он иртиботи маҳрамонаи на танҳо фарзандон ва волидайн, балки ҳам наврасони синну солашон мухталиф байни ҳам амалӣ менамоянд” [44, с.108]. Дар ҳақиқат, муносибати дуҷониба, яъне оила ба наврасон ва наврасон ба оила муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин бобат таҳлили оила аз мавқеи наврас ва баҳодиҳӣ ба рафтору кирдор ва фаъолияти волидайн аз нигоҳи наврас зарур буда, ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон омили таъсиррасон ба ҳисоб меравад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд ва таърих собит кардааст, ки аз солҳои 90-уми асри гузашта сар карда, институти оила як қатор дигаргуниҳоро аз сар гузаронидааст, ки онҳо аз сабаби объективӣ ва субъективӣ ба вуҷуд омада, боиси пайдо гардидани муаммоҳо ва мушкилиҳо гардиданд. Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон боиси пайдоиши муаммоҳои оилавӣ, оилаҳои нопурра ва муаммодор, фарзандони ғайриникоҳӣ гардид ва то имрӯз идома ёфта, шумораи оилаҳои муаммодор зиёд шуда истодааст.

Дар ин қисмат нигоҳ, назар ва мавқеи наврас ба оила, ба падару модар, хоҳару бародар ва хешовандон, дӯстон ва муҳити атроф мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор дода, аз нигоҳи наврас баҳо дода мешавад. Наврасон чӣ гуна муаммоҳоро мушкил арзёбӣ менамоянд ва ба волидайни худ чӣ тавр мефаҳмонанд? Наврас чӣ хел муҳити оилавӣ дорад? Дар ҷараёни ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон кадом омилҳо ба таври мусбӣ ё ба таври манфӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд?

Олимон бештар доир ба тағйироти таркиби оила, афзоиши миқдори оилаҳо бо як волидайн, шумораи талоқ, ҳолатҳои истиқомати алоҳидаи волидайн, ки дар оянда оилаи навро бунёд месозанд, кори тадқиқотӣ бурда, нишон доданд, ки "имрӯзҳо чунин оилаҳо ба мисли "омехта", "барқароршуда", "қабулшуда" афзун гаштаанд" [54, с.49]. Муносибати байни аъзоёни оила дар чунин оилаҳо ба тарз ва хислатҳои мухталиф арзёбӣ гардида, на дар ҳама ҳолатҳо якдигарфаҳмӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ ба назар мерасад. Зеро ки дар чунин оила фарзандон аз оилаҳои пешина ва фарзанди умумии оиларо фаро мегирад. Аз ин ҷо, оилаи омехта аз нуқтаи назари фарзандон аз оилаҳои пешин "қабулшуда" ва фарзанди умумии оилаи навбунёд – оилаи комил эътироф мегардад. Бо овардани чунин мисол, таъкид намудан лозим аст, ки таъсири оила дар тарбияи шахсияти наврасон асосӣ буда, бештар дар оилаҳои нопурра ва муаммодор ба ташаккули наврас аҳаммияти ҷиддӣ дода намешавад. Ин ҳолат боис мегардад, ки наврас на аз падару модар, балки аз дӯстон, ҳамсолон ва шахсони "ғараздошта", "нуфуздошта" маслиҳатҳоро барои ҳалли муаммоҳои ҷойдоштаи хеш пайдо намояд.

Олимон ишора менамоянд, ки дар "тадқиқотҳои худ Кларк-Стюарт муносибатҳои сетарафаро дар аксари оилаҳо нишон дода, таъкид намудааст, ки таъсири модар ба фарзанд хислати бевоситаро доро аст, ҳол он ки падар ба фарзанд бештар тавассути модараш, яъне ғайримустақим таъсир мерасонад. Фарзанд бошад, бештар ба ҳар ду - падару модар ба таври мустақим таъсир мерасонад" [44, с.110]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки фарзандон

ба меҳру муҳаббат ва ғамхории волидайн ниёз дорад ва дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии онҳо он ҳамчун меъёри асосӣ баромад мекунад.

Баҳри боз ҳам равшантар инъикос намудани масъалаи гузошташуда, таснифоти наврас бо оилаҳои пурра, носоз, бисёрфарзанд, нопурра, муаммодор оварда мешавад. Инчунин, наврас дар муҳити оила, мактаб, ҳамсолон, берун аз оила қарор дошта, дар иртибот бо ҳар яки он баҳри дарёфти мавқеъ ва манзалати худ кӯшиш ва талошҳо менамояд, яъне ҳар як ниҳоди номбаршуда таъсироти бевоситаи мусбӣ ва манфии худро дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврас гузошта метавонад.

Замони ҳозира пур аз тазод, гуногунрангии ҳаёти инсонӣ, тақдири эшон, дар баъзе ҳолатҳо бемасъулиятии волидайн нисбати фарзандони хеш арзёбӣ мегардад. Дар брошюраи аз ҷониби ЮНИСЕФ нашршуда хусусиятҳои синну соли наврасӣ қайд гардидааст, ки ҳолати низоъгии аз ҳад зиёд, ошкоршавии ҳиссиётӣ, рафтори кушоди беадабона ба назар мерасад. “Аксари падару модарон доир ба муносибати боварибахш бо наврасон андеша менамоянд. Чунин муносибати дуруст ба наврас имконият медиҳад, ки мушкилиҳои ба вуҷудояндаро паси сар намояд. Аз синну соли хурд наврас бояд донад, ки ӯро гӯш мекунанд, ба ӯ маслиҳат медиҳанд ва маҳкум намесозанд. Инчунин, он ҳиссиётҳое, ки ӯ аз сар мегузаронад, дарк мекунанд. Дар ин ҳолат дар синну соли наврасӣ ӯ тамоми хушбахтӣ ва хурсандиҳо, инчунин, бадбахтиҳои худро бо ҳам мебинанд. Муҳимаш он аст, ки дар ӯ ҳиссиёти аз ҳама асосӣ – ҳиссиёти муҳофизатӣ пайдо мешавад” [101, с.7]. Дар ҳақиқат, агар наврас дарк намояд ва итминони комил дошта бошад, ки дар оила амнияти пурраи ӯ таъмин карда мешавад, ӯро ҳамагон дӯст медоранд, нисбати ӯ ғамхорӣ ва меҳрубонӣ менамоянд, нисбати рафтори нодурусти ӯ сарзаниш ва танқиду дашном намекунанд, ӯро маҳкум намесозанд ва ӯро чӣ гунае ки ҳаст қабул менамоянд, он гоҳ дар наврас ҳиссиёти хушбахтии комил пайдо мешавад. Дар ин ҳолат аз волидайн талаб карда мешавад, ки бештар суҳбатҳои инфиродиро бо фарзандонашон, махсусан дар синну соли наврасӣ бештар доир созанд, то ки дар эшон

ҳиссиёти эътирофи шахсияти ӯ ба вуҷуд ояд. Чунин намуди муоширати соф ва озод нигоҳи наврасро дигаргун сохта, онҳо дар симои падару модар идеалҳои худро мебинанд ва кӯшиш мекунанд, то ба онҳо монанд шаванд. Г.Юнусова қайд менамояд, ки “Наврас муошират намуда, маҳорати иртиботиро инкишоф медиҳад, санъати мухталифи муоширатро тадқиқ менамояд ва якеи онро интихоб мекунад, ки ба худаш мувофиқат мекунад” [163, с.757-760]. Дар ҳақиқат, дар замони имрӯза ҷустуҷӯ ва истифодаи санъати муошират аз ҷониби наврасон ба таври мухталиф арзёбӣ мегардад. Бархе аз онҳо бо истифода аз чорчӯбаи ахлоқ муоширатро бо ҳамсолон ва калонсолон ба роҳ мемонанд, бархе аз онҳо меъёрҳои ғайриахлоқии рафтору кирдорро мавриди истифода қарор медиҳанд. Қобили тазаккур аст, ки дар чунин ҳолат муҳити оилавӣ ва муносибати аъзоёни оила ба наврас нақши муайянкунандаро ишғол мекунад. Маҳз муносибати наврас дар оила аввал аст, пас вай ба бегонагон нигоҳи хосе пайдо мекунад. Мисол, олимон инро ишора мекунанд: “Оила кӯдакро, пеш аз ҳама, ба аъзои оила ва хешовандони худ равона мекунад ва танҳо он вақт ба муҳити иҷтимоии ҷомеа, ба умум равона мекунад” [136, с.128-129].

Дар оилаҳои нопурра, яъне дар оилаҳое, ки падар ё модар надоранд (аз сабаби беморӣ, садама ё вазъи дигар вафот карданд, ё дар аксар ҳолат аз сабаби муаммоҳои оилавӣ ва якдигарнофаҳмӣ аз ҳам ҷудо гаштанд, ё оилаҳои дуюм ташкил карданд) ба тарбияи фарзандон калонсолони оила, яъне бобою бибӣ ҳамроҳ мешаванд. Агар наврас дар тарбияи хеш насиҳатҳои калонсолони оиларо қабул намояд ва дар амал иҷро кунад, он гоҳ ӯ дар оянда мавқеъ ва манзалати худро бе ягон монеа муайян месозад ва мушкилиҳои зиндагиро бо як мароми муайян паси сар мекунад. Дар ин ҳолат модар ба дарёфти маблағ бо фаъолияти меҳнатӣ машғул мегардад, чунки таъмини моддии наврасон низ меъёри асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат Крайг қайд кардааст, ки нақши бибӣ ва бобо махсусан дар оилаҳои нопурра ва дар он ҳолате, ки агар модар барои кор кардан маҷбур шавад, муҳим мебошад [44, с.131]. Танҳо барои наврасон муҳити созгор, солим, соф муҳайё намудан

лозим аст, то ки наврас мувозинаи дохилии худро гум накунад ва фаҳмад, ки ӯро ҳамагон дӯст медоранд, фикри ӯро қабул мекунанд, дастгирӣ менамоянд. Дар иҳотаи меҳру муҳаббати бузургони оила навраси комил ташаккул ва тарбия ёфта, ӯ дар ҳаёти минбаъдаи мустақилонаи хеш дар заминаи арзишҳои эътирофнамуда фаъолият менамояд, мавқеи мустаҳками худро пайдо ва муайян мекунад.

Дар оилаҳои дуюм бошад, муаммоҳои зиёд бо мушкилиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Ҳаёт собит намудааст, ки пас аз вафоти модар фарзандони мард нисбати зани дуюми падари хеш ноҳурматӣ ва нописандӣ зоҳир мекунанд. Онҳо дар симои зан гунаҳкореро мебинанд, ки ҷойи модари онҳоро гирифтааст. Дар ҳолате ки падар ё хешовандони ӯ ба фарзандон бегуноҳии занро собит насозанд, чунин вазъ шуданаш мумкин аст, ки зани дуюм низ бо фарзанди хеш чунин оиларо партофта меравад. Яъне оилаи дуюм низ пароканда мешавад. Падар то барпо намудани оилаи дуюм бояд аз ҷиҳати равонӣ фарзандонашро омода намояд ва огоҳ созад, ки зани дуюми ӯ барои фарзандонаш ҳамчун модар мебошад, ки ҳангоми зиндагии умумӣ доштан ба нигоҳубини хона-тозагӣ, пухтупаз, тарбияи фарзанд, дарстайёркунӣ, ҳангоми беморӣ ва амсоли инҳо аҳаммият дода, муҳити созгорро дар оила ба вуҷуд меорад. Дар суҳбати инфиродӣ бо М. маълум гардид, ки калимаи “ӯгай” дар ин ҳолат истифода шуда, боиси он мегардад, ки ҳар ду ҷониб аз ҳамдигар норизо гарданд. Дар солҳои аввали зиндагӣ фарзандон муносибати нейтралӣ намуда, ҳамдигарро омӯхта, дар вазъияти барои онҳо мушкил ҳисси душманӣ зоҳир менамоянд. Падар низ дар аксари ҳолатҳо айбҳои фарзандонашро руйпӯш намуда, нисбати зани дуюм муносибати номеҳрубона ва беадолатона менамояд, ки ин комилан нодуруст мебошад. Аммо, хушбахтона, бо гузашти солҳо ва бузург гаштани фарзандони наврас муносибат ба зани дуюми оила хуб шуда, муносибати нейтралӣ ва нисбатан меҳрубонона зоҳир мегардад. Ҳолатҳое ҷой дорад, ки ҳар ду ҷониб фарзандони худро дар оилаи дуюм муттаҳид месозанд ва боз фарзанди умумӣ тавлид меёбад, ҳолатҳое ҷой дорад, ки зан фарзанди

худашро ба бобою бибияш, яъне падару модари худаш гузошта, ба тарбияи фарзандони шавҳари дуюмаш машғул мегардад. Қобили қайд аст, ки чунин вазъ ҳолати равонии занро суст мегардонад, зеро ки вай фарзандашро ба мисли фарзандони шавҳараш рӯбарӯ дида, муносибат ва меҳри модариашро баён карда наметавонад. Ҳам надидани фарзанди худ, ҳам муносибати ғайриинсонии фарзандони шавҳар боис мегардад, ки аксари занҳо аз барпо кардани оилаи дуюм пушаймон мешаванд, даст мекашанд ва оила пароканда мешавад. Чунин вазъ низ ба ташаккули шахсияти наврас таъсири манфӣ мерасонад, чунки муҳити созгор ва хушбахтии оилавӣ ҷой надорад.

Ҳангоми ташкили тадқиқоти ҳиссиёти наврас дар оила ва муносибати ӯ бо аъзоёни оила бештар ба оилаҳои пурра, нопурра, дуюм, муаммодор эътибори сахт дода мешавад, ки бо наврасон пурсишҳо мегузаронанд ва муносибати онҳо нисбати аъзои оила муайян карда мешавад. Аввал равоншиносон онро ишора мекунанд, ки дар ҳаёти наврас оила ниҳоди калидӣ мебошад ва ҳамаи андозаҳои ахлоқӣ, муносибат ва муоширатро дар оила вай азхуд менамояд. Хусусан мушкилиҳои муносибати наврасон бо аъзои оила ҳангоми нопурра будани онро бештар мавриди омӯзиш қарор мегирад, ки дар солҳои охир дар Тоҷикистон сершумор шудааст.

Мисоли дигар, дар суҳбати инфиродӣ бо А. маълум гардид, ки дар оилаи аввал аз сабаби фарзанддор нашудан ба хушӣ, бе ҷанҷол ҷудо шудааст ва оилаи дуюм барпо намудааст, ки шавҳараш ду фарзанди навраси мактабхон дорад. Ҳар моҳ шавҳар аз зан ба миқдори ҳазор сомонӣ маблағ барои зиндагии умумӣ талаб мекардааст, ки зан бояд диҳад. Ғайр аз ин, барои харидҳои иловагӣ зан панҷсад-шашсад сомони иловагӣ сарф менамояд. Агар чунин маблағ пешкаш нашавад, он гоҳ ҳам шавҳар ва ҳам падару модари шавҳар талаб мекарданд, то ки зан баромада равад ва ҷанҷоли оилавӣ фазои “глобалӣ”-ро қабул менамояд. Дар ин ҳолат зан ва фарзандони оила дучори фишори равонӣ гардида, таҳқир ва дашномҳои безебро аз ҷониби аъзоёни дигари оила мешунаванд. То ҳатто талаб карда мешавад, ки зан оилаи дуюмро партофта равад. Азбаски низоъҳои оилавӣ байни шавҳар ва зани

якум бештар хислати тезутундро мегирифт, ду фарзанди навраси шавҳар аз модари худ муносибати дағалона медиданд, беасос ҷазо мегирифтанд. Аммо оилаи дуюми шавҳар, яъне модарандар ба фарзандони шавҳар муносибати меҳрубонона намуда, бо суханҳои нек муроҷиат карда, бо самимият дар қалби фарзандон ҷой гирифт. Аз ин пас, фарзандони навраси шавҳар ба модарандари худ муносибати самимӣ ва некбинона пайдо намуданд, чунки зани дуюм дар чунин вазъият онҳоро ҳамчун шахсияти мустақил эътироф намуда, бештар суҳбатҳои бомаслиҳат доир менамуд. Наврасон дар симои модарандари худ шахси некбин, меҳрубон ва ҳалимро дида, дар ботини онҳо мувозинаи равонӣ барқарор мегардад. Чунин ҳолатҳо дар ҷомеаи имрӯза ва оилаҳо бештар ба назар мерасанд. Азбаски барои зан ҷудо шудан аз оилаи дуюм ору номус мебошад, дар аксари ҳолатҳо онҳо ба чунин мушкилӣ ва муаммоҳои оилавӣ тоқат ва таҳаммул мекунанд. Аз мисоли овардашуда, аён мегардад, ки наврасон аз шахсони бузург ва наздики оилаи хеш бештар муносибати нодуруст ва муоширати бераҳмона дучор мегарданд. Аз ин ҷо, бо боварии комил гуфтан метавон, ки мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон муҳим арзёбӣ гардида, дар чунин вазъият таъсири манфии он дар ташаккули шахсияти наврас ба назар мерасад.

Саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро дар замони имрӯза муқаддас будани институти оила ва арзишҳои оилавӣ, тарбияи солими фарзандон баҳри ояндаи неки онҳо, тарбияи дуруст ва сухани неки бузургони оила нисбати махсусан, наврасон коста гардидааст? Дар замоне ки сулҳу оромӣ кишварро фаро гирифта, тамоми шароит барои зисту зиндагии арзанда ва шоиста мавҷуд аст, дар замони пешрафти илму техника ва технологияҳои иттилоотӣ, мавҷудияти имкониятҳои нав ба нав институти оила моҳият ва мазмуни асосии худро аз даст дода истодааст. Оқибати он ногувор арзёбӣ гардида, боис мегардад, ки дар ҷамъияти имрӯза силсилаи мушкилиҳо ва муаммоҳо ба вуҷуд оянд. Беаҳаммиятӣ нисбати тақдири фарзандон, махсусан наврасон дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии онҳо ба таври манфӣ маънидод карда мешавад. Нигоҳ ва назари наврасон нисбати чунин муносибати

беаҳаммиятонаи калонсолони оила комилан дигаргун гардида, онҳо дар заминаи арзишҳои қабулнамуда ва фаҳмиши хеш, норизогӣ ва нофаҳмӣ, маҳдудият, фишори равонӣ, тарс, хавотирӣ, инчунин мустақилияти яктарафа ва эътироф накардани арзишҳои асосии ҷомеа ба воя мерасанд.

Д.Балико чунин қайд намудааст: “Аксари падару модарон аз рӯйи принсипи зерин амал менамоянд: агар аз инсон ҳама чизро кашида гирӣ, сипас нимашро баргардонӣ, он гоҳ ӯ ба ту тамоми умр миннатдор мешавад. Дар ҳақиқат, маҳз аксарият бо чунин тарз муҳаббат ва сипосгузорӣ муваффақ мешаванд. Волидайн фарзандони худро намешунаванд. Дар майнаи онҳо аллакай таассуроти интизорӣ ташаккул ёфтаанд, бинобар ин, ягон хел зарурати гӯш кардани фарзанд, ки аслан ӯ чӣ гуфтан мехоҳад, вуҷуд надорад. Барномарезӣ ба “таассуроти тез” ба онҳо имконият намедиҳад, ки рафтори хешро вобаста аз натиҷаҳои он дигаргун созанд. Онҳо ҳамеша ҳақ ҳастанд. Хатогиҳо ба эътибор гирифта намешаванд... Дар волидайн ҳамеша ҳадафҳои созанда вуҷуд доранд, ба мисли бедор кардани шавқи китобхонӣ ё дарсомӯзӣ, маҷбур намудан баҳри мадад расонидан ба модар дар иҷрои корҳои хонагӣ, бо медал мактабро хатм намудан, боинтизомӣ, покизакорӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳадафмандӣ, содиқӣ, вафодориро омӯзонидан... Аммо аз рӯйи ин меъёрҳо на ҳамаи ҳадафҳо амалӣ карда мешаванд, ё ки тамоман баръакс мешавад. Дар наврас ҳиссиёти бадбинӣ ба хониш, ба меҳнати хонагӣ, гирифтани маълумот, фарҳанг, маънавиёт ва худи ҳаёт пайдо мешавад. Лекин наврас ин холигиро пурра намуда, машғулияти дигар - Интернет, компютер, телевизор, маводи мухаддир ва ғайраро пайдо мекунад” [14, с.14]. Дар ҳақиқат, агар наврасон зарурати иштирок ва дарки манфиатҳояшро дар муносибат бо волидайн дар оила ҳис накунанд, ҳиссиёти ногувор, эътироф нагардидан, бадбинӣ дар эшон ба вуҷуд меояд. Ғамхорӣ ва меҳру муҳаббати оилавиро дарк нанамуда, дар онҳо кинаю адоват, номеҳрубонӣ нисбати волидайн ва ҳадафҳои созандаи онҳо ба вуҷуд меояд. Ворид шудан ба ҳар гуна гурӯҳҳои “шубҳаовар” ва дӯстони “ғараздошта” ба он оварда мерасонад,

ки на танҳо аз ҷониби оила, балки тамоми ҷамъият онҳоро маҳкум менамоянд.

Одатан дар оила наврас ба падару модари худ меҳрубонона назар мекунад, дар ҳолате ки онҳо ба вай чунин назар намоянд, аммо наврас аз волидон дӯстӣ, муҳаббат ва меҳрубониро дида наметавонанд ва сабаби чунин намуди муносибат дар серкор будани волидон аст. Онҳо бештар дар кор ва меҳнат барои дарёфти маблағ сарукор доранд ва барои фарзанди худ вақт барои муошират намеёбанд. Бинобар ин, наврасон чунин иброзӣ андеша мекунанд, ки аз волидонашон назорати ҷиддиро пай мебаранд, ки ба ҷои тарбияи мутсақилият ва касбомӯзӣ наврасонро ба ҳолати мушкил мегузоранд. Дар ин ҳолат дар наврас ҳиссиёти вобастагӣ, нобоварӣ ба қувваи худ ва чунин холигии фазои тарбияро омилҳои бад ва зараррасон ишғол мекунанд, ки наврасро ба роҳи бад мебарад.

Дар оила фарзандон доир ба муҳити атроф тасаввуротҳои аввалини худро пайдо мекунанд. Оила наврасро дар раванди иҷтимоишавӣ, дастгирӣ ва равона месозад. Аз ҷиҳати равонӣ олимон қайд намуданд, ки талаботи якҷоя будан ва иттифоқӣ инсонро, алалхусус наврасро, муттаҳид менамояд. Наврасон кӯшиши наздик будан бо падару модар, хоҳару бародар, дӯстону наздикон дошта, итминон доранд, ки дар оила фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгирӣ ҳукмфармо мегардад. Мисол, В.Н. Дружинина чунин фарзияро пешниҳод мекунад: “Кӯдак бештар аз ҷиҳати зеҳнӣ ба он волидайн монанд мешавад, ки бо онҳо вай аз ҷиҳати ҳиссиёт наздик мебошад ва бештар муомила мекунад ва ба онҳо пайравӣ менамояд” [43, с.132]. Аммо на ҳама вақт муошират дар оила ҳисси қаноатмандиро дар наврасон ба вуҷуд меорад. Чӣ бояд кард, ки наврас меҳру муҳаббати волидайнро дида, онро дарк намуда, ҳисси масъулият ва ғамхорӣ дар ӯ пайдо гардад?

Дар тадқиқотҳои М.В.Оршанская маълумотҳое ба даст оварда шуданд, ки маънои оилаи хубро дар ҷаҳонбинии наврас инъикос менамояд, ки дар он наврасон ҳиссиёти қаноатмандиро нишон медиҳанд (оилаҳои хуб дар тасаввуроти наврасон, ҷадвали 2.14) [169, с.78]. Дар ҷадвал муайян карда

шудааст, ки таъсири бевоситаро ба наврас падару модарон мерасонанд. Чунончи, наврасон қайд кардаанд, ки шавқу завқи волидайн ба китобхонӣ, гӯш кардани мусиқӣ ва тамошои филмҳои ҳунарӣ дар онҳо низ чунин эҳсосотро бедор месозанд ва он монандӣ дорад. Волидайн кӯшиш менамоянд, ки вақти холигии худро бо ҳамроҳии фарзандон гузаронанд, ба театр, музей, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва истироҳатӣ ҳамроҳ раванд. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки падару модарон фаъолияти ҳамҷоя бо фарзандони хешро доранд - китоб мутолиа мекунанд, ҳамроҳ дарс меомӯзанд, ба онҳо мадад мерасонанд, муҳофизат менамоянд. Дар ҳақиқат “Табиист, ки чунин таъсироти мутақобилаи волидайн ва наврасон ба наздикшавии муносибати байни онҳо оварда мерасонад, вазъияти оромиву осудагӣ, амният ва бехатарӣ, боварӣ ба муваффақиятҳои назаррас, имони комил ба оянда ба вуҷуд меояд” [54, с.51], -таъкид кардааст, В.Г.Казанская.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки муносибати мусбӣ дар оила асоси иҷтимоишавии мусоид ба ҳисоб рафта, маҳз он наврасро аз вазъиятҳои дохилӣ ва берунии вазнину асабонӣ муҳофизат менамояд.

Аз ин ҷо, бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки тарбияи наврасон ба таври бевосита аз падару модар вобастагӣ дорад. Вобастагӣ-ин тобеият ба дигарон, иродаи ғайр ҳангоми мавҷуд набудани мустақилият ва озодӣ эътироф мегардад. Наврасон аз волидайн вобастагӣ доранд, зеро ки аз ҷониби онҳо дараҷаи муайяни ҳаётӣ таъмин карда мешавад. Зери таъсироти волидайн ҳавас, рағбат, одат, вақтгузаронии хуш ташаккул меёбанд. Ин вобастагӣ ҳангоми ба воя расидани наврасон суст гардида, онҳо дар заминаи малакаҳои ҳосилкарда ба таври мустақилона фаъолият мекунанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки яке аз вобастагии муҳим ин кӯшиши чун волидайн эътироф гардидан, будан ва қабул гардидани ӯ ба ҳисоб меравад. Ин ҷузъиёти зарурии ташаккули шахсияти наврас шуморида мешавад. Наврасон аз ҳолати ҳиссиётии волидайн вобастагӣ дошта, он хусусияти интиқолиро соҳиб аст. Рад намудан, эътироф накардан, низоъҳои оилавӣ,

кайфияти бад ва ногувори калонсолон дар наврасон вазъи номусоидро ба вуҷуд меорад.

В.Г.Казанская вобастагӣ аз оила, яъне падару модарро (таъсири вобастагии наврасон аз оила ва волидайн, %, ҷадвали 2.15) чунин инъикос намудааст [54, с.52]. Комилан диққатро ба худ ҷалб мекунанд. Наврасон кӯшиши сустшавиро аз вобастагии волидайн доранд, "қариб 35%-и онҳо иқрор мешаванд, ки ҳатто агар ҷазо гиранд ҳам, ба нияти худ мерасанд" [54, с.52].

Дар ҳақиқат, оила сарчашмаи муносибатҳои наврас ба ҳаёт эътироф гардидааст. Дар мисоли волидайн ва воридшавӣ ба фаъолияти ҳамҷоя бо онҳо наврасон тарзи ҳаёти онҳоро дар аксар ҳолат такрор менамоянд. Дар заминаи арзишҳои оилавӣ ва қоидаҳои иҷтимоии рафтор мутобиқшавии иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

"Хеле аҷиб аст, ки аксарияти падару модарони ғамхор ва бомасъулият чунин андеша доранд, ки "ман туро ҳақорату дашном ва сарзанишу маломат мекунам, зеро ки дӯст медорам". Аммо наврасон ба чунин тарзи муносибат ҳарчанд зоҳиран ризоӣ диҳанд ҳам, итминони комил надоранд. Ба мо ва ба фарзандонамон низ танқид шунидан писанд намеояд. Мо ҳеҷ гоҳ боварӣ ҳосил намекунем, ки роҳбаре, ки ҳама вақт моро танқид менамояд, дар асл эҳтиром ва ба таври хуб муносибат мекунад. Бо фарзандон ва волидайн низ чунин аст. Ҳиссиёти манфӣ, ки дар натиҷаи танқид ба вуҷуд меояд, на мо ва на фарзандонамонро далелнок намесозад, баръакс таъсироти мухолифро ба вуҷуд меорад. Хулоса, фарзандонро кам танқид ва сарзаниш намудан лозим аст. Танқиди мунтазам ва танбеҳ – ин раванди нохуш ва ногувор ба ҳисоб меравад, ки фарзандонро хеле ғамгин ва парешон, кайфиятро вайрон, хушиҳои зиндагиро заҳролуд месозад ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ва матлуб намеорад. Азбаски муаммоҳо ба таври мунтазам ба вуҷуд меоянд, бинобар ин, мо онҳоро ба тарзи дигар ҳал намуданамон лозим аст" [74, с.10]. Албатта, сарзаниш ва танқидҳои мунтазам доираи амал ва рафтору фаъолияти наврасонро маҳдуд месозад. Наврасон ҳиссиёти бадбинона пайдо намуда,

нисбати падидаҳои мухталиф аз нигоҳи манфӣ баҳо медиҳанд. Дар ин ҳолат волидайн бо нигоҳи нек ва суханҳои нек ба наврасон бештар суҳбатҳо доир намуда, бо мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ ва таҷрибаи зиндагии хеш бояд фаҳмонанд, то ки онҳо ҷаҳонбинии васеъ ва кайфияти хуб дошта бошанд, оқибати рафтору кирдори худро дарк намуда, фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва боварибахш дар оила ҳукмфармо бошад.

Н. Литвак чунин қайд намудааст, ки “Агар мо аз ягон гапи ночиз муаммо созем, он гоҳ фарзандон одат мекунанд, ки ягон амали онҳо писанди мо нест ва дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани муаммои ҳақиқӣ, онҳо комилан боварӣ пайдо намекунанд ва намефаҳманд, ки дар ҳақиқат вазъият ҷиддӣ мебошад. Аммо вақте ки наврас боварӣ дорад, ки ба ӯ беҳуда хӯрдагирӣ намекунанд, он гоҳ дар шумо имконияти бештар пайдо мешавад, ки дар лаҳзаи мураккаб наврас ба танқид ва сарзаниши шумо гӯш диҳад. Нисбати хулқу хӯ ва тинати фарзандони хеш некбинона рафтор намоед” [74, с.12]. Шахсияти наврасро эътироф намуда, нисбати ташаккули ҷаҳонбинӣ, тафаккур, маънавиёт ва эҳсосоти ӯ аҳаммияти ҷиддӣ дода, муносибати некбинона ва бовариии ҳамдигарӣ аз ҷониби аъзоёни оила зарур мебошад. Дар ин ҳолат назари наврас нисбати волидон дигаргун гашта, фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром байни онҳо ба вуҷуд меояд.

Аз наврасон бештар пурсон мешаванд, ки чи тавр бо онҳо волидонашон муомила мекунанд ва шароитҳои гуногунро ба онҳо ҳамчун мисол меоранд, ки баҳодиҳии наврас бештар ва расотар мегардад. Агар волидон бо онҳо муомилаи сахт дошта бошанду барои дастрас шудан ба ягон маром пешгирӣ намоянд, наврас дар ин ҳолат нобоварӣ нисбати волидонаш иброз мекунад ва ботинан ба мароми худаш равона мешавад. Бинобар ин, аз волидон хоҳиш карда мешавад, ки онҳо бо фарзандони худ бештар ҳамсуҳбат шуда, розӣ дили онҳоро дониста амал намоянд, ки дар онҳо ҳисси бадбинӣ ва ноҳурматӣ пайдо нашавад.

Муносибат ва муоширати нек бо наврасон ҳиссиёти эҳтироми ҳамдигарӣ ва фазои боэътимодро ба вуҷуд меорад. Ва баръакс. Агар аз

ҷониби волидайн муносибати дағалона, дашном ва таҳқирҳо нисбати наврасон истифода гардад, ҳиссиёти беэҳтиромӣ, бадбинӣ, душманӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат наврасон аз ҷаҳони ботинии худ калонсолонро огоҳ намесозанд, ягон хел иртиботи созанда ба вуҷуд намеояд, масофаи байни волидайн ва наврасон торафт афзун гардида, фазо ва муҳити носозгор ба амал меояд, ки чунин вазъият дар оила силсилаи муаммоҳоро ба вуҷуд меорад.

Э.Фромм қайд менамояд, ки бодиққатӣ дар муносибат бо одамони дигар-ин дар навбати аввал маҳорати гӯш кардан мебошад [113, с.54]. Агар волидайн наврасонро гӯш карда, хулосаҳои зарурӣ бароварда тавонанд, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар муносибати мутақобилаи онҳо муҳити ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд меояд. Аксари падару модарон умуман ба фарзандони худ гӯш надода, маслиҳату насиҳатҳои нолозима медиҳанд, манфиат ва ҳадафҳои фарзандони худро дарк намекунанд. Ин ҳолат боис мегардад, ки наврасон ба калонсолони оила ҳиссиёти бовариро гум намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки наврасон ҳамаи он амалу рафторҳое, ки бузургони оила-падару модарон иҷро мекунанд, такрор месозанд. Дар урфият мегӯянд, ки “падару модар барои фарзандон намунаи ибрат ҳастанд”. Ин ҳақиқатест, ки дар масири таърихи инсонӣ комилан собит гардидааст. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки падару модар чӣ гуна аҳлона ҳамроҳ зиндагӣ намоянд, фазои оилавӣ соф бошад, ҳамон қадар наврасон арзишҳои оилавиро хуб дарк менамоянд. Агар дар оила муҳити созгор ҳукмфармо бошад, он гоҳ фарзандон низ арзишҳои оилавӣ ба мисли: меҳру муҳаббат, эҳтироми ҳамдигарӣ, меҳнатдӯстӣ, иттифоқӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва хислатҳои дигари ҳамидаро аз худ менамоянд. Баръакси ҳол, агар фазои оилавӣ номусоид бошад, ҷанҷолҳо байни аъзоёни оила ба таври тезутунд сурат гиранд, ҳар як узви оила вазифа ва уҳдадории худро ба субот нарасонад, бемасъулиятии калонсолон зоҳир гардад, он гоҳ ояндаи неки чунин наврасонро андеша намудан ғайриимкон мегардад. Наврасони дар чунин оилаҳои носозгор ба воя расида, аз ҷиҳати равонӣ ва ахлоқӣ суст инкишоф

ёфта, дар ҷомеа мақом ва мавқеи худро муайян карда наметавонанд. Ин вазъият боис мегардад, ки аз чунин наврасон шахсони ба оила ва ҷамъияти имрӯза нолозим ва манфӣ ба воя мерасанд. Онҳоро мунтазам маҳкум, танқид ва сарзаниш менамоянд.

Падару модарон бо наврасон бештар суҳбатҳои инфиродӣ доир намуда, ҳолати ботинии онҳоро пурсон шуданашон зарур аст. Дар ин бобат З.Некрасова чунин таъкид намудааст: “Бадбахтии қариб тамоми волидайн дар он аст, ки мо ба таври хуб гуфтугӯ менамоем, аммо ба таври бад мешунавем. Барои наврас муҳим аст, ки ӯро шунаванд. Фикру мулоҳизаҳои шуморо вай ба таври кифоя гӯш кардааст, акнун ба ӯ зарур аст, ки андешаи худро иброз намояд. Ва ба таври ҳаққонӣ наврас шуморо гӯш карда метавонад, танҳо пас аз он ки ҳамаи он чизе ки дар ботинаш ҳаст, баён созад. Гӯш кардани фикру андешаи ӯро ёд гиред ва ӯ аз сари нав ба суханҳои шумо гӯш медиҳад” [87, с.268]. Дар воқеъ, ҳаёти имрӯза нишон медиҳад, ки муносибат бо наврасон бештар ба таври яктарафа сурат мегирад, яъне фақат падару модарон фикру мулоҳизаҳо, сарзаниш ва танқидҳои хешро баён месозанду бо ҳамин гӯё ки муаммо ҳал мешавад. Аммо воқеият чунин нест, мушкилиҳо ва муаммоҳои ботинии наврасон ногуфта мемонанд. Вазъи равонӣ ва ботинии наврас дар ҳолати мувозина қарор намегирад. Савол ба вуҷуд меояд, ки чӣ тавр, бо кадом усул фазои якдигарфаҳмӣ дар оила барқарор карда шавад. Дар чунин ҳолат З.Некрасова истифодаи усулҳои зеринро тавсия медиҳад. Ба мисли дарёфти лаҳзаҳои зарурӣ-агар наврас худаш суҳбатро оғоз намояд ва дар бораи худ ва дӯстонаш андешаашро иброз намояд, он гоҳ ба волидайн лозим аст, ки ҳама корҳояшро партофта, ба фарзандаш гӯш диҳад; муҳайё намудани шароит-ҳамкории якҷоя бо наврас муҳити созгор барои гӯш кардани ҳамдигар дар муҳити оила ба шумор меравад; ташкили анъанаҳо-саёҳати бегоҳирӯзӣ, ба таври ҳамҷоя омодасозии хуриш ё хӯроки болаззат ва амсоли инҳо [87, с.267].

Равоншиносон маслиҳат медиҳанд, ки ҳангоми наврас суҳбатро оғоз кардан хоҳад, бояд волидон барои суханони онҳоро гӯш карда тавонистан

маҳорат пайдо кунанд ва доим ба онҳо дар якҷоягӣ сафар, сайругашт, консерт ва машқҳои спортӣ гузаронанд, ки бо ин роҳ наврас ба волидон торафт наздик мешаванд. Чунин намуди услубро низ ҳангоми пурсиш ва суҳбат аз худи наврас бояд назари вайро фаҳмидан лозим аст.

Қобили қайд аст, ки тарзи тарбияи писарон аз духтарон фарқ дорад. Дар ин ҷо хусусияти муносибати инфиродӣ бо ҳар яки онҳо дар назар дошта мешавад. Наврасдухтарон ва навраcписарон дар замони ҳозира "ҳушёр" мебошанд. Инчунин қобилият, хусусият, ҷаҳонбинӣ, тафаккур, фарҳанг ва масъулияти наврасон ба назари эътибор гирифта шуда, вобаста аз ҳамаи ин хусусиятҳои зикршуда ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ҷараён мегирад.

Равоншиносон ба таври мунтазам нақши падарро дар иҷтимоишавии оилавӣ таъкид менамоянд. Дар тарбияи писарон ба падар мақоми хосса вогузошта мешавад. Муҳиммияти шахсияти падар, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки барои писар ӯ ҳамчун ибрати мардӣ эътироф мегардад. Намунаҳои рафтори падар, ки аз ҷониби писар қолаб бардошта мешавад, симои маънавӣ ва тарзҳои рафтори ӯро ташаккул медиҳанд. Чунончи, олимон ба нигоҳи А.И. Захаров такя менамоянд, ки ӯ "ба ҳақиқати пастшавии қобилияти эҳсос дар писарон ҳангоми баҳодиҳии падари майзада (дар муқоиса бо писароне, ки падарашон солим ҳастанд) нишон медиҳад" [44, с.111]. Тарбияи оқилона ва ғамхоронаи падарӣ ба ташаккули ҷасорату мардӣ дар писарон ва назокату нафосати духтарон мусоидат менамояд.

Тарбияи имрӯзаи наврасон аз пешина фарқият дорад. Дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон дар замони ҳозира якчанд тамоюли мусбӣ ва манфӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Ҳарчанд меъёр ва принсипҳои тарбия дигаргун нашудаанд, аммо сатҳ ва дараҷаи қабул ва истифодаи он аз ҷониби наврасон ҳархела мебошад. Албатта, пешрафти техника ва технологияҳои компютерӣ, Интернет, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион ва радио аз тарафи наврасон бо мақсадҳои мухталиф мавриди истифода қарор мегирад ва онҳо на ҳама вақт баҳри афзун намудани донишу

ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва фарҳанги худ аз он истифода мебаранд. Имрӯзҳо истифодаи Интернет аз ҷониби наврасон нисбат ба дигар намуди машғулият, масалан, мутолиаи китоб бештар гардидааст. Тамоми волидайн баҳри назорати дар кадом макон будани фарзандони худ ба онҳо телефони мобилӣ харидорӣ мекунанд, ки ин амали эшон натиҷаи мусбӣ ва манфӣ низ дорад. Албатта, барои хотирҷамъии онҳо чунин амал дуруст аст. Аммо ҳолатҳое ҷой дорад, ки маҳз истифодаи нодурусти он наврасонро гумроҳ месозад. Аз ин лиҳоз, бояд дар байни тамоми қишри ҷомеа, алалхусус наврасон, этикаи истифодаи телефони мобилӣ омӯзонида шавад. Кулли волидайн ҳамаҷониба мекӯшанд, ки баҳри фарзандаш тамоми шароитҳои беҳтаринро фароҳам оварад, то ки аз эшон шахсияти комил ба воя расад. Ба ғайр аз телефони мобилӣ, таҳсил дар мактабҳои хусусии беҳтарин, марказҳои забономӯзӣ, харидории мошинаҳои шахсӣ ва ҳуқуқи истифодаи он, саёҳат дар давлатҳои хориҷа-ин як қисми он шароитҳо мебошад, ки волидайн баҳри фарзандаш муҳайё месозанд. Аммо на дар ҳама оила чунин шароити комил ва ҳаматарафа мавҷуд мебошад. Оилаҳое ҳастанд, ки бо меҳнати ҳаррӯза зиндагии худро пеш мебаранд ва дар ин ҳолат шароити дар боло номбаршуда муҳайё намегардад ва вуҷуд надорад. Дар чунин оилаҳо падару модар, ё майзада, ё камбағал, ё бемору маъюб, ё дар зиндон мебошанд, ки тамоман ташаккули ҳиссиётии фарзандонро андеша надоранд. Чунин наврасон бо маҳдудияти ҳам моддӣ ва ҳам равонӣ ба воя мерасанд. Онҳо маҷбур ҳастанд, ки барои дарёфти маблағ бо корҳои мавсимӣ машғул гарданд. Аз ин ҷо, доираи тафаккури онҳо вобаста ба шароити оилавӣ ба таври маҳдуд ва номувофиқ ташаккул меёбад.

Олимон нигоҳи А.Адлерро тадқиқ намуда, ба чунин хулоса омаданд, ки муҳаббати солими модар дар натиҷаи ғамхории ҳақиқӣ дар ҳаққи одамон ҷараён мегирад ва ба модар имконият фароҳам меоварад, ки дар фарзандаш манфиати иҷтимоиро тарбия намояд. Самимият ва меҳрубонӣ ба шавҳар ва фарзандони дигар, умуман одамон ҳамчун шакли асосӣ ва намуна барои фарзанд баромад менамояд. Агар ӯ танҳо шавҳари худро афзал донад, аз

фарзандон ва ҷамъият канораҷӯӣ намояд, фарзандонаш худро фиребхӯрда ва номатлубу нохоҳам ҳис менамоянд. “Дилхоҳ рафтори калонсолон, ки дар фарзандон ҳиссиёти хунукназарӣ ва беаҳаммиятиро ба вуҷуд меорад, ба талафи мустақилият ва беқобилиятӣ ба ҳамкорӣ оварда мерасонад. А.Адлер манфиати иҷтимоиро чун нишондиҳандаи солимии равонии шахсият эътироф намудааст. Инкишоф наёфтани онро бошад, сабаби асабоният меҳисобад” [44, с.114].

На дар ҳамаи оилаҳо падару модарон аз фарзандони худ пурсон мешаванд, ки то кадом андоза муаммоҳои ботинии эшон ҳал гардида, мувозинаи дохилӣ барқарор гардидааст. Истифодаи усули суҳбати инфиродӣ тариқи саволу ҷавоб имконият медиҳад, ки муаммоҳо ва мушкилиҳои наврасон сари вақт ҳалли худро ёбанд ва дар фазои оилавӣ якдигарфаҳмӣ ва ҳурмату эҳтиром ҳукмфармо бошад.

Дар мадди назар дошта шавад, ки нигоҳи наврас нисбати рафтору кирдори калонсолони оила чӣ гуна баҳогузорӣ карда мешавад. Зеро ҳисси ифтихор аз падару модар ва оилаи худ маҳз дар синну соли наврасӣ ташаккул меёбад. Баръакси ҳолат низ ҷой дорад. Ҳисси бадбинӣ ва хусумат нисбати волидайн, беэҳтиромӣ ва эътироф накардани онҳо аз тарзи муомилот ва муошират бо фарзандон сурат мегирад. Аз ин ҷо хулосаи солим баровардан мумкин аст. Агар фазои оилавӣ солим бошад, он гоҳ дар чунин муҳити соф нигоҳ ва сатҳи инъикоси ҷаҳонбинии наврасон низ ба таври мусбӣ арзёбӣ мегардад. З.Некрасова ба таври зерин қайд кардааст: “Ду амалиёт мухолиф (сахт нигоҳ доштан ё тамоман дур шудан) аз рӯйи мазмуни худ як хел мебошанд. Ин хоҳиши озод шудан, яъне озодсозии худ аз масъулият аст. Ва дар навбати аввал, он кулли падару модарони серташвиш ва мондашударо фаро мегирад, ки таваҷҷуҳро на ба наврас, балки ба ҳиссиёт ва таассуроти худ медиҳанд. Баръакс амал намоед. Дар навбати аввал доир ба фарзанди эътирозкунанда, доир ба ҳолат ва муаммоҳои ӯ андеша ронед, танҳо пас аз он мушкилиҳои худро фикр кунед. Ҳар ду аломатро ҳамҷоя созед. Он гоҳ шумо метавонед сар диҳед, вале ҳамроҳӣ кунед, боз доред, аммо боварӣ ва

ҳамдигарфаҳмиро нигоҳ доред. Идора накунед, балки равона намоед” [87, с.265]. Наврасон бояд дарк намоянд, ки онҳо барои оилаи худ, падару модар шахсони зарурӣ ба ҳисоб мераванд. Аммо серташвиш будани волидайн на ҳама вақт чунин имкониятро фароҳам меорад. Аксари падару модарон муносибати бепарвоӣ нисбати фарзанди наврас зоҳир менамоянд. Тақдири онҳоро ба одамони бегона вомегузоранд, наврасон дар кӯча тамоман аз меъёрҳои ахлоқӣ дур ба воя мерасанд. Бархе аз волидон бошанд, тамоми шароитҳоро баҳри фарзандон муҳайё месозанд. Қобили қайд аст, ки ҳар як усули истифодашуда самара ва натиҷаи худро дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон мегузорад.

Наврасон аз оилаҳои носозгор волидайни худро ҳамчун одамони ба таври нокифоя таҳаммулпазир қабул менамоянд, ки ба тадбирҳои тарбиявии ҷазодиҳӣ моил мебошанд [132, с.3-60]. Ғайр аз ин, В.Фарес ва К.Ренк таъкид намудаанд, ки ҳиссиёти мусбӣ ба модар ва падар бо муаммоҳои нисбатан пасти муассир ва рафторӣ иртибот доранд. Чӣ қадаре ки дараҷаи ҳиссиёти манфӣ ба модар ва падар баланд бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти муаммои рафтори наврас баланд мебошад. Умуман, муносибати наврасон ба волидайни худ аз ҳаракати наврасон сахт вобастагӣ дорад [164, с.156-169].

Дар синну соли наврасӣ мақоми хоссаро муошират бо ҳамсолон ишғол менамояд. Муносибати дӯстона дар наврасӣ яке аз соҳаи муҳимми ҳаёти фард ба ҳисоб меравад. Мувофиқи нигоҳи баъзе аз олимон муносибати наврасон бо калонсолон бештар тағйир меёбад. Новобаста аз дигаргуншавии хислати муошират оила яке аз вазифаҳои муҳимми худ – коммуникативӣ (муошират)-ро ба субот мерасонад. Муошират бо ҳамсолон талаботи иртиботро дар як сатҳ қаноатманд месозад, муошират бо волидайн дар сатҳи мухталиф амалӣ мегардад. Ва чунин муошират низ талаботи наврасон ба ҳисоб меравад. Хислати муошират бо волидайн яке аз меъёрҳои муҳимми шахсӣ-мавқеи шаҳрвандии наврасро ба воситаи муҳокимаи муаммоҳои иҷтимоӣ муайян менамояд [134, с.27-42].

Олимон таъкид менамоянд, ки “Дар асоси таҳлили назариявӣ хусусиятҳои муносибати байниҳамдигарии волидайн ва наврасон муайян карда шуд: озодӣ ва мустақилият; нигоҳдории қисми ҳаёти худ аз ҷониби наврас; ивази дараҷаи муошират ба болиғ-болиғ; нишон додани фардияти худ аз ҷониби наврас; зарурияти паст намудани сатҳи назорат; муроҷиат ба наврас баҳри мададрасонӣ ва маслиҳатдиҳӣ” [144, с.103]. Ба наврас ҳис намудан зарур аст, ки ӯро чун шахсият дарк менамоянд. Давраи наврасӣ бо воридшавии фарзанд ба ҳаёти болиғ фарқ мекунад, ӯ мустақил ва соҳибихтиёр гардиданро меомӯзад, худро шинохта, ҷойгоҳи худро муайян месозад. Бо дарназардошти ин ба волидайн лозим аст, ки баҳри нигоҳдории муносибатҳои самарабахш мустақилияти ӯро эътироф намоянд, ақидаи ӯро ба назар гиранд, бо ӯ ҳамчун бо шахси болиғ муошират намоянд, маслиҳат кунанд, мадад пурсанд. Зарур аст, ки фарзандонро фаҳманд, роҳҳои нави таъсироти мутақобиларо ҷустуҷӯ намоянд, озодӣ диҳанд. Муҳим аст, ки атрофи наврас шароити мусоид баҳри ташаккул ва рушди шахсияти ӯ тавассути идрок, фаҳмиш, таҳсин, дастгирӣ, муттасилӣ, пайдарҳамии амал, асосноксозии талаботҳои худ фароҳам оварда шавад [143, с.51-55].

С.А.Водяха, Е.С.Дадакина дар дараҷаи эмпирикӣ хусусиятҳои муносибатҳои байнишахсиро дар шакли “наврас-волидайн” аз методикаи тестӣ “Наврасон доир ба волидайн” (муаллиф Э.Шафер, дар навъи З.Матейчик, П.Ржичан) истифода карда, ба таври зерин инъикос намудаанд. Ҳангоми таҳлил ва маънидодсозии натиҷаҳо аз анализи математикӣ ва омор истифода шудааст, ки 32 респонденти синну солашон 13-14- сола (17 нафар писар, 15 нафар духтар) иштирок доштанд. Тадқиқот дар заминаи мактаби таҳсилоти умумӣ гузаронида шудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот онҳо ба хулосаҳои зерин омаданд. Писарон нисбатан аз модарон худмухтор буда, муносибат дар заминаи боварӣ ва эҳтиром ба роҳ монда шудааст. “Нисбати духтарон модарон ҷиддӣ буда, серталабӣ зоҳир мекунанд. Умуман, муносибати ҳамаи онҳо бо модарашон ба таври мусбӣ арзёбӣ мегардад, ки аз боварӣ ва эҳтироми ҳамдигарӣ бармеояд. Дар писарҳо муносибат бо падарон

бештар мусбӣ ифода гардида, иззату эҳтиромӣ ҳамдигарӣ ҷой дорад. Муносибати духтарҳо нисбати падарашон низ хуб буда, онҳо нисбатан худдорӣ ва тамкиниро интихоб намуданд. Умуман, муносибати ҳамаи онҳо нисбати падарашон дар заминаи эҳтиром ва боварии ҳамдигарӣ ба роҳ монда шудааст” [144, с.104]. Шунидан ва эҳтироми шахсияти наврас аз ҷониби волидайн ба манфиати эшон буда, муҳити созгор ва фазои солимро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тавр, барои омӯхтани шароити оила ва тарбияи ахлоқии наврасон методҳои эмпирикиро истифода бурдан лозим аст, ки ҳангоми ташкили таҳқиқот ва истифодабарии он барои ба самар расидан имконият диҳанд. Бинобар ин, ҳангоми омӯзиш ва ташкили тадқиқот якчанд шартро риоя намудан зарур аст, ки онҳо барои ошкор намудани шароити оила, муайян намудани усулҳои тарбияи наврас, муносибати наврас бо волидон, тарзи рафтори наврас нисбати аҳли оила зарур аст. Аз ин рӯ, тарзи истифодабарии методҳои эмпирикӣ, мисли пурсишнома ва суҳбат барои худ шартҳои хоссаро талаб мекунанд. Ҳангоми гузаронидани пурсишнома ва суҳбат наврас метавонад ба саволҳои гузошта посуххҳои лозимаро надиҳад. Барои ин камбудиро ислоҳ намудан бояд мушоҳидаро дар заминаи тайёр намудани барномаи махсуси тадқиқот низ истифода барем, ки дар шароити мустақил ва озодона рафтор кардан волидон ё наврасон метавонанд бидуни маҳдудият рафтори худ, муносибати худ, суханронии худро нишон диҳанд. Барои равоншиносон муайян намудани сатҳи тарбия, ахлоқ ва муносибати наврасон дар мушоҳида осонтар мешавад ва ҳангоми таҳлили далелҳо ба методҳои назариявӣ низ муҷаҳҳаз шудан лозим мешавад. Чунонки, олимон медонанд, пас аз ҷамъкунии санадҳо онҳоро таҳрир намудан лозим мешавад, то ки натиҷаи дуруст ба даст ояд.

## Хулосаи боби 1

Таҳлили назариявии масоили марбут ба муҳити солими психологии оила нишон медиҳад, ки он ҳамчун омили калидӣ дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нақши ҳалкунанда дорад. Муҳити равонии оила, ки сатҳи муошират, дастгирии эҳсосӣ ва муносибатҳои байнишахсиро дар бар мегирад, ба инкишофи хусусиятҳои шахсият ва ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири амиқ мерасонад.

Муҳити оилавӣ ҳамчун аввалин ва муҳимтарин мактаби иҷтимоӣ барои кӯдак шинохта мешавад, ки дар он асосҳои ахлоқӣ, маърифатӣ ва равонии ӯ ташаккул меёбанд. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ, муайян карда шудааст, ки муносибатҳои байни аъзои оила, махсусан муносибати волидон бо фарзандон, ба ташаккули эҳсосоти ахлоқӣ, худтанзимкунӣ ва рафтори иҷтимоии наврасон таъсири мустақим мерасонанд.

Таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки дар оилаҳое, ки фазои равонии мусоид вуҷуд дорад, кӯдакон бештар ҳисси масъулиятшиносӣ, ҳамдардӣ ва худтанзимкунӣ нишон медиҳанд. Баръакс, дар муҳити низоангез ва стрессзо, наврасон дучори мушкилоти танзими эҳсосот, камбуди худтанзимкунӣ ва ҳатто ихтилофоти шахсиятӣ мешаванд.

Дар тадқиқоти илмӣ, мафҳуми “муҳити солими психологии оила” ҳамчун маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ-равонӣ баррасӣ мешавад, ки ба рушди солими шахсият мусоидат менамояд. Муҳити равонии мусбат дар оила бо унсурҳои зерин тавсиф карда мешавад:

- Мавҷудияти эҳсоси эътимод ва дастгирӣ байни аъзои оила;
- Муошırати муассир ва равшани байнифардӣ;
- Иқлими равонии ором ва мутаносиб;
- Усулҳои дурусти тарбиявии волидон;
- Имконияти баён ва танзими эҳсосот дар муҳити хонаводагӣ.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян гардидааст, ки муҳити равонии ноустувор, ки бо муноқишаҳо, беаҳаммиятии эҳсосии волидон ва стрессҳои пайваста тавсиф мешавад, метавонад боиси ташаккули рафторҳои девиантӣ

ва мушкилоти равонии наврасон гардад.

Муошироти дохилиоилавӣ ҳамчун ҷанбаи муҳимми муҳити равонии оила, ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири бевосита мерасонад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки муошироти созанда дар оила ба рушди қобилияти ҳамдардӣ, худназораткунӣ ва масъулиятшиносӣ дар кӯдакон ва наврасон мусоидат менамояд.

Муайян шудааст, ки муҳити равонии оила метавонад таъсири мусбат ё манфӣ ба ташаккули шахсияти наврасон расонад:

• Дар муҳити оилавии созанда, ки дар он эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо аст, наврасон қобилияти идоракунии эҳсосоти худро инкишоф дода, муносибатҳои иҷтимоии солимро ҳифз менамоянд.

• Дар муҳити муноқишаомез ва стрессзо, эҳсоси амният коҳиш ёфта, наврасон метавонанд ба мушкилоти эмотсионалӣ, рафторҳои таҷовузкорона ва ҳолатҳои изтиробӣ рӯ ба рӯ шаванд.

Муносибатҳои оилавӣ ҳамчун омили асосии ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон баррасӣ мегарданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муносибати волидон ба фарзандон, сифати муошират, усулҳои тарбия ва иқлими умумии равонии оила ба ташаккули ҳисси ҳамдардӣ, адолатпешагӣ, инсондӯстӣ ва масъулиятшиносии наврасон таъсири назаррас мерасонад.

Муайян шудааст, ки тарзи муносибати волидон бо фарзандон ба ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсир мерасонад:

• Муносибати дастгирикунанда ва гарму самимӣ – ташаккули эҳсосоти мусбат, ҳамдардӣ ва инсондӯстиро тақвият мебахшад;

• Муносибати назоратгар ва сахтгир – метавонад ба пайдоиши стресс ва мушкилоти равонӣ мусоидат кунад;

• Муносибати беаҳаммият ва канорагирӣ – боиси кам шудани эътимод ба худ, ноустувории эмотсионалӣ ва мушкилоти ҳамоҳангии иҷтимоӣ мегардад.

# БОБИ II. ТАҲҚИҚИ ОЗМОИШИИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАВҚЕИ ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН

## 2.1. Тавсифи умумии таҳқиқот ва методҳои он

Синну соли наврасӣ давраи муҳим ба ҳисоб рафта, дар он заминаи мустаҳками мустақилияти шахсияти наврас гузошта мешавад. Аз ин лиҳоз, таъсири оила, волидайн, дӯстон, муҳити атроф дар ташаккули наврас чашмрас арзёбӣ мегардад. Фарҳангу маърифати оила ва аъзоёни он метавонанд ба таври мусбӣ ва ё манфӣ ба ташаккули наврас ва ҳиссиёти ахлоқии ӯ таъсир расонанд.

Дар ҳақиқат, давраи наврасӣ хеле ҳассос ва ба таври нозук ҷараён мегирад. Вазифаи волидайн дар он аст, ки маҳз дар ҳамин синну сол ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон аҳаммияти бештар диҳанд. Ба онҳо меҳрубонӣ, рафоқат, меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ, мардонагӣ, хушмуомилагӣ, ҳушёрӣ, некиродагӣ, инсондӯстӣ, муттаҳидӣ, тифоқӣ, дастгирии ҳамдигарӣ, ақлу хирад ва умуман, ахлоқи ҳамидаро омӯзонанд.

Қобили тазаккур аст, ки дар замони ҳозира тамоми шароит барои рушду такомули шахс, хусусан наврасон муҳайё карда шудааст. Аз як ҷиҳат, он ба наврасон, хусусан ба инкишофи зеҳнӣ ва ҷисмонии эшон бевосита таъсири мусбӣ мерасонад. Аз ҷониби дигар бошад, наврасони дар оилаҳои нокомил ва муаммодор ба воя расида, дар истифодаи имкониятҳои мавҷуда дасткутоҳ мебошанд ва муаммоҳои ҷойдошта ба ҳолати равонии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, барои илмҳои иҷтимоӣ, ба хусус илми равоншиносӣ, зарур аст, ки раванди тарбия, ташаккул ва бавоярасии наврас ҳаматарафа омӯхта шуда, барои ҷамъият як намуд маълумот, дастур ва воситаҳои нав пешкаш намояд, зеро густариши ҷомеа ва давлат дар ин самт аз он вобаста мебошад. Дар ин раванд бояд методҳои омӯзиши равонии наврас, намуди ташкили онҳо ва шароитҳоро барои гузаронидани чунин омӯзишҳо мавриди назар қарор гирад.

Қайд кардан зарур аст, ки комёбии тадқиқотҳои равоншиносӣ аз ҳар ҷиҳат бо инкишофи дастгоҳи методологӣ муайян карда мешавад. Дилхоҳ методи тадқиқот аз ҷиҳати назариявӣ муайян гардида, интихоби объекти тадқиқот бо истифодаи тарзҳои кушодани рамзҳо амалӣ карда мешавад.

Ба наврас мадади психологӣ расонида, дар хотир доштан лозим аст, ки он бояд ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии ӯ тариқи мусбӣ таъсиррасон бошад. Дар натиҷа фазои солими ҳамдигарфаҳмӣ ва боварӣ нисбати ҳамдигарӣ ба вуҷуд омада, он ба рушди ахлоқии наврасон ва фаъолияти ҳамҷояи онҳо бо бузургон бевосита ба назар мерасад. Равоншиносон ва падару модари наврасон ҳангоми истифодаи методи ***муошират*** тавассути додани саволҳои мушаххас ҳолати равонии наврасро муайян карда метавонанд. Ҳар як савол мақсаднок ба наврас дода шуда, посухи он имконият медиҳад, ки ҷаҳони ботинӣ, тафаккур ва фарҳанги ӯ дарк карда шавад. Ҳангоми додани саволҳо ба наврасон бояд ба интихоби мавзуъ ва тарзи саволгузорӣ аҳаммият дода шавад. Ба наврасон саволҳое дода шуданаш лозим аст, ки ҷавоби он танҳо бо “ҳа” ё “не” маҳдуд нагардад. Инчунин, ҳангоми саволгузорӣ ва додани посухҳо наврасон бояд андешаи хешро иброз дошта бошанд. Мумкин аст, таҳдидҳои волидайн, тарс аз ҷазо, муҳити дӯстони носолим ва амсоли инҳо ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон монеаро ба вуҷуд орад. Инчунин, истифодаи воситаҳои сабти суҳбат ва махфӣ нигоҳ доштани баъзе мушкилиҳои тарбия низ имкон медиҳад, ки муаммоҳои ҷойдошта ошкор карда шаванд.

Барои гузаронидани тадқиқот саволҳоро чунон гузоштан лозим аст, ки наврас фишор ва зӯровариро ҳис накунад ва ҳангоми суҳбат озодона ҳиссиёт, муносибати дохили оила, рафтори худро вобаста ба шароити оила гуфта тавонад. Чунки дар дохили оила нисбати наврас муносибатҳои гуногун зоҳир карда мешаванд, ки волидон на ҳама вақт онҳоро муҳокима мекунанд. Бинобар ҳамин, ҳангоми гузаронидани тадқиқот бо наврасон ва волидони онҳо барнома ва тарзи муносибатро нигоҳ доштан зарур аст.

Методҳои муайян кардани мавқеи наврас дар оила сершумор мебошанд, ки онҳоро ҳангоми омӯзиши равонӣ истифода мебаранд ва ба истифодаи методҳои эмпирикӣ илова мекунанд. Мисол, методи дастгирии равонӣ барои он зарур аст, ки дар он муайян намудани мавқеи наврас дар оила ва берун аз оила аниқтар мешавад. Чунки ҳангоми дарёфти ҳамнафас бо талабот, хоҳиш, ниятҳои наврас муносибати вай бо аҳли хонавода аз тарафи худи наврас баён карда мешавад. Аз ҳиссиёти наврас дар оила ва бегона набудани вай ба волидони худ ҳиссиёти ахлоқӣ ва адолат ташаккул меёбад.

Методи пазируфтани наврас бидуни шарт ҳангоми тадқиқ намудани мавқеи наврас дар оила чунин истифода бурда мешавад, ки на танҳо наврас ва муносибати ӯ бо волидон, балки муносибати волидон бо наврасро бештар муайян мекунад ва равоншиносон ба хулосае омаданд, ки дар оила муносибати модар аз муносибати падар фарқияте дорад ва ба ин фарқият Э. Фромм ишора мекунад, ки назарияи муносибати гуманистии волидон ба наврасро густариш додааст. Бинобар ин, ҳангоми гузаронидани пурсиш ва суҳбат бештар чунин саволҳоро мегузоранд, ки аз истифодаи методи пазируфтани наврас бидуни шарт бармеояд.

Ҳангоми омӯхтани шароити оилавӣ ва муносибати аҳли оила бояд ба истифодаи методи таваҷҷуҳи мусбӣ назар кард, ки он бештар аз ҷавоби худи наврас дида мешавад. Аз волидон низ чунин намуди муносибатро пурсон мешаванд, ки то чӣ андоза онҳо бо фарзанди худ озодона ва ҳангоми гузаронидани суҳбат ба комёбиҳои вай ошно шуда, ӯро дастгирӣ ва аҳсан мехонанд. Чунки набудани чунин муносибат дар оила байни наврасон ва волидон боиси рафторҳои каҷ аз тарафи наврас мегардад, ки заминаи он маҳз аз оила сар мезанад.

Номутобиқшавии наврас ба шароити иҷтимоӣ ва муҳити атроф ҳамчун методи омӯзиш нишонаи он аст, ки дар оила вайро бештар масхара, мазоқ, писханд ва таъқиби равонӣ мекунанд, ки дар ин маврид наврас метавонад дар худ пастзаданӣ, руҳафтодагиро пайдо кунад ва бегонашавиро бештар нишон диҳад. Барои чунин ҳолатро бештар муайян кардан

равоншинсон методи номутобиқшавиро истифода мебаранд, ки онро ҳангоми суҳбат ё ташкили пурсишнома истифода мебаранд.

Методҳои пешниҳодшуда мавқею мароми наврасро дар оила муайян мекунанд, ки ҳолати равонӣ, иҷтимоӣ ва маънавии наврас дар оила, муносибати волидон ба наврас ва рафтори наврас барои ташаккул додани ҳисси ахлоқӣ, ҳимоя кардани адолат ва арзишҳо мавзуи омӯзиш мешаванд.

Ҳангоми ташкили тадқиқоти ҳиссиёти наврас дар оила ва муносибати ӯ бо аъзоёни оила бештар ба оилаҳои пурра, нопурра, дуюм, муаммодор эътибори сахт дода мешаванд, ки бо наврасон пурсишҳо мегузаронанд ва муносибати онҳо нисбати аъзои оила муайян карда мешавад. Аввал, равоншиносон онро ишора мекунанд, ки дар ҳаёти наврас оила ниҳоди калидӣ мебошад ва ҳамаи андозаҳои ахлоқӣ, муносибат ва муоширатро вай дар оила азхуд менамояд. Хусусан, мушкилиҳои муносибати наврасон бо аъзои оила ҳангоми нопурра будани он бештар мавриди омӯзиш гузошта мешавад, ки чунин тадқиқотҳо дар солҳои охир дар Тоҷикистон сершумор шудаанд.

Одатан, дар оила наврас ба падару модари худ меҳрубонона назар мекунад, дар ҳолате ки онҳо ба вай чунин назар намоянд, аммо дар баъзе маврид̣ҳо наврас аз волидон дӯстӣ, муҳаббат ва меҳрубониро дида наметавонанд ва сабаби чунин намуди муносибат дар серкор будани волидон аст. Онҳо бештар дар кор ва меҳнат барои дарёфти маблағ овора ҳастанд ва барои муошират бо фарзанди худ вақт намеёбанд. Бинобар ин, наврасон чунин ибрози андеша мекунанд, ки аз волидонашон назорати ҷиддиро пай мебаранд ва ба ҷои тарбияи мустақилият ва касбомӯзӣ наврасонро ба ҳолати мушкил мегузоранд.

Аз наврасон бештар пурсон мешаванд, ки чӣ тавр бо онҳо волидонашон муомила мекунанд ва шароитҳои гуногунро ба онҳо ҳамчун мисол меоранд, ки баҳодиҳии наврас бештар ва расотар мегардад. Агар волидон бо онҳо муомилаи сахт дошта бошанду барои дастрас шудан ба ягон маром пешгирӣ намоянд, наврас дар ин ҳолат нобоварӣ нисбати волидонаш

иброз мекунад ва ботинан ба мароми худаш равона мешавад. Бинобар ин, аз волидон хоҳиш карда мешавад, ки онҳо бо фарзандони худ бештар ҳамсуҳбат шуда, рози дили онҳоро дониста амал намоянд, ки дар онҳо ҳисси бадбинӣ ва ноҳурматӣ пайдо нашавад.

Дар рафти таҳқиқот вазифаҳои зерини эмпирикӣ гузошта шуданд:

1. Роҳҳои ташкили тадқиқот ва истифодабарии методҳои омӯзиши ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон дар муҳити психологии оила.

2. Омӯзиши мавқеи психологии наврас дар оила бо истифодабарии методҳои тадқиқоти равонӣ.

3. Тадқиқ намудани мақоми волидон (падару модар, бобою бибӣ ва калонсолони оила) дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврас дар заминаи методҳои эмпирикӣ.

4. Баррасӣ намудани масъалаи муносибати наврас нисбат ба оила ва муҳити психологӣ-иҷтимоӣ.

5. Таҳлили масъалаи муносибати психологии волидон нисбати ҳиссиёти ахлоқии наврасон.

Дар таҳқиқоти эмпирикӣ андешаҳои наврасони аз 13 то 16-сола доир ба муносибати онҳо дар оила аз назари гендерӣ муаяйн карда шуд. Инчунин, дар марҳилаи мазкур ҳолати равонии наврасдухтар ва наврасписарон дар оила, муносибати эмотсионалии наврасон ба волидайн, муҳити иҷтимоии наврас (дар мактаб), худбаҳодии онҳо ба ҳолати худ, муносибати волидон ба фарзандони наврас дар оила ва муҳити иҷтимоии наврас аз нигоҳи волидон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот оид ба муайян намудани муҳити психологии муоширати дохилиоилавӣ ва таъсири он ба ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ошкор карда шуд.

Гурӯҳчинӣ вобаста ба мароми таҳқиқот муайян гардида, омӯзиши андешаи наврасон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 24, 7, 14 шаҳри Хуҷанд ва волидони онҳо гузаронида шуд. Дар таҳқиқот 73 наврасдухтар ва 67 наврасписари аз синни 13 то 16-сола, 30 нафар модари то синни 40-сола, 12 нафар модари то синни 50-сола ва 21 нафар падари то

синни 50-сола иштирок намуданд. Ба таври умум, дар таҳқиқот 140 наврас иштирок намуданд, ки аз он 52% фоиз духтарон ва 48% фоизро писарон ташкил менамоянд.

Барои муайян кардани дараҷаи инкишофи ин нишондиҳандаҳо маҷмуи методҳои назариявию таҷрибавӣ, инчунин, методҳои ташхиси психологӣ истифода шуданд, ки ба ташхиси дараҷаи ифодаёбии нишондиҳандаҳои ба предмети таҳқиқоти мо алоқаманд мусоидат мекунанд. Барои фаҳмидани моҳияти ҳиссиёти ахлоқии наврасон таҳлили назариявии адабиёти илмии психологӣ истифода гардида, таҳлили муқоисавии назарияҳои олимҳои ватанию хориҷии ба масъалаи муҳити солими психологӣ ҳамчун омили ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ бахшидашуда гузаронида шуд.

**1. Методикаи «Намудоршавии омилҳои солимии равонӣ»**

Пурсишномаи «Намудоршавии омилҳои солимии равонӣ» SSL-90-R (англисӣ: Symptom Checklist-90-Revised) аз ҷониби Л.Р. Дерогатис таҳия шудааст. Фарзияи аввалини миқёсе, ки аз ҷониби Р. Дерогатис ва ҳамкоронаш асоси таҳлили клиникӣ ва психометриро гирифтааст, баъдтар тағйир дода шуда, тасдиқ карда шудааст.

Таҷрибаи Р. Дерогатис бо ин методика нишон дод, ки сарфи назар аз натиҷаҳои хуб дар санҷиши эътимоднокӣ ва воқеияти миқёс, ҳангоми истифодаи он маҳдудиятҳои ҷиддӣ мавҷуд буданд.

1. Пеш аз ҳама, ин пурсишнома ҳамчун воситаи таҳқиқотӣ таҳия ва барои кор бо беморон пешбинӣ нашудааст.

2. Панҷ категорияи ибтидоии нишонаҳо, гарчанде ки дар соҳаҳои дахлдор хуб кор мекарданд, дигар соҳаҳои муҳимми симптоматологияро дар бар нагирифтанд.

3. Бисёре аз саволҳо ба панҷ сохтори асосии симптоматикӣ рабт надоштанд, балки танҳо ҳамчун «садо» амал мекарданд.

4. Дар ниҳоят, дар пурсишнома ченаки муқоисавии клиникӣ набуд, ки нишондиҳандаҳои ҳолати равонии беморонро бо маълумоти клиникӣ муқоиса кунад.

Тафсири умумии пурсишномаи SSL-90-R

Натиҷаҳои SSL-90-Rро метавон дар се сатҳ тафсир кард:

- Намудоршавии умумии аломатҳои психопатологӣ
- Намудоршавии миқёсҳои инфиродӣ
- Намудоршавии аломатҳои инфиродӣ

Тафсири ченакҳои асосӣ мувофиқи тавсифи онҳо, ҳадаф ва асосҳои назариявию методологии муҳаққиқ анҷом дода мешавад.

Индекси GSI (индекси шиддати умумӣ) нишондиҳандаи муҳимтаринест, ки дараҷаи изтироби равонии шахсро инъикос мекунад. Индекси PSDI шиддатнокии изтиробро чен мекунад ва ҳамчун усули арзёбии тамоюли шахс ба ниҳон кардани аломатҳо ё муболиға кардани онҳо истифода мешавад. Индекси PST доираи аломатҳоро нишон медиҳад. Барои гирифтани манзараи пурраи дистресс маълумот аз ин се манбаъ бояд бодиққат муттаҳид карда шавад.

Меъёрҳои методика ва имкониятҳои равонии он

Пурсишномаи симптоматикии воситаи клиникӣ ва скринингиест, ки барои арзёбии хусусиятҳои равонӣ дар беморони руҳӣ ва шахсони солим пешбинӣ шудааст.

**Соматизатсия (SOM)**

Соматизатсия як ҳолати нооромиҳои равониест, ки бо ҳисси нороҳатӣ ва шиддат дар узвҳои гуногуни бадан алоқаманд аст. Ба ин шикоятҳои марбут ба системаи дилу рагҳо, ҳозима, нафаскашӣ ва дигар узвҳо дохил мешаванд. Инчунин, дардҳои сар, мушакҳо ва дигар нишонаҳои ҷисмонӣ, ки ба изтироб алоқамандanд, метавонанд мавҷуд бошанд.

**Обсессив-компулсивӣ (O-C)**

Фишорҳои обсессивӣ ба фикрҳо, импулсҳо ва ҳаракатҳои такроршаванда рабт доранд, ки шахс онҳоро нолозим ва бегона ҳис мекунад.

**Депрессия**

Шохиси депрессия доираи васеи нишонаҳои депрессияро дар бар мегирад, аз ҷумла дисфория, набудани ҳавасмандӣ, гумшавии энергияи ҳаётӣ, ҳисси ноумедӣ ва ҳатто фикрҳои марбут ба худкушӣ.

**Тарс- Изтироб**

Тарс ва изтироб як ҳолати равонии шадидест, ки бо ташвиши шадид, шиддат ва ҳатто ҳамлаҳои ваҳмӣ алоқаманд аст. Ин ҳолат метавонад бо ноустувории равонӣ ва тарс ҳамроҳ шавад.

**Агрессия**

Хашм ва агрессия бо ҳисси хашму ғазаб, асабоният ва тамоюли таҷовуз нисбат ба дигарон зоҳир мешаванд.

Дар пурсишнома рӯйхати мушкилот ва шикоятҳое оварда шудааст, ки метавонанд дар одамон пайдо шаванд. Ба наврас пешниҳод карда мешавад, ки лутфан ҳар як бандро бодиққат хонад ва дараҷаи нороҳатӣ ё ташвиши эҳсошударо бо гузоштани аломати “+” ё “x” дар интихоб муайян кунад.

**Тафсири нишондиҳандаҳо**

Барои арзёбии ҳолати равонии шахс индексҳои дуюмдараҷа пешниҳод мешаванд, ки сатҳи психопатологияро дар як воҳид ҷамъбаст мекунанд.

Индекси умумии аломатҳо (GSI)

GSI беҳтарин нишондиҳандаи вазъияти ҷорӣ ва шиддатнокии ихтилол мебошад.

Индекси шиддати нишонаҳо (PSDI)

PSDI танҳо шиддатнокии ҳолатро чен мекунад ва барои арзёбии вокуниши шахс ба таъсироти беруна истифода мешавад.

Шумораи умумии ҷавобҳои мусбӣ (PST)

PST - ин шумораи нишонаҳое мебошад, ки шахс ба онҳо ҷавоби мусбӣ медиҳад, яъне шумораи изҳоротҳое, ки ҳадди ақал аз сифр баландтарро қайд кардаанд.

Методикаи мазкур имконият медиҳад, ки дараҷаҳои гуногуни саломатии равонӣ таҳлил карда шаванд. Барои муқоисаи арзишҳои миёна меъёри Манн-Уитни истифода шудааст.

Методика инчунин, барои таҳқиқи омилҳои солимии равонӣ, ба монанди депрессия, изтироб, фобияҳо, агрессия, обсессив-компулсивӣ ва соматизатсия дар варзишгарон кумак мекунад.

2. **Методи ташхиси фаврии эмпатия (И.М. Юсупов)** ба омӯхтани дараҷаи инкишофи эмпатия (ҳамҳиссӣ) нигаронида шудааст. Аз муайян кардани дурустии маълумот оғоз кардан лозим аст. Барои ин ҳисоб мекунем, ки ба муҳокимаҳои бо рақамҳои зерин зикршудаи саволнома чанд ҷавоби намуди муайян дода шудааст:

«намедонам»: 2, 4, 16, 18, 33;

«ҳамеша ё ҳа»: 2, 7, 11, 13, 16, 18, 23.

Илова бар ин, бояд ошкор карда шавад, ки чанд маротиба ҷавобҳои «ҳамеша» ё «ҳа» ба ҳарду муҳокима дар ҷуфтҳои зерин дода шудааст: 7 ва 17, 10 ва 18, 17 ва 31, 22 ва 35, 34 ва 36.

Чанд маротиба ҷавоби «ҳамеша» ё «ҳа» барои як муҳокима ва ҷавоби «ҳеҷ гоҳ» ё «не» барои дигар муҳокима дар ҷуфтҳои зерин дода шудааст: 3 ва 36, 1 ва 3, 17 ва 28. Сипас, натиҷаҳои ҳисобҳои алоҳида ҷамъ карда мешаванд. Агар ҷамъи умумӣ 5 ё бештар аз ин бошад, пас, натиҷаи таҳқиқот эътимоднок нест; ҳангоми ба 4 баробар будани ҷамъи умумӣ натиҷа шубҳанок аст; агар ҷамъи умумӣ аз 3 зиёд набошад, пас, натиҷаи таҳқиқот эътимоднок аст.

Мавриди қайд аст, ки ҷиҳати муайян кардани ҳолати равонии наврасон дар оила, муносибати эмотсионалии наврасон ба волидайн, муҳити иҷтимоии наврас (дар мактаб) , худбаҳодии онҳо ба ҳолати худ, муносибати волидон ба фарзандони наврас дар оила ва муҳити иҷтимоии наврас аз нигоҳи волидон **анкетаҳои муаллифӣ** омода карда шудааст.

Дар вақти гузаронидани ***анкета*** ҳам аз наврас ва ҳам аз волидайн масоили мубрами вазъи равонии ҳар ду ҷониб аниқ карда мешавад ва он

имконият фароҳам меоварад, ки муаммоҳои равонии ҳар ду тараф ба таври мушаххас ҳалли худро ёбад. Ҳангоми ташкили пурсиш бояд дар назар дошт, ки ҳадафи пурсиш дар мавриди муайян кардани ташаккулёбии ҳиссиёти одобӣ ва тарбиявиро пешбарӣ кардан лозим аст. Маҳз ҳадафи пурсиш метавонад ҳангоми саволгузорӣ ба наврасон ва волидони онҳо он далел ва санадҳоро муайян намояд, ки ҳангоми муошират наврасон махфӣ нигоҳ доштанашон мумкин аст. Бинобар ин, ҳангоми тартиб додани пурсишнома яке аз талаботҳои асосӣ дар он ифода меёбад, ки посухдиҳанда ба таври озодона ва бе ҳисси фишороварӣ ба суолҳо ҷавоб гардонад.

Баҳри ташкили тадқиқот ва методҳои муайян кардани ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон аз ***саволномаи*** равоншиносӣ истифода мебаранд. Тавассути гузаронидани анкетаҳо дар алоҳидагӣ бо волидайн ва ба таври инфиродӣ бо наврасон муаммоҳои ҷойдошта муайян гардида, бартараф мешаванд. Барои чунин амал объект ва мавзуи тадқиқоти наврасон аниқ муайян карда шуда, саволҳои мушаххас гузошта мешавад. Нуқтаи назари наврасонро бояд ба эътибор гирифт, ки онҳо нисбати рафтори падару модари хеш, хоҳару бародари хеш, дӯстон ва омӯзгорон чӣ гуна баҳо медиҳанд. Нигоҳи наврасонро ҷиҳати рафтору кирдори муҳити атроф, яъне оила ва мактаб ба таври мушаххас амиқ муайян сохта, аз он хулосаи зарурӣ баровардан зарур аст. Ва баръакс. Нигоҳи атрофиён ба рафтору кирдори наврас таҳлили амиқи худро ёфта, муаммои пайдошударо бартараф намудан лозим аст.

Маъмулан, ***мушоҳида*** қисми ҷудонашавандаи дилхоҳ намуди фаъолияти инсонӣ ба шумор меравад. Дар ҷараёни мушоҳида равоншинос он маълумотҳоеро ҳосил менамояд, ки дар рафтору кирдори наврасон зоҳир мегардад. Мушоҳидаи беруна (бевосита) ва дохилӣ (худмушоҳида)-ро аз ҳам фарқ мекунанд. Мушоҳидаи берунаи ҳаррӯза имкон медиҳад, ки амал, усул ва ҳаракати наврасон муайян карда шавад. Принсипи муҳимми мушоҳида муносибати муқоисавӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он фарзияти тадқиқоти рафтори наврасон, комёбшавии онҳо муайян карда мешавад. Он

имконият фароҳам меоварад, ки таркиби равонии фаъолияти наврасон муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, қайд кардан зарур аст, ки дар ташкили тадқиқот баҳри муайян кардани ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон дар алоҳидагӣ ва ё ҳамроҳи волидайн, омӯзгорон суҳбат гузаронида мешавад. Инчунин ташкили тадқиқот дар байни навраписарон ва наврасдухтарон дар алоҳидагӣ низ самараи хубро ба бор меорад.

## 2.2. Таҳлил ва тафсири натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда

Ҳангоми ташкил ва гузаронидани озмоиши муқарраркунанда аз методикаи «Намудоршавии омилҳои солимии равонӣ», методики “Ташхиси фаврии эмпатия” (И.М. Юсупов) ва барои омӯзиши андешаҳои волидайн “Пурсишномаҳо” тартиб дода шуда буданд. Натиҷаҳои он таҳлил шуда ва дар асоси методи индуксияи амалӣ ва методи оморӣ натиҷабардорӣ гардида, дар намуди ҷадвал пешниҳод шудаанд.

**Ҷадвали 1**

**Таҳлили ибтидоии омилҳои солимии равонӣ тавассути методикаи «Намоиши омилҳои солимии равонӣ» (n=73)**

| Номи шкалаҳо | Миёна (М) | | Тафовутҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | Синфи 6 (n=30) | Синфи 8 (n=43) | T | P |
| Психосоматикӣ | 8,1 | 6,8 | -2,4* | 0,05 |
| Обсессив-компулсивӣ | 6,4 | 5,3 | -1,6 | 0,24 |
| Депрессия | 7,1 | 9,2 | -2,2* | 0,05 |
| Изтироб | 5,7 | 7,8 | -2,3* | 0,05 |
| Фобия | 6,1 | 5,7 | -1,4 | 0,30 |
| Агрессивӣ | 8,7 | 5,6 | -2,1* | 0,05 |

Эзоҳ: *p<0,05; **p<0,01

Таҳлили ибтидоии омилҳои солимии равонӣ тавассути методикаи мазкур нишон дод, ки дар омилҳои «психосоматикӣ» (t=-2,4; p<0,05), «депрессия» (t=-2,2; p<0,05), «ташвиш» (t=-2,3; p<0,05) ва «агрессивӣ» (t=-2,1; p<0,05) фарқияти назаррас ба қайд гирифта шуд.

Омили «психосоматикӣ» дар синфи 6 нишондиҳандаи баландтар дошт (t=-2,4; p<0,05). Ин шаҳодат медиҳад, ки дар наврасони синфи 6 мушкилоти равонӣ, ба мисли хашм, изтироб ва танишҳои ҳиссӣ, метавонанд ба бемориҳои соматикӣ, аз қабили мушкилоти дилу рагҳо, системаи ҳозима, нафаскашӣ ва инчунин дарди сар, дарди мушакҳо ва дигар нороҳатиҳои ҷисмонӣ оварда расонанд. Ҳамин тавр, пешгирии ин омилҳо тавассути фаъолиятҳои мунтазам дар барномаи варзишӣ метавонад хатари бемориҳои психосоматикиро коҳиш диҳад.

Омили «депрессия» дар наврасони синфи 8 нишондиҳандаи баландтарро дошт (t=-2,2; p<0,05). Ин бо пайдоиши нишонаҳои дисфория, камшавии ҳавасмандӣ ба ҳаёт, камшавии нерӯи равонӣ ва ҳисси ноумедӣ алоқаманд аст.

Омили «ташвиш» дар синфи 8 низ нишондиҳандаи баландтарро нишон дод (t=-2,3; p<0,05). Маълум гардид, ки дар наврасони синфи 8 изтироб бо ноороми, асабоният, шиддат, вайроншавии диққат ва тафаккур зоҳир мешавад. Ин ҳолатҳо метавонанд аз мунокишаҳои оилавӣ, низоъҳо бо дӯстон ва танишҳои эҳсосӣ сарчашма гиранд. Барои коҳиш додани сатҳи ташвиш, бояд равона кардани дурусти нерӯи равонӣ, машқҳои ҷисмонӣ, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар оила ба роҳ монда шавад.

Омили «агрессивӣ» дар синфи 6 нишондиҳандаи баландтар дошт (t=-2,1; p<0,05). Баланд будани ин омил метавонад ба мушкилоти муайян дар ошкорсозии маънии муносибатҳо бо воқеият оварда расонад. Ғайр аз ин, ҳисси хашм ва ҳолатҳои манфии эҳсосӣ, аз қабили асабоният ва ғазаб, дар онҳо бештар мушоҳида мегардад.

Ҳамин тавр, муайян кардани дараҷаи зуҳури омилҳои солимии равонӣ дар наврасон метавонад барои фаҳмидани рафтор, муносибат бо ҷомеа ва ҳамкориҳои шахсӣ аҳаммияти калон дошта бошад.

**Ҷадвали 2**

**Таҳлили ибтидоии омилҳои эмпатия тибқи методикаи**

**И.В. Юсупов (n=73)**

| **Номҳои шкалаҳо** | **Миёна (M)** | | **Фарқиятҳо** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Синфи 6 (n=30)** | **Синфи 8 (n=43)** | **T** | **P** |
| Эмпатия ба волидайн | 7,4 | 5,4 | -2,7 | 0,05 |
| Эмпатия ба пиронсолон | 8,7 | 6,4 | -2,1 | 0,05 |
| Эмпатия ба кӯдакон | 6,1 | 8,9 | -2,2 | 0,05 |
| Эмпатия ба шахсони ношинос ё камошно | 5,1 | 7,5 | -2,4 | 0,05 |

Эзоҳ: $p<0,05$ – аҳаммияти оморӣ боэътимод мебошад.

• Омили «Эмпатия ба волидайн» дар байни хонандагони синфи 6 назар ба синфи 8 баландтар буд ($t=-2,7$; $p<0,05$). Ин нишон медиҳад, ки наврасони синфи 6 муносибати гарму самимӣ бо волидайни худ дошта, эҳтиром ва дастгирии онҳоро муҳим мешуморанд. Онҳо ба танбеҳ ва эродҳои волидайн муносибати хашмгин нишон намедиҳанд ва ҳангоми муошират бо дигарон кӯшиш мекунанд, ки шаъну шарафи волидайни худро нигоҳ доранд.

• Омили «Эмпатия ба пиронсолон» низ дар хонандагони синфи 6 назар ба синфи 8 баландтар буд ($t=-2,1$; $p<0,05$). Ин нишон медиҳад, ки онҳо нисбат ба пиронсолон сабуртар буда, рафтор ва суханони онҳоро бо таҳаммул қабул мекунанд. Чунин хислатҳо барои ташаккули муҳити солими оилавӣ ва рушди эмпатия аҳаммияти калон доранд.

• Омили «Эмпатия ба кӯдакон» дар хонандагони синфи 8 назар ба синфи 6 баландтар буд ($t=-2,2$; $p<0,05$). Ин маънои онро дорад, ки онҳо ҳиссиёти кӯдаконро хубтар дарк намуда, бо онҳо муносибати гарм ва самимӣ доранд. Чунин сифатҳо ба инкишофи ҳисси масъулият ва худшиносии иҷтимоии наврасон мусоидат мекунанд ва дар оила муҳити мусбатро ташаккул медиҳанд.

• Омили «Эмпатия ба шахсони ношинос ё камошно» низ дар синфи 8 баландтар буд ($t=-2,4$; $p<0,05$). Ин маънои онро дорад, ки хонандагони синфи 8 дар муошират бо шахсони бегона устувортар буда, ҳангоми ворид шудан ба

муҳитҳои нав (корхона) омодагии беҳтар доранд. Ин қобилият барои мутобиқшавӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва касбӣ муҳим мебошад.

Таҳлили натиҷаҳо нишон дод, ки сатҳи эмпатия вобаста ба синну сол тағйир меёбад. Хонандагони синфи 6 бештар ба эмпатия нисбат ба волидайн ва пиронсолон майл доранд, дар ҳоле ки хонандагони синфи 8 бештар ба кӯдакон ва шахсони ношинос эмпатия нишон медиҳанд.

Ин тағйирот нишон медиҳад, ки бо гузашти синну сол тамоюли эмпатикӣ аз муҳити оилавӣ ба муҳити иҷтимоӣ мегузарад. Барои ташаккули муҳити солими равонӣ ва иҷтимоӣ дар оила ва ҷомеа, рушди минбаъдаи эмпатия дар ҳамаи самтҳо муҳим аст.

**Ҷадвали 3**

**Муносибати методикаи «Зоҳиршавии омилҳои солимии равонӣ» ва методикаи «Ташхиси фаврии эмпатия» (И.В. Юсупов) (n=73)**

| **Омилҳо** | Эмпатия ба волидайн | Эмпатия ба пиронсолон | Эмпатия ба кӯдакон | Эмпатия ба одамони ношинос ё камошно |
|---|---|---|---|---|
| Психосоматика | -0,44* | 0,12 | 0,07 | -0,42* |
| Обсессивӣ-компулсивӣ | -0,29* | -0,31* | 0,02 | 0,16 |
| Депрессия | 0,04 | -0,08 | 0,14 | -0,38* |
| Изтироб | 0,10 | 0,06 | -0,22 | -0,21 |
| Фобия | 0,10 | 0,11 | -0,05 | -0,34* |

Натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ байни методикаҳои «Намудоршавии омилҳои солимии равонӣ» ва методикаи “Ташхиси фаврии эмпатия” (И.М. Юсупов) нишон доданд, ки байни ҳамаи омилҳо робитаҳои манфӣ мавҷуданд. Аз ҷумла:

• Омили «Психосоматика» бо эмпатия ба волидайн ($r=-0,44$; $p\leq0,05$) ва эмпатия ба одамони ношинос ё камошно ($r=-0,42$; $p\leq0,05$) робитаи манфӣ дорад.

• Омили «Обсессивӣ-компулсивӣ» бо эмпатия ба волидайн ($r=-0,29$; $p\leq0,05$) ва эмпатия ба пиронсолон ($r=-0,31$; $p\leq0,05$) робитаи манфӣ дорад.

• Омили «Депрессия» бо эмпатия ба одамони ношинос ё камошно ($r=-0,38$; $p\leq0,05$) робитаи манфӣ дорад.

• Омили «Фобия» низ бо эмпатия ба одамони ношинос ё камошно ($r=-0,34$; $p\leq0,05$) робитаи манфӣ дорад.

Маълум аст, ки психосоматика дар психологияи тиббӣ таъсири омилҳои равониро ба пайдоиш, ҷараён ва натиҷаи бемориҳои ҷисмонӣ инъикос мекунад. Омӯзиши ин омилҳо барои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар оила муҳим аст.

Сатҳи баланди психосоматика дар наврасон ба сатҳи эмпатияи онҳо нисбат ба волидайн ва одамони ношинос таъсири мустақим мерасонад, ки ин ба дарки иҷтимоии онҳо низ таъсир мегузорад. Бидуни ташаккули механизмҳои дарки иҷтимоӣ, наврасон наметавонанд муносибати дуруст ба волидайн, шахсони дигар ва воқеаҳои иҷтимоиро ташаккул диҳанд. Муносибати эмпатикӣ байни волидайн ва фарзандон барои ташаккули муносибатҳои оилавӣ, муҳити тарбиявӣ ва ҷаҳонбинии наврасон муҳим аст.

Омили обсессивӣ-компулсивӣ низ бо баъзе ҷанбаҳои эмпатия робитаҳои манфӣ нишон дод. Ин ихтилоли неврозӣ бо «фикрҳои такроршаванда» алоқаманд аст, ки метавонанд ба вокунишҳои номувофиқ ва сатҳи баланди изтироб оварда расонанд. Ин ҳолат ба ҳолати эмотсионалии шахс таъсир мерасонад ва метавонад муносибатҳои байниафродии оиларо халалдор кунад.

Сатҳи баланди депрессия дар наврасон ба муносибатҳои иҷтимоии онҳо таъсир мерасонад, иштироки онҳоро дар муоширати иҷтимоӣ коҳиш дода, сатҳи эмпатияро нисбат ба одамони ношинос ё камошно паст мекунад. Ин нишон медиҳад, ки барои ташаккули фазои мусбати оилавӣ, муҳим аст, ки эҳтироми байниҳамдигарӣ, омодагӣ ба кумак ва дарки эҳсосоти дигарон инкишоф дода шаванд.

Омили фобия танҳо бо эмпатия ба одамони ношинос ё камошно робитаи манфӣ нишон дод. Ин маънои онро дорад, ки наврасони дорои сатҳи баланди фобия метавонанд дар мутобиқшавӣ ба ҷомеа, азхудкунии малакаҳои иҷтимоӣ ва рафтори мувофиқ дар вазъиятҳои гуногун мушкилӣ

дошта бошанд. Аз ин рӯ, ислоҳи ҳолатҳои фобиявӣ як қадами муҳимми ташаккули малакаҳои солими иҷтимоӣ дар наврасон мебошад.

Ташаккули муҳити равонии солим дар оила динамикаи худро дошта, ба таҳкими муносибатҳои оилавӣ мусоидат мекунад. Омӯзиши хусусиятҳои шахсиятии наврасон дар робита бо раванди иҷтимоикунонии онҳо як масъалаи муҳимми равоншиносӣ ва педагогика мебошад. Дар ин раванд, истифодаи методикаҳои илмӣ ва асосноки ташхису ислоҳот, ки таъсири омилҳои равониро ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар оила ба назар мегиранд, аҳаммияти хосса дорад.

Ҷиҳати муайян кардани **андешаи волидайни наврасон** доир ба шароити ахлоқии наврас дар оила ва мактаб пурсишнома гузаронида шуд. Дар пурсишнома 30 нафар модари то 40-сола, 12 нафар модари пас аз чилсола, 21 нафар падар фаъолона иштирок намуданд. Пурсишнома бо риояи ҳамаи талаботи илмӣ ва равоншиносӣ иҷро карда шуда, ба шахсияти онҳо дахолат намекунад, аммо муносибати онҳо нисбати наврасон ва фарзандони худ муайян карда мешавад.

Саволи якум чунин аст: “*Байни Шумо ва фарзандонатон якдигарфаҳмӣ вуҷуд дорад?”*

Ба ин савол 70%-и модарони то 40-сола эътироф карданд, ки байни онҳо ва фарзандон қисман якдигарфаҳмӣ вуҷуд дорад. Лекин 30%-и онҳо фикри худашонро чунин баён намуданд: “якдигарфаҳмӣ набошад, зиндагӣ ба пеш намеравад; фарзандони ман ҷавонанд ва бо суханҳои нек мефаҳмонам; якдигарфаҳмӣ ҳаст; ҳа, агар бо суханҳои нағзу зебо, дилро наранҷонида сухан ронам”.

Ҳамаи модарони аз 40-сола боло эътироф карданд, ки дар онҳо бо фарзандони хеш қисман якдигарфаҳмӣ вуҷуд дорад. 75%-и падарон эътироф карданд, ки байни наврасон дар оила якдигарфаҳмӣ қисман мавҷуд аст, аммо 25%-и онҳо якдигарфаҳмии комилро тарафдорӣ намуданд. Натиҷаи аввал, ки нисбати посухҳои волидон нисбати якдигарфаҳмӣ дода шудааст, чунин аст, ки волидон дар ҳолати дудилагӣ мебошанд, чунки дар ин сину соли гузариш

бояд бо наврасон эҳтиёткорона рафтор намоянд. Агар аксарияти онҳо қисман якдигарфаҳмиро интихоб кунанд, пас дар муносибати онҳо мушкили ҳаст, ки дар ин маврид ба волидон дарси психологияи наврасонро гузаронидан лозим аст. Чунки танҳо 25% падарон якдигарфаҳмии пурраро интихоб намуданд.

Саволи дуюм чунин аст: “*Муаммоҳои оилавӣ нисбати тарбияи фарзандон чӣ тавр ҳал карда мешаванд?*

25%-и модарони то 40-сола эътироф карданд, ки ҳангоми пайдоиши муаммо дар тарбияи фарзанд онҳо роҳи ҷазо ва маҳрумкуниро интихоб менамоянд. Аммо 30%-и онҳо чунин мешуморанд, ки ба фарзандон озодӣ додан лозим аст, то ки онҳо ба таври мустақилона муаммоҳои бавуҷудомадаро ҳал намоянд, яъне ин шумораи модарон роҳи зӯровариро интихоб накарданд. 45%-и модарон фикри хешро чунин баён карданд: “на роҳи озодӣ, на ҷазо аввал дида мебароям; бо маслиҳат ва якдигарфаҳмӣ; бо маслиҳат муамморо ҳал мекунем; бо роҳи фаҳмондадиҳӣ; нағз тарбия кардан; фарзандонро нағз тарбия кунанд, суханони нек гӯянд; бо ҳам ҳал мекунем; бо суханҳои нағз онро ҳал мекунем; хуб ҳал карда мешавад; ман ва шавҳарам ҳал мекунем”.

40%-и модарони аз 40-сола боло бошад, чунин мешуморанд, ки бо роҳи ҷазо ва маҳрумкунӣ муаммоҳои оилавӣ ҳал карда мешаванд. 25%-и онҳо чунин меҳисобанд, ки ба наврасон мустақилият додан лозим аст. 35%-и онҳо бошад, фикри хешро чунин баён намуданд: “муаммо нест; бо роҳи нағз мефаҳмонам; бо роҳи якдигарфаҳмӣ; ҳамроҳ ҳал мекунем”.

40%-и падарон чунин меҳисобанд, ки агар муаммоҳои оилавӣ пайдо шавад, эшон роҳи ҷазодиҳиро интихоб менамоянд, яъне зӯроварӣ ва фишороварӣ дар оила вуҷуд дорад. 40%-и онҳо фикри хешро чунин баён карданд: “асосан бо роҳи тарбиявӣ ва фаҳмондадиҳӣ; фаҳмондадиҳӣ ва намунаи неку бад; бо роҳи тарбия бо гапҳои таъсирбахш; ба воситаи фаҳмондадиҳӣ хатоӣ ҳал мешавад; бо роҳи якдигарфаҳмӣ; бо роҳи маслиҳат ва якдигарфаҳмӣ; бо ҳам ҳал карда мешавад”.

Аз ин пурсиш маълум мешавад, ки тахминан 40%-и падару модарон роҳи маҳдудкунӣ, зӯроварӣ, фишор ва ҷазоро интихоб мекунанд, ки агар дар раванди тарбияи наврас ягон муаммо пайдо шавад. Лекин аксарияташон бо роҳи якдигарфаҳмӣ, дастгирии ҳамдигарӣ ва таҳаммулпазирӣ муаммоҳои ба вуҷудомадаи оилавиро ҳал мекунанд. Агар посухи саволи якумро бо дуюмаш муқоиса намоем, пас маълум мешавад, ки якдигарфаҳмӣ дар оила хеле кам мебошад ва шумораи онҳое, ки қисман якдигарфаҳмиро интихоб намуданд ва роҳи ҷазоро дар тарбия интихоб намуданд як бар ду мебошад. Пас нофаҳмӣ дар оила дар он вақт ба амал мебояд, ки роҳи ҷазоро интихоб кунанд.

Саволи сеюм чунин аст: “*Нигоҳи Шумо нисбати тарбияи духтар дар оила чӣ гуна аст?*

90%-и модарони то 40-сола чунин мешуморанд, ки бояд нисбати тарбияи духтар назорати ҷиддӣ ва серталабӣ ҷой дошта бошад.

90%-и модарони аз 40-сола боло низ чунин меҳисобанд, ки дар тарбияи духтарон бояд ҷиддият ва сертабалабӣ ҷой дошта бошад.

90%-и падарон низ эътироф менамоянд, ки дар тарбияи духтарон нигоҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, назорати сахтро раво дидан лозим аст.

Саволи чорум чунин аст: “*Нигоҳи Шумо нисбати тарбияи писар дар оила чӣ гуна мебошад?”*

70%-и модарони то 40-сола ва пас аз 40-сола чунин мешуморанд, ки бояд падар бо тарбияи писарон машғул бошад. Аммо аз 30 то 40%-и падару модарон чунин меҳисобанд, ки барои беҳтар шудани тарбияи писар онҳоро касбу ҳунар омӯзонидан лозим аст. Яъне дар ин ҷо падару модарон дар он фикр мебошанд, ки тарбияи меҳнатӣ нисбат ба панду насиҳат беҳтар аст. Саволи чорум ва сеюмро бояд бо якдигар муқоиса кард, ки аксарияти волидон нисбати духтар муносибати сахт доранд ва дар зери назорати ҷиддӣ мегиранд, аммо нисбат ба онҳо касб ва ҳунар, донишомӯзиро интихоб намекунанд ва ҳатто дар посухи онҳо ягон фикр доир ба тарбияи касбӣ, ҳунаромӯзӣ сухан намеравад. Аммо доир ба тарбияи писарнаврасон онро гуфтан лозим аст, ки тахминан нисфи волидон доир ба тарбияи наврасписар

роҳи меҳнатро интихоб кардаанд, ки чунин рафтор пастзании духтарро нишон медиҳад.

Саволи панҷум чунин аст: "*Дар ҳолатҳои вазнинии равонӣ Шумо чӣ кор мекунед?*"

Тахминан 7%-и модарони то 40-сола эътироф карданд, ки ҳангоми ҳолати вазнин равонӣ фарзандро ҷазо медиҳанд. Аммо 83%-и онҳо аз калонсолон ва бузургон нисбати муаммои ҷойдошта маслиҳат мепурсанд. Боқимонда 10%-и онҳо бошад, фикри хешро чунин баён карданд: "аввал ором мешавам, сони муамморо ҳал мекунем; фикр мекунам, агар ҳалли онро наёбем аз падару модар маслиҳат мепурсам; ба ҳавои тоза мебароям".

40%-и занҳои аз 40-сола боло посух доданд, ки ба фарзандон ҳангоми асабонӣ шудан дод мезананд ва ҷазо медиҳанд. Лекин 60%-и онҳо посух доданд, ки роҳи беҳтарини ҳалли муаммои мавҷударо дар маслиҳат бо калонсолон ва бузургон мебинанд.

Ҳангоми муқоисаи саволи дуюм ва панҷум маълум мешавад, ки зӯроварӣ ва фишороварӣ дар оила аз тарафи падару модар ба тариқи ҷазо додан мувофиқ меояд.

Тахминан 20%-и падарон чунин меҳисобанд, ки ҳангоми ҳолати вазнинии равонӣ онҳо ба фарзандон дод зада, ҷазо медиҳанд. Лекин 60%-и онҳо эътироф карданд, ки ҳангоми мушкилии равонӣ онҳо муҳтоҷи маслиҳат мебошанд ва бештар ба калонсолон муроҷиат мекунанд. Боқимонда 20%-и падарон бошанд, фикри хешро чунин баён карданд: "сукут мекунам, кӯшиш мекунам, ки танҳо бошам; ба фарзандон роҳи ҳалли мушкилиҳоро меомӯзонам; худро ба даст гирифта, вазъиятро идора мекунам".

Аз ҷавоби падару модарон маълум мешавад, ки ҳангоми ҳолати вазнини равонӣ онҳо маслиҳат мепурсанд. Яъне 60%-и онҳо ба маслиҳатҳои бузургон ва равоншиносон ниёз доранд. Дар ин маврид боз ҳамон пешниҳоде карда мешавад, ки барои падарон ва модарон дарсҳои махсуси равоншиносонро гузаронидан лозим аст, ки ҳангоми тарбияи наврас онҳо ба

маслиҳати мутахассис муҳтоҷ мебошанд, чунки калонсолон на ҳамеша маслиҳати мувофиқ дода метавонанд.

Саволи шашум чунин аст: *“Шумо меҳру муҳаббати фарзандонро чӣ тавр дарк мекунед?”*

Тақрибан ҳамаи падару модарон чунин посух доданд, ки меҳру муҳаббати фарзандонро аз амалу рафтор ва суханҳои онҳо дарк мекунанд. Лекин баъзе аз модарон рӯйирост иқрор мешаванд, ки аз фарзандон меҳру муҳаббатро ҳис намекунанд ва боз илова мекунанд, ки ба суханҳои онҳо фарзандонашон аҳаммият намедиҳанд. Чунки дар раванди тарбия агар тахминан 40% волидон зӯроварирo истифода баранд, чи тавр онҳо ба меҳрубонии дутарафро дида метавонанд?

Саволи ҳафтум чунин аст: “*Дар оилаи Шумо фикру дархости фарзандонро қабул мекунанд ва хоҳиши онҳоро иҷро менамоянд?*

Тахминан 40%-и модарон мегӯянд, ки дархост ва хоҳиши фарзандонро мепазиранд. 45%-и онҳо мегӯянд, ки қисман қабул мекунанд, яъне ҳар як хоҳиши наврас хоҳ духтар ва ё хоҳ писарро намепазиранд, қабул намекунанд. 10%-и онҳо фикри худашонро чунин баён намуданд: “баъзеашро қабул мекунам, баъзе дархости онҳо иҷронашаванда; агар дархостҳо дуруст бошад, қабул мекунам; агар шароит дошта бошем, мепазирем, набошад не; вобаста ба рафтору кирдораш”.

Тахминан 60%-и падарон мегӯянд, ки хоҳиши фарзандонро қисман эътироф мекунанд. Лекин баъзе падарон чунин ақида доранд: “пурра агар ба манфиати кор бошад”. Яъне онҳо дар аввал фикру дархости фарзандонро меомӯзанд, сипас дастгирӣ мекунанд. Барои он ки волидон аввал пурсанд, ки фарзандонашон чиро мехостанд ва агар тавонанд, то худи фарзандон барои бадастории хоҳяшҳояшон кӯшиш намоянд. Беҳтар мешуд, агар чунин мустақилиятиро ба онҳо бидиҳанд.

**Ҷадвали 4**

**Муносибати волидон ба фарзандони наврас дар оила**

| № б/т | Волидон доир ба ахлоқи наврасон дар оила ва мактаб | Модарони то 40-сола 30 нафар | | | Модарони пас аз 40- сола 12 нафар | | | Падарон 21 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Методикаи омӯзиши муносибати волидон ба наврасон | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % |
| 1 | Якдигарфаҳмӣ | 70 | - | 30 | 100 | - | - | 75 | 25 | - |
| 2 | Муаммо нисбати фарзанд | 25 | 30 | 45 | 40 | 25 | 35 | 40 | 20 | 40 |
| 3 | Нисбати тарбияи духтар дар оила | 90 | - | 10 | 90 | - | 10 | 90 | - | 10 |
| 4 | Нисбати тарбияи писар дар оила | 70 | 30 | 0 | 70 | 30 | - | 60 | 40 | 0 |
| 5 | Ҳолатҳои вазнинии равонӣ | 7 | 83 | 10 | 40 | 60 | - | 20 | 60 | 20 |
| 6 | Дарки муҳаббати фарзанд | 100 | - | - | 100 | - | - | 100 | - | - |
| 7 | Пазируфтани хости фарзанд дар оила | 40 | 45 | 10 | 40 | 45 | 10 | - | 60 | 40 |

Натиҷаҳои пурсишномаи “Муносибати волидон ба фарзандони наврас дар оила” дар диаграммаи №1 нишон дода шудаанд.




**Диаграммаи 1. Муносибати волидон ба фарзандони наврас дар оила**

Бояд гуфт, ки анкетаи ба волидайн тартибдодаи мо дар умум аз 15 савол иборат аст. Мо онҳоро ба таври мушаххас ба ду қисм тақсим намудем. Дар қисмати аввал 7 савол ҷиҳати муайян кардани муносибати волидон ба фарзандони наврас дар оила равона карда шудааст. Қисмати дуюми анкета аз

8 савол иборат буда, барои муайян кардани муҳити иҷтимоии наврас аз нигоҳи волидон мебошад.

Саволи ҳаштум чунин аст: *“Оянда касбу кори фарзандонро Шумо муайян менамоед ё қобилият ва лаёқати фарзандонро ба эътибор мегиред?*

55%-и модарони то 40-сола эътироф менамоянд, ки худашонояндаи фарзандашонро муайян мекунанд. Аммо 40%-и онҳо ба он ақидаанд, ки ба фарзандон озодии интихоб дода шавад, то ки онҳо ба таври мустақилонаояндаи хешро муайян намоянд. Аз ин мебарояд, ки ҳангоми интихоби ягон касбу ҳунар ва ё дониш волидон хоҳиши фарзандонро ба инобат мегиранд. Баъзе модарон фикри худашонро чунин ифроз намуданд: “ба қобилияташон нигоҳ мекунам; аввал маслиҳат мекунем, пас ҳамроҳи фарзандам интихоб мекунем; хоҳишашонро мепурсам ва розӣ мешавам”. Тахминан 60%-и модарони аз 40-сола боло чунин мешуморанд, ки ба фарзандон ҳангоми интихоби касбу кориояндаи худ озодӣ медиҳанд.

55%-и падарон ба он назаранд, ки касбу кори фарзандонро худашон интихоб намоянд, беҳтар аст. Аммо 45%-и падарон мешуморанд, ки фарзандон ба таври озодона бо дарназардошти қобилияти хеш касбу ҳунарро интихоб намоянд беҳтар аст.

Ҳангоми муқоиса кардани занҳои то 40-сола ва пас аз 40-сола маълум гардид, ки дар занҳои аз 40-сола боло таҷрибаи ҳаётӣ вуҷуд дорад, аз ин сабаб онҳо озодии интихобро пазируфтанд, яъне мумкин аст, ки ин фарзанди дуюм, сеюм ё ки чоруми онҳо бошад. Ба ҳар ҳол шумораи волидоне, ки аз фарзанди худ танҳо хоҳиши худро интизор мебошанд, барои худи фарзандон озодии интихоби касбро бояд дар заминаи суҳбат ва маслиҳат бо онҳо пешкаш мекарданд. Бинобар ин, ҳангоми интихоби ҳунар, касб, дониш бояд волидон бо фарзандон маслиҳат намоянд, ки дар оянда онҳо афсӯс нахӯранд.

Саволи нуҳум чунин аст: “*Шумо то кадом андоза бо фарзандон суҳбати самимӣ менамоед?”*

10%-и модарон то 40-сола ҷавоб доданд, ки онҳо бо дарёфти маблағ машғул ҳастанд ва фурсати бо фарзандон суҳбат карданро надоранд. 15%-и

онҳо чунин мешуморанд, ки “гапи ман гап аст, ман суҳбати самимӣ намегузаронам”. Боқимонда тахминан 75% чунин ҷавоб доданд: “суҳбати самимӣ гузаронидан даркор, ба фарзандон вақт ҷудо кардан лозим; ман бояд кӯшиш намоям, ки бо фарзандонам вақт гузаронам; ҳар рӯз суҳбат мекунам; бисёр суҳбатҳои самимӣ мегузаронам, то ки робитаро гум накунам; дар вақти холигӣ то тавонам суҳбати самимӣ мекунам; агар вақтам шавад, суҳбат мекунам; баъзан суҳбат мекунам; суҳбат мекунам, то ки мушкилиҳояшро фаҳмам; ҳазор корам бошад ҳам, вақт ёфта суҳбат мекунам (соҳибкор); дар вақти холӣ; бояд вақт ҷудо кунем, наздиктар шавем; бисёри вақт суҳбат мекунам; мо бисёр суҳбат мекунем; оромона суҳбати самимӣ мекунам; хонашин ҳастам бо тарбияи фарзандон машғул ҳастам”.

25%-и падарон тамоман вақт надоранд, ки бо фарзандон суҳбати самимӣ намоянд. 10%-и онҳо бар он ақидаанд, ки “гапи ман гап аст”, яъне суҳбати самимӣ намегузаронанд. Боқимонда 65%-и падарон фикри худашонро чунин иброз намуданд: “дар вақти зарурӣ бо онҳо суҳбат мекунам; бо фарзандонам ҳамеша ҳамчун рафиқ дар суҳбат ҳастам; дар лаҳзаҳои фароғатӣ сари дасторхон бо фарзандон суҳбат намуда, маслиҳат медиҳам; суҳбати самимӣ дар бораи аҳли оила, меҳрубонӣ ва дастгирӣ кардан; вақт ҷудо карда, тез-тез суҳбат мекунам; вақти холӣ суҳбат мекунам, ба роҳи рост ҳидоят мекунам; ҳар бегоҳ ҳамроҳи оила суҳбати самимӣ мегузаронам; то қадри имкон суҳбат мекунам, дар бобати ҳалли муаммоҳо маслиҳат мепурсад; ҳаррӯза пас аз анҷоми кор дар иҳотаи оила; доимо суҳбати самимӣ менамоям; баъзан суҳбати самимӣ менамоям”.

40%-и модарони аз 40-сола боло маълум карданд, ки фурсати бо фарзандон суҳбати самимӣ карданро надоранд. Аммо 50%-и онҳо фикри худашонро чунин баён карданд: “ҳар рӯз самимӣ суҳбат мегузаронам; хонашин ҳастам бо тарбияи фарзандон машғул мебошам; ҳамарӯза суҳбати самимӣ мегузаронам; бо сухани нағз; албатта, бо ҳам суҳбати самимона менамоям”.

Дар хулоса чунин гуфтан лозим аст, ки барои бо фарзандон суҳбати самимӣ ва панду насиҳатомез гузарониданро аксарияти волидон мефаҳманд, аммо бештар масъала дар бораи имкониятҳо меравад, ки онро бояд волидон худашон муайян намоянд ва дар ин роҳ ба онҳо маслиҳати равоншинос низ лозим аст.

Саволи даҳум чунин аст: "*Барои чӣ Шумо фарзандонро ба мактабҳои хусусӣ медиҳед? Оё дар мактабҳои умумӣ муносибат куллан дигар аст?*"

Тахминан 65%-и модарони то 40-сола мешуморанд, ки дар мактаби таҳсилоти умумии давлатӣ таълиму тарбияи дуруст гирифтан мумкин аст. Онҳо низ эътироф мекунанд, ки маблағ барои дар мактаби хусусӣ хонондани фарзандонро надоранд. Аммо 15%-и онҳо фикр мекунанд, ки дар мактабҳои хусусӣ шароит беҳтар, бо хӯрок таъмин ҳастанд ва омӯзгорон доимо бо онҳо кор мекунанд. Боқимонда 20% фикрашонро чунин иброз намуданд: "аз худи фарзанд вобаста; аълохонаш дар мактаби умумӣ ҳам тарбияи дуруст мегирад; агар лаёқат бошад, мехонад; мактаби умумӣ маъқул; ҳам дар хусусӣ ва ҳам дар умумӣ як чизро ёд мегирад; барои он ки нағз дарсҳоро омӯзад".

40%-и модарони аз 40-сола боло мешуморанд, ки дар мактабҳои хусусӣ шароити беҳтарин вуҷуд дошта, омӯзгорон бо талабаҳо ба таври инфиродӣ корбарӣ мекунанд. 50%-и онҳо мактабҳои умумии давлатиро интихоб менамоянд ва чунин мешуморанд, ки дар он низ таълиму тарбия дар сатҳи баланд мебошад. Боқимонда фикри худашонро чунин иброз карданд: "маблағ нест; дар мактаби умумӣ низ тарбияи дуруст гирифтан мумкин аст".

40%-и падарон чунин мешуморанд, ки дар мактабҳои хусусӣ таълиму тарбия беҳтар аст ва шароити нигоҳубини фарзандон ҳам дар он ҷо дар сатҳи баланд мебошад. Ба ақидаи 25%-и онҳо дар мактабҳои умумии давлатӣ низ таълиму тарбияи хуб гирифтан мумкин аст. Аммо 35%-и онҳо фикрашонро мустақилона чунин баён карданд: "дар мактаби умумӣ тарбияи дуруст гирифтан мумкин аст; асос лаёқати худи фарзанд, ба хондан дар куҷо таҳсил кардан тафовут надорад; дар мактаби умумӣ таҳсил мекунад, миннатдорем;

фарзандони ман дар мактабҳои хусусӣ намехонад; дар мактаби умумӣ мехонад; ҳама мактабҳо як хел”.

Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки 60%-и падарон мактабҳои таҳсилоти умумии давлатиро тарафдорӣ менамоянд. Дар ин тарафдорӣ боз маълум мешавад, ки бештари мардум ба мактабҳои хусусӣ боварӣ надоранд ва ҳангоми пардохти маблағи хониш мушкилӣ мекашанд ва чунин хоҳиш боз онро нишон медиҳад, ки сатҳи бизоати мардум имконият намедиҳад, ки барои фарзанди худ мактаби хусусиро интихоб намоянд.

Саволи ёздаҳум чунин аст: “*Шумо мунтазам бо омӯзгорон дар тамос ҳастед? Нисбати таълиму тарбияи фарзандон огоҳӣ доред?”*

Тахминан 70%-и падару модар зикр мекунанд, ки онҳо бо омӯзгорон дар тамос ва аз ҳолати онҳо бохабар ҳастанд. Аммо то 30%-и падарон ва модарон нисбати муомила бо омӯзгорон фикрашонро чунин баён карданд: “бо муаллимон бисёртар дар тамос ва аз хониши фарзандон иттилоъ мегирам; дар тамос ҳастам ва оид ба таълими фарзандонам пурсида меистам; дар вақти холӣ; ҳа, дар тамос ҳастам, пурсида меистам; дар тамос ҳастам, аз одобу рафторашон пурсида меистам; бо омӯзгорон доимо дар тамос мебошанд, аз иҷрои машғулиятҳо мепурсам; аз рӯйи имкон аз дониш ва тарбия пурсон мешавам; баъзан дар тамос ҳастем”.

Саволи дувоздаҳум чунин аст: “*Оё ҳар як қадами фарзандонатонро назорат мекунед?”*

Тахминан 70-80%-и падару модарон ба он ақида ҳастанд, ки аз болои фарзандашон бояд назорати ҷиддӣ баранд. Зеро ки дар ҳолатҳои нохуш фарзандон худашонро гум мекунанд, аз ин сабаб волидон хавотирӣ мекашанд. Тахминан 25%-и падару модарон боварӣ доранд, ки фарзанди онҳо ба корҳои ношоиставу нолоиқ ва бад намераванд. Онҳо доим ба воситаи телефони мобилӣ дар алоқа ҳастанд ва дар ҳолати ногувор маслиҳат мепурсанд. Тахминан 5%-и онҳо фикри худашонро чунин баён карданд: “ҳазор боварӣ дошта бошед, бе назорат нагузоред; дар шанбегӣ ва ё дар мактаб ягон чорабинӣ бошад, тариқи телефон огоҳ кунанд”. Барои он ки зери

назорат камтар бошанд, падарону модарон тарбия ва суҳбати самимонаро бо фарзандон гузаронида, ба онҳо мустақиялиятро ёд медоданд ва бо ин роҳ онҳо ҳангоми калонсол шуданашон барои дарёфти ҳалли масъала мушкилӣ намекашанд.

Саволи сенздаҳум чунин аст: “*Аз суханҳои ноҷои фарзандон Шумо худатонро идора карда натавониста, тез асабонӣ мешавед?”*

Тахминан 25%-и модарони то 40-сола чунин фикр доранд, ки ҳангоми бо фарзандон суҳбат кардан, тез асабонӣ мешаванд ва худашонро идора карда наметавонанд. Аммо мардҳо бошанд, тахминан 15%-и онҳо ҳангоми суҳбат бо фарзандони худ тез асабонӣ мешаванд. Лекин 30%-и занҳои аз 40-сола боло чунин мешуморанд, ки тезтар асабонӣ мешаванд, худашонро дошта наметавонанд.

Аксарияти падару модарон, тахминан 60-75%-и онҳо ҳангоми суҳбат бо наврасон худашонро идора карда метавонанд.

Тахминан 10%-и падару модарон фикрашонро чунин иброз намуданд: “ҳар як модар асабонӣ нашуда, бо фарзандон суханони нек гӯяд; худамро идора карда метавонам, сонӣ насиҳат мекунам; фарзандон сухани ноҷо намезананд; фарзандонам ҳамашон ботамиз ҳастанд; фарзандони ман суханони ноҷо намегӯянд”. Дар байни падарону модарони ҷавон таҳаммулгароӣ нисбати фарзанд ва хоҳиши он нест, аммо аксарияти онҳо агар асобонӣ шаванд ҳам, худро идора карда метавонанд. Ба ҳар ҳол, бояд дар вақти мушкилии муомила падару модарон як намуди рафтори таҳаммулгароиро омӯзанд ва дар ин росто кумаки мутахасиссон бармаҳал аст.

Саволи чордаҳум чунин аст: “*Шумо суханҳои дағал ё қабеҳро дар муошират бо фарзандон ё тарбияи фарзандон (хоҳ писар ва хоҳ духтар) истифода мебаред?”*

Тахминан 15%-и падару модарон ҳангоми муошират бо фарзандони хеш суханҳои дағал ва қабеҳро қисман истифода мебаранд. Аммо 30%-и занҳои аз 40-сола боло бештар дар муошират бо фарзандон суханҳои қабеҳро

қисман истифода мебаранд. Аммо 85%-и падару модарон иқрор гаштанд, ки дар муносибат суханҳои қабеҳ ва дағалро истифода намебаранд. Тахминан 15%-и онҳо фикрашонро чунин иброз менамоянд: “ҳар як падару модар фарзандонро бе сухани дағалона ба роҳи рост ҳидоят намоянд; то қадри имкон бо суханҳои нағз мефаҳмонам; суханони дағалона нашунидиям; бо фарзандон гапи дурушт задан ғайриимкон аст, онҳо ёд мегиранд”. Дар байни модарони ҷавон истифобарии суханҳои вазнин бештар дида мешавад, чунки аз нигоҳи равонӣ онҳо дар назди фарзандони калонсолшуда тарзи тарбияи пештараро истифода бурда наметавонанд. Бинобар ин, шумораи истифодабарандагони суханони вазнин камтар бошанд ҳам, дар рафти муомила бештари волидон зӯроварӣ ва маҳрумкуниро истифода мебаранд ва фоизи истифодабарандагони суханони вазнин боз баштар мешавад.

Саволи понздаҳум чунин аст: “*Ояндаи фарзандонатонро Шумо чӣ гуна тасаввур менамоед?*”

Тахминан 60%-и модарони то 40-сола ҷавоби аввалро интихоб намуданд. Онҳо мешуморанд, ки барои беҳбудии фарзандонашон кор мекунанд ва умед аз он доранд, ки дар пиронсолӣ фарзандонашон ба онҳо мадад мерасонанд, дастгирӣ мекунанд. Тақрибан 40% занҳои то 40-сола мешуморанд, ки фарзандони онҳо берун аз Ватан сарсон нашуда, соҳиби касбу ҳунар шаванд ва обрӯю эътибор пайдо кунанд.

65%-и падарон бошанд, мисли модарон, нисбатиояндаи фарзандонашон ғамхорӣ карда, боумед кор мекунанд, ки дар оянда фарзандон дасти падар гиранд. 50%-и модарони аз 40-сола боло мешуморанд, ки фарзандон дар муҳоҷират сарсон нашуда, касбу кори нағзро азхуд намоянд ва дар ҷомеа ҷойгоҳи худро ёбанд.

**Ҷадвали 5.**

**Муҳити иҷтимоии наврас аз нигоҳи волидон**

| №б /т | Муҳити иҷтимоии наврас ва мақоми волидон | Модарони то 40-сола 30 нафар | | | Модарони пас аз 40-сола 12 нафар | | | Падарон 21 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Методикаи омӯзиши муҳити иҷтимоии наврас аз нигоҳи волидон | А, | Б, | В, | А, | Б, | В, | А, | Б, | В, |

| | | % | % | % | % | % | % | % | % | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | Интихоби ояндаи наврас ва мақоми волидон | 55 | 40 | 5 | 40 | 60 | - | 55 | 45 | - |
| 9 | Муносибати самимӣ байни наврас ва волидон | 25 | 75 | 45 | 40 | 50 | 10 | 35 | 65 | - |
| 10 | Таҳсил дар мактаби нав ва маблағнок барои наврас | 15 | 65 | 20 | 40 | 50 | 10 | 40 | 25 | 35 |
| 11 | Волидон ва омӯзгорон дар тарбияи наврас | 70 | - | 30 | 70 | - | 30 | 70 | - | 30 |
| 12 | Назорати наврас дар муҳити иҷтимоӣ | 75 | 25 | - | 75 | 25 | - | 75 | 25 | - |
| 13 | Каҷрафтории наврас ва шароити равонии волидон | 25 | 65 | 10 | 30 | 60 | 10 | 15 | 75 | 10 |
| 14 | Бадсуханӣ ва ҳиссиёти наврас | 15 | 75 | 10 | 30 | 70 | - | - | 100 | - |
| 15 | Интихоби ояндаи наврас аз тарафи волидон | 60 | 40 | - | 50 | 50 | - | 65 | 35 | - |

Натиҷаҳои пурсишнома дар диаграммаи №2 нишон дода шудаанд.




**Диаграммаи 2. Муҳити иҷтимоии наврас аз нигоҳи волидон**

Ҳангоми муқоисаи ҷавобҳои падару модарон маълум мешавад, ки чӣ қадаре ки волидон бузург гарданд, умед ба фарзандони худро камтар зоҳир менамоянд, зеро онҳо чунин мешуморанд, ки “аз худашон намонанд”. Аммо волидони ҷавон дар он андешаанд, ки фарзанди онҳо ҳоло ҷавон ҳастанд ва ғамхориро мухтоҷ мебошанд. Дар посухи худ волидон боз онро ифода карданд, ки онҳо умуман зидди муҳоҷирати меҳнатӣ ҳастанд ва бояд фарзанди онҳо соҳиби касбу ҳунар гардад.

Хулосаи умумӣ чунин аст, ки дар раванди тарбия волидон тарафдори назорати ҷиддӣ ҳастанд ва камтари онҳо касбу ҳунарро чун методи тарбия мепазиранд. Аз тарафи дигар тахминан то нисфи волидон дар тарбия зӯровариро чун метод истифода мебаранд ва барои густариши мутсақилият ва тарбияи он кӯшиш надоранд. Ҳатто нисбати духтар агар онҳо назорати ҷиддиро пазироянд, аммо нисбати писарон чунин намуди рафтор кам аст. Бояд дар волидон намуди гуфтугӯи самимона бештар бошад, чунки дар байни духтарони ҷавон ва арӯсони нав худкушӣ бештар дида мешавад, ки барои равоншиносон падидаҳои нигаронӣ аст. Бинобар ин, барои волидон ва фарзандон кумаки равоншиносон бояд расонида шавад, чунки аксарияти онҳо ҳангоми асабонишавӣ ба бузургон муроҷиат менамоянд ва аз онҳо маслиҳат мегиранд.

## 2.3. Муайян намудани андешаҳои наврасон аз назари гендерӣ

Ҷиҳати муайян намудани ҳолати равонии наврасон дар оила, муҳити иҷтимоӣ ва худбаҳодии наврас ба ҳолати худ пурсишномаи муаллифӣ истифода бурда шуд, ки дар ҷадвалҳои зерин нишон дода шудааст:

**Ҷадвали 6**

**Ҳолати равонии наврасдухтар дар оила**

| № б/т | Ҳолатҳои воридшавии иҷтимоии наврасдухтарон | 16-сола- 20 нафар | | | 15-сола- 14 нафар | | | 14-сола- 28 нафар | | | 13-сола- 11 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Методикаи гузаронидани пурсиш | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % |
| 1 | *Дастгирии оила* | 90 | 10 | - | 72 | 21 | 7 | 92 | 4 | 4 | 91 | 9 | - |
| 2 | *Дарки шароити оила аз ҷониби наврас* | 60 | 15 | 25 | 72 | 21 | 7 | 78 | 11 | 11 | 64 | 9 | 27 |
| 3 | *Муроҷиат ба шахси боварибахш* | 70 | 15 | 15 | 93 | 7 | - | 85 | 11 | 4 | 81 | 9 | 9 |
| 4 | *Меҳнати илова ва мустақилият* | - | 40 | 60 | - | 40 | 60 | 4 | 42 | 54 | - | 55 | 45 |
| 5 | *Вазнинии равонӣ* | 50 | 25 | 25 | 14 | 86 | - | 25 | 75 | - | 25 | 35 | 40 |
| 6 | *Ҳисси меҳрубонӣ* | 90 | - | 10 | 86 | - | 14 | 100 | - | - | 90 | 10 | - |
| 7 | *Пазироии дархости* | 55 | 45 | - | 50 | 43 | 7 | 82 | 14 | 4 | 64 | 27 | 9 |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *наврас* | | | | | | | | | | | | |
| 8 | *Инкишофи зеҳнии наврас* | 85 | 10 | 5 | 72 | 14 | 14 | 54 | 46 | - | 64 | 36 | - |
| 9 | *Машғулияти инфиродии наврас* | 50 | 30 | 20 | 36 | 50 | 14 | 54 | 46 | | 18 | 55 | 27 |

Шумораи умумии анкетаҳо чунин мебошад:

наврасдухтарони 13-сола - 11 нафар;

наврасдухтарони 14-сола - 28 нафар;

наврасдухтарони 15-сола - 14 нафар;

наврасдухтарони 16-сола - 20 нафарро ташкил медиҳанд.

Саволи якум чунин мебошад: *"Баҳри комёб гардидан ба натиҷаҳои назаррас оилаатон ба Шумо кумак мерасонад?"*

Аксарият, яъне тахминан аз 70 то 90%-и наврасон ҷавоб доданд, ки барои ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан пурра оила дастгирӣ менамояд, аммо аз 4 то 21% наврасони то 15-сола ва 10% наврасони то 16-сола чунин мешуморанд, ки қисман онҳоро дар оила дастгирӣ менамоянд. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки бештари наврасон ба дастгирии оила боварии комил доранд. Аммо наврасони 15-16-сола аллакай бештар мустақилияти худро баён мекунанд.

Саволи дуюм чунин аст: *"Дар оилаи Шумо кӣ бо дарёфти маблағ бештар машғул аст?"*

Ҷавоби аксарияти наврасон чунин аст, ки ҳам падар ва ҳам модар барои дарёфти маблағ саҳм мегузоранд, аммо тахминан то 25%-и наврасон мешуморанд, ки падар барои дарёфти маблағ саҳм мегузорад, ба ҳисоби миёна тахминан 12% наврасон аз маблағгузории волидони дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда посух доданд. Ҷавоби аксарияти наврасон нисбати дарёфти маблағ ҳисси падаронро дар оила бештар медонанд, ки он 40%-ро ташкил медиҳад. Аз тарафи дигар ин нишондод онро эзоҳ медиҳад, ки дар оилаҳои шаҳрӣ аксарияти волидон бо кор машғул ҳастанд ва дар ин ҳолат пешбинӣ карда мешавад, ки наврасони 15 ва 16-сола бештар ба мустақилияти худ дода

шудаанд, аммо дар умум, рафтори онҳо дар чорчӯбаи одобу тамиз меравад, ки майли вайрон кардан ва шум шуданро надоранд.

Ба пурсиши сеюм: “*Дар ҳолатҳои посух наёфтан ба суолҳои худ Шумо ба кӣ бештар муроҷиат мекунед?”*

Ҳангоми пайдо шудани ягон масъала барои ёфтани ҳалли он аксарияти наврасон ба волидони худ муроҷиат мекунанд. Аммо аз 10 то 30%-и наврасони 15-16-сола, хусусан наврасони 16-сола, бо дӯстони наздик ва дугонаҳояшон муҳокима намуда, муамморо ҳал намуда, посухи заруриро дармеёбанд. Аммо тахминан 80% наврасони то 13-14-сола бештар ба волидони худ муроҷиат мекунанд. Чунин посухи наврасони духтар нишон медиҳад, ки бештари онҳо агар ба волидонашон боварӣ дошта бошанд, аммо камтари онҳо аллакай ба мустақилият одат карда, бештар бо дугонаҳояшон роҳи ҳалли масъаларо меҷӯянд.

Саволи чорум “*Оё Шумо барои ба даст овардани маблағ иловагӣ бо ягон кор машғул ҳастед?”*

Қариб нисфи наврасони то 16-сола (40%) чунин мешуморанд, ки ба падару модарашон ёрӣ мерасонанд ва ин ҳолат нишон медиҳад, ки тахминан нисфи наврасони то синни 16-сола аллакай ба меҳнат ва касбомӯзӣ машғул мебошанд ва ин нишондод бештар ба оилаи коргар ва миёнаҳоли поён хос мебошад. Лекин агар наврасони аз оилаи миёнаҳоли боло бошанд, шумораи меҳнат намекардагиҳо бисёр мебошад, ки онҳо бештар барои омӯзиши илму дониш вақти холигии худро сарф мекунанд.

Саволи панҷум “*Дар ҳолатҳои вазнинии равонӣ Шумо чӣ кор мекунед?*”

Ҳангоми ба ҳолати вазнини равонӣ дучор шудан тахминан 25%-и наврасони 13-сола ин хел ҷавоб доданд: “дар як кунҷи хона мешинам; бисёр китоб мехонам; аз падару модарам маслиҳат мепурсам; ман китоб мехонам”; аммо наврасони 14 ва 15-сола нисбатан ба калонсолон майл доранд ва аз онҳо маслиҳат мепурсанд. Наврасдухтарони 16-сола тахминан 50% чунин посух доданд: “мусиқии дилхостамро гӯш мекунам; худро идора карда, ба

сайругашт мебароям; гӯшанишинӣ мекунам ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ суҳбат мекунам; дар торикӣ мешинам”. Посухи наврасони 16-сола як намуди гӯшанишинӣ мебошад.

Саволи сеюм ва панҷум тахминан мустақилияти наврасонро якранга нишон медиҳанд, ки дар ин ҳолат онҳо барои ба даст овардани мустақилият кӯшиш менамоянд ва албатта, бо ин наврасо фаҳмондадиҳӣ лозим аст, чунки волидон барои онҳо посухи лозимиро дарёфт карда наметавонанд. Аммо синни 14-15-солагӣ синни гузариш мебшад, ки дар ин маврид ҳоло онҳо аз волидони худ бисёр интизориҳоро доранд.

*Саволи шашум: “Шумо меҳру муҳаббати наздиконро чӣ тавр дарк мекунед?”*

Аксарияти наврасдухтарон чунин андеша доранд, ки падару модари онҳо меҳру муҳаббати хоссаро ифода мекунанд. Лекин наврасони аз меҳри падар ё модар ва ё ҳар ду маҳрумбуда чунин меҳрро ҳис намекунанд, ё танҳо аз як волидайн онро ҳис мекунанду халос. Посухҳои онҳо чунинанд: “меҳру муҳаббатро аз волидон, муаллимон, хешовандон мегирам; падарам аз дунё гузаштанд ва модарам ба ман меҳру муҳаббат доданд”. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки наврасон меҳру муҳаббати волидонро ҳис мекунанд, яъне барои онҳо оила ҷойгоҳи муқаддас, дилгармӣ ва меҳру муҳаббати самимӣ мебошад. Дар оилаҳои шаҳрӣ одатан нишонаҳои нигоҳдошти анъанавӣ ҷой дорад.

*Саволи ҳафтум: “Дар оилаи Шумо фикру дархости фарзандонро мепазиранд?”*

Аз посухи онҳо маълум мешавад, ки аз 15 то 45%-и духтарон фикр мекунанд, ки дар оила дархости онҳо қисман қабул карда мешавад, лекин боқимонда чунин меҳисобанд, ки хоҳиши онҳо пурра дастгирӣ меёбад. Он наврасоне, ки ҷавоби “қисман дастгирӣ мекунанд”-ро интихоб карданд, чунин илова намуданд: “дар оила кори ба ман фоиданокро мепазиранд; баъзе қабул мекунанд, баъзе не; баъзе ҳолатҳо дархости маро ҳатто гӯш намекунанд”. Ин маънои онро дорад, ки дар оила байни волидон ва наврасон

якдигарфаҳмӣ мушкилтар аст. Хусусан, ин дар байни наврасдухтарони 16-сола бештар дида мешавад ва посухи қисман дастгирӣ мекунандро тахминан 45 % онҳо интихоб намудаанд.

Саволи ҳаштум: “*Ба инкишофи зеҳнии Шумо кӣ бештар аҳаммият медиҳад?*”

Аз 54 то 85%-и наврасдухтарон чунин мешуморанд, ки қобилияти зеҳнии худро нишон дода, мустақилияти худро эътироф менамоянд. Махсусан, ин нишондиҳанда дар наврасони 15-16-сола бештар дида мешавад. Дар посухҳои мустақилона чунин ҷавобҳо мавҷуд аст: “падару модар аҳаммият медиҳанд; чӣ қадаре ки баҳои чорякам панҷ набошад ҳам, модарам аз ман норозӣ”. Аз ин ҷо маълум гардид, ки муносибати байни модар ва духтар дар сатҳи зарурӣ набуда, нофаҳмӣ вуҷуд дорад.

Саволи нуҳум: “*Дар вақти холиатон бо кадом кор машғул ҳастед?*”

Дар оилаҳои миёнаҳол фарзандон, яъне духтарон бештар ба касбомӯзӣ машғул ҳастанд. Яъне дар оилаҳои миёнаҳол аз 30 то 55% ба ҳунаромӯзӣ ва касбомӯзӣ машғул мебошанд. Аммо дар оилаҳои миёнаҳоли боло наврасдухтарон бештар бо китобхонӣ ва забономӯзӣ машғул мебошанд. Чунин посуххо ҷой доранд: “хондани китоби биология, химия; китоб мехонам, забон меомӯзам, расмкашӣ мекунам; ба модар ёрӣ мерасонам; китобҳои бадеӣ мехонам”, ки он 55%-ро ташкил медиҳад. Барои муқоиса чунин посухҳои наврасдухтарон ба саволи 4 ва 9 нишон медиҳад, ки бештари духтарони аз оилаи коргар ва миёнаҳоли поён барои ҳунаромӯзӣ машғул мебошанд ва эҳтимол барои омӯхтани дарсҳо начандон шавқ пайдо мекунанд ва бештари духтарони синни 16-сола, ки аз оилаи миёнаҳол ва соҳибкор мебошанд, онҳо вақти холии худро бо омӯзиши фанҳо ва тайёрӣ ба давом додани хондан дар донишгоҳҳо сарф мекунанд. Наврасдухтарони забонҳои хориҷӣ меомӯхтагӣ низ сершумор гаштаанд, ки майли онҳоро барои гирифтани касбҳои ҳозирзамон равона мекунад. Натиҷаҳо дар диаграммаи №3 нишон дода шудааст.




**Диаграммаи 3. Ҳолати равонии наврасдухтар дар оила**

Барои пурра ба равони наврас ворид шудан лозим дониста шуд, ки ба муҳити иҷтимоии ӯ эътибор диҳем ва албатта, он мактаб мебошад. Барои ин ҷадвали 7 нишондодҳои зеринро дорад:

**Ҷадвали 7**

**Муҳити иҷтимоии наврас (дар мактаб)**

| №б/т | Ҳолатҳои воридшавии иҷтимоии наврасдухтар | 16-сола-20 нафар | | | 15-сола-14 нафар | | | 14-сола-28 нафар | | | 13-сола-11 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Методикаи муайян намудани муҳити равонии наврас берун аз оила | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % |
| 10 | *Шавқи омӯзиши фан* | 55 | 25 | 20 | 72 | 7 | 21 | 57 | 39 | 4 | 45 | 45 | 10 |
| 11 | *Майли дарсхонӣ* | 30 | 15 | 55 | 86 | 14 | - | 40 | 25 | 35 | 9 | 55 | 36 |
| 12 | *Наврас ва омӯзгор* | 75 | 5 | 20 | 86 | 14 | - | 92 | 8 | - | 90 | - | 10 |
| 13 | *Назорати волидайн* | 65 | 15 | 20 | 93 | 7 | - | 96 | 4 | - | 82 | 18 | - |
| 14 | *Писанди наврас, мактаб ва омӯзгор* | 70 | 25 | 5 | 86 | 14 | - | 79 | 21 | - | 72 | 27 | - |
| 15 | *Гурехтан аз муҳити иҷтимоӣ* | 65 | 30 | 5 | 29 | 71 | - | 21 | 79 | - | 10 | 80 | 10 |

Саволи даҳум: “*Кадом фанҳо ба Шумо бештар маъқул аст?*”

Тахминан 45%-и наврасони 13-сола фанҳои гуманитариро интихоб карданд. Аммо дар наврасони боқимонда омӯзиши фанҳои дақиқ бештар буда, аз 55 то 72%-ро ташкил медиҳад. Онҳо бештар қобилият ва лаёқат ба омӯзиши фанҳои дақиқро доранд. Ин нишондоди он аст, ки барои

наврасдухтарони 15 ва 16-сола фанҳои дақиқ барои гирифтани ихтисоси пас аз хатми донишгоҳ бештар зарур аст.

Саволи ёздаҳум: “*Ба фикри Шумо барои чӣ бархе аз наврасон хоҳиши ба дарс омаданро надоранд?*”

Тақрибан 36-55%-и наврасдухтарон фикри худро чунин баён намуданд: “онҳо танбал ҳастанд; дарсхониро дӯст намедоранд; барои он ки аз мактаб безоранд; намедонам, хушашон намеояд; дигар кор мекунад, барои ҳамин дарсро дӯст намедоранд; барои он ки муаллимон изо медиҳанд, суханҳои қабеҳро дар назди талабаҳо мегӯянд; шавқи дарсхонӣ надоранд; дарс хондан намехоҳанд, чунки дар хона муаммо доранд; ба дарсхонӣ иштиёқ надоранд, чунки меҳнат мекунанд барои ба даст овардани маблағ; барои он ки аз хоб барвақт хестанро нағз намебинанд”. Наврасони 15-16-сола чунин мешуморанд, ки дар дарсҳо чизи навро ёд намегиранд. Аммо 30%-и наврасони 16-сола ва 86% наврасони 15-сола мешуморанд, ки онҳо барои дарёфти маблағ машғуланд. Барои равшанӣ андохтан ба чунин майли наврасдухтарон онро ишора кардан лозим аст, ки бештари онҳо дар андешаи онанд, ки барои бештари наврасони аз мактаб мегурехтагӣ дарёфти маблағ ва барои омӯзиши касб ҳадаф мешавад. Саволҳои сеюм, панҷум, нуҳум ва ёздаҳум мазмунан якхела мебошанд ва он бештар ба меҳнат ва барои дарёфти ҳунари дар ҳоли ҳозир буда машғул мешаванд, аммо барои омӯхтан дар донишгоҳҳо онҳо ҳоло майл надоранд. Танҳо фарзандони аз оилаи миёнаҳоли болоӣ майли бештар ба омӯхтани фанҳоро барои омодагӣ баҳри ба донишгоҳ дохил шуданро доранд.

Саволи дувоздаҳум: “*Муносибати омӯзгорон нисбати Шумо чӣ гуна аст?*”

Умуман, нисбати омӯзгорон муносибати наврасон ба таври мусбӣ мебошад. Аммо наврасдухтарони 15-16-сола аз 14% то 20% чунин мешуморанд, ки муносибати устодон бо шогирдон начандон хуб аст. Онҳо фикри худашонро чунин баён карданд: “бо хубон хуб, бо гандаҳо ганда; баъзан нек, баъзан на он қадар; умуман, онҳо дар ҷояш кор мекунанд; баъзе

муаллимон муносибати бад доранд, лекин бисёрашон нағз; ҳамаш хуб мебуд, агар дар вақти суханронӣ ба даҳонам назананд; омӯзгорон ҳар хел ҳастанд”. Дар саволи ёздаҳум чунин посух аз тарафи наврасдухтаре дода шуда буд: “барои он ки муаллимон изо медиҳанд, суханҳои қабеҳро дар назди талабаҳо мегӯянд” ва ин посух дар умум нишон медиҳад, ки чоряки мактаббачагон аз устодони мактаб на чандон қаноатманд мебошанд, чунки онҳо муносибати худро бо муаллимон начандон хуб мешуморанд.

Саволи сенздаҳум: “*Оё волидайни Шумо ҳар як қадами Шуморо назорат мекунанд?*”

Аз 65 то 96%-и наврасдухтарон чунин меҳисобанд, ки назорати ҷиддӣ аз ҷониби падару модар мавҷуд аст. Аммо тахминан 20%-и духтарони 16-сола фикр мекунанд, ки мустақилияти худро нигоҳ дошта метавонанд. Онҳо чунин посух доданд: “ҳам назорат мекунанд ва ҳам озодӣ медиҳанд; ҳар кас роҳи рост равад ва интизомашро нағз кунад; баъзе корҳоямро назорат мекунанд, дар баъзе корҳоям мустақилият медиҳанд; ҳа албатта, зеро ки падару модар фарзандро ба роҳи рост ҳидоят мекунанд”. Дар илми равоншиносӣ чунин падидае ҳаст, ки агар ҳар андоза сахт назорат кунед, ҳамон қадар кӯдак пас аз назорат рафтан рафтори худро баръакси пештара менамояд. Бинобар ин, барои наврасдухтароне, ки посухи худидоракуниро интихоб намуданд, эҳтимоли зиёд аст, ки онҳо дар муносибати пас аз оғӯши оила баромадан худидоракуниро аз даст намедиҳанд.

Саволи чордаҳум: “*Шахсан ба Шумо мактаб ва муносибати омӯзгорон писанд аст?*”

Аксарияти наврасдухтарон ҷавоби мусбӣ доданд. Аммо баъзе наврасон, яъне аз 20 то 30%-и наврасони 13 ва 16-сола ингуна мешуморанд, ки қисман писанд меояд. Онҳо фикри худро чунин баён намуданд: “баъзе муаллимон психикаи бачаро намефаҳманд ва аз ин ҳолат хоҳиши мактабравӣ нест мешавад”. Агар дар саволи дувоздаҳум муносибати устодон ба шогирдон дар мактаб буд ва бешатри наврасдухтарон посухи мусбӣ доданд, дар саволи чордаҳум бошад, муносибати наврасон ба устодоро дида

мебароем, ки он мисли оина акс медиҳад. Натиҷаи пурсиш чунин шуд, ки боз аз 25 то 30% наврасон нисбати мактаб начандон муносибати нағз доранд, яъне дар ин раванд корҳои тарбиявӣ ва иловагӣ барои ислоҳ намудан ва густариш додани муносибатҳо ба сомон расонидан мумкин аст, ки муҳити мактаб барои шогирдон бештар писанд биёяд.

Саволи понздаҳум: “*Ба фикри Шумо барои чӣ наврасон аз мактаб ва ё аз хона мегурезанд?*”

Аз 29 то 65%-и наврасдухтарони 15-16-сола мешуморанд, ки дар оила ва ё дар мактаб якдигарфаҳмӣ вуҷуд надорад. Лекин тахминан 80% наврасони 13-14-сола меҳисобанд, ки наврасон тарбияи нодуруст гирифтанд, аз ин лиҳоз онҳо ҳам аз дарс ва ҳам аз оила мегурезанд. Ҷавоби онҳо ба таври зерин муайян шудааст: “онҳо дарс хондан намехоҳанд; ҳеҷ кас онҳоро гӯш намекунад”. Фоизи посуххои наврасдухтарон доир ба шароити оила ва мактаб, ки боиси гурехтани онҳо мешавад, ки хеле нигаронӣ аст. Чунки дар посуххои дувоздаҳум ва чордаҳум фоизи муносибати наврасон ба мактаб тахминан чоряк ва сеяки посуххоро фаро мегирифт, аммо дар посухи саволи понздаҳум маълум мешавад, ки маҳз якдигарнофаҳмӣ заминаи бадрафтории наврасон мегардад ва ин нишондод боз як маротиба нишон медиҳад, ки заминаи иҷтимоигардии оила мебошад, ки ин ниҳоди иҷтимоӣ мақоми муҳимро дар тарбияи наврасон ишғол менамояд.




**Диаграммаи 4. Муҳити иҷтимоии наврас (дар мактаб)**

**Ҷадвали 8**

**Худбаҳодии наврас ба ҳолати худ**[1]

| № б/т | Ҳолатҳои воридшавии иҷтимоии наврасписар | 16-сола- 20 нафар | | | 15-сола- 14 нафар | | | 14-сола- 28 нафар | | | 13-сола- 11 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Методикаи худобаҳодиҳии наврас | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % |
| 16 | *Майл ба каҷрафторӣ* | 90 | - | 10 | 100 | - | - | 100 | - | - | 100 | - | - |
| 17 | *Худидоракунӣ* | 30 | 65 | 5 | - | 100 | - | 11 | 89 | - | 27 | 73 | - |
| 18 | *Масъулият ва хештаншиносӣ* | 95 | - | 5 | 100 | - | - | 92 | 8 | - | 100 | - | - |
| 19 | *Суханронии қабеҳ* | 10 | 80 | 10 | 7 | 93 | - | 14 | 82 | 4 | - | 100 | - |
| 20 | *Талабот ба дастёрӣ* | 20 | 40 | 40 | 14 | 86 | - | 12 | 84 | 4 | 26 | 64 | 10 |

Саволи шонздаҳум: “*Шумо ба носу сигоркашӣ майл доред?*”

Наврасдухтарон ба носу сигоркашӣ майл надоранд ва фикри худашонро чунин баён карданд: “ман ин чизҳоро бад мебинам, чунки ин чизҳо ба одам зарари калон дорад”. Аммо дар байни духтарони 16-сола, ки аз оилаи миёнаҳоли боло мебошанд, баъзеҳошон майл ба сигоркашӣ доранд. Умуман, дар байни наврасдухтарон нисбати сигоркашӣ ва носкашӣ умуман, одат нашудааст, ки ҳоло таъсири оилаи тоҷик арзишҳои худро нигоҳ доштааст ва ба наврасон хислатҳои некро бештар тарбия кардааст. Лекин доир ба якдигарфаҳмӣ дар оила тахминан нисфи наврасон посухи манфӣ додаанд, ки дар оянда бештари наврасон шояд ба сигоркашӣ даст зананд. Чунки ҳангоми душвории якдигарфаҳмӣ наврасро ба одатҳои ганда мебарад.

Саволи ҳабдаҳум: “*Шумо худатонро идора карда натавониста, тез асабонӣ мешавед?*”

Аксарияти наврасдухтарон чунин меҳисобанд, ки “ҳангоми асабонӣ худашонро идора карда метавонанд”. Аз 10 то 30%-и наврасон худашонро идора карда натавониста, асабонӣ мешаванд ва хусусан, наврасдухтарони 16-

[1] Саволҳои аз шонздаҳум то бистум худбаҳодиҳии наврасонро фаро мегирад

сола фикрашонро чунин баён карданд: “баъзан идора карда наметавонам ва мусиқӣ гӯш мекунам; дар як кунҷи хона менишинам ё ки мусиқӣ гӯш мекунам”. Ҳангоми саволгузорӣ дар навбати мушкилии равонӣ наврасдухтарон чунин посух дода буданд, ки гӯшанишинӣ, сайру гашт, мусиқиро гӯш мекунанд, аммо баъзе аз онҳо дар посухи худ гуфта буданд, ки ба “худо муроҷиат мекунам”, ки фоизи чунин гӯшанишинӣ дар байни 16-солаҳо бештар дида мешавад. Чунин нишона онро баён менамояд, ки бештари наврасон аз як тараф майли худидоракуниро доранд, аммо аз тарафи дигар онро эътироф менамоянд, ки аз тарафи волидон бештар зери назорати ҷиддӣ ҳастанд. Бинобар ин, чунин зиддият дар раванди тарбияи наврасон, махсусан, дар байни наврасони 16-сола бештар дида мешавад. Раванди муносибати волидон ва наврасон, устодони мактаб ва наврасони синни 16-сола бештар нигаронӣ дида мешавад, ки бояд дар ин раванд шароити якдигарфаҳмӣ ва муносибати дӯстона барпо кард.

Саволи ҳаждаҳум: “*Ҳисси масъулият ва хештаншиносӣ аз назари Шумо дар чист? Шумо то кадом андоза ин меъёрро риоя мекунед?*”

Ҳангоми ба саволи гузоштаи пурсишнома посух додан, қариб ҳамаи наврасон ҷавоби якумро интихоб карданд: “эҳтироми бузургон, оқибати кори хешро андешидан, масъулият ҳис намудан”. Аз ин ҷо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки қариб дар ҳамаи наврасон ҳисси хештаншиносӣ баланд мебошад. Аз тарафи дигар, боз онро ишора намудан лозим аст, ки наврасон нисбати калонсолон низ эътирому ҳурмати калон доранд. Дар чунин шароит наврасон, новобаста аз камбудиҳои раванди муносибат, дар оила, мактаб ва ҷомеа дар онҳо ҳангоми мушкилӣ аз калонсолон гила надоранд ва эҳтироми онҳоро дар ҷояш мегузоранд. Аммо чунин посух низ ҷой дорад: “ҳеч кас хубиро намефаҳмад, ин дунё партовгоҳ ва ифлос аст”, ки муносибати беҳад манфиро нишон медиҳад.

Саволи нуздаҳум: “*Шумо суханҳои қабеҳро дар муошират бо дӯстон истифода мебаред?*”

Тахминан аз 80 то 90%-и наврасони 13-16-сола суханҳои қабеҳ ва таҳқиромезро истифода намебаранд. Аммо тахминан аз 10 то 20%-и онҳо ҷавоби мусбӣ доданд, яъне духтарони 16-сола суханҳои қабеҳро истифода мебаранд ва фикри худашонро чунин баён карданд: "ҳақорати адабиро истифода мебарам; баъзан, агар ба иззати нафси ман расанд". Дар ҷамбаст кардани посухҳо чунин нишондоро дида мумкин аст, ки байни духтарон истифодабарии суханҳои сахт ва қабеҳ камтар дида мешавад, аммо наврасдухтарони 16-сола тахминан 20% суханони қабеҳро истифода мебаранд. Лекин мазмуни чунин суханон ба истифодабарии писарбачаҳо монандие надорад.

Саволи бистум: "*Ба фикри Шумо баҳри баланд бардоштани шароити зисти наврасон ва қобилияти онҳо чӣ корҳоро бояд ба субот расонид?*"

Аз 10 то 20%-и наврасон бар он ақида ҳастанд, ки барои баланд бардоштани шароити зист ва қобилияти онҳо волидон бо маблағ таъмин намоянд. Аммо то 80%-и наврасон чунин меҳисобанд, ки падару модарон шароити беҳтарро бунёд созанд, ба мисли илмомӯзӣ. Дар байни наврасон ин масъала чунин баён ёфтааст: "бояд волидайн тамоми шароитро муҳайё намуда, ба инкишофи кӯдак халал нарасонанд; аввал бояд муомилаи хуб кард ва фикри онҳоро низ дар назар дошт, баъд ба марказҳои такмили хосташон раванд; намедонам, ҳар кас ҳар хел кор мекунад; ҳар кас бояд аз болои худаш кор кунад ва ба мақсадаш расад; дар замони ҳозира ҳама чиз ба воситаи пул ҳал карда мешавад; наврасон бояд хонанд, дар оянда азоб намекашанд; ба марказҳои забономӯзӣ рафта, забонҳои хориҷиро омӯзанд; ба онҳо кумак расонидан лозим аст. Бисёртар давлатҳое, ки ҷанг меравад, ҷанг накунанд, оқибат бисёр одамон вафот мекунанд. Ҷанг аз ҳама чизи бад аст. Дар сулҳ зиндагӣ кунанд. Муаллимон дод назананд, якдигарро фаҳманд. Аммо дунёи мо ифлос, ҳама якдигарро бад мебинанд, ин ҳеҷ вақт тағйир намеёбад, барои ҳамин ин тест бефоида, инро ҳама хонда хоҳу нохоҳ аз ёд мебароранд; ба хоҳиши фарзанд нигоҳ кардан; ба фарзанд аввал тарбияи дуруст додан даркор". Натиҷаҳо дар диаграммаи зерин нишон дода шудааст.



| | Майл ба качрафторӣ | Худидоракунӣ | Масъулият ва хештаншиносӣ | Суханронии қабеҳ | Талабот ба дастёрӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 16-сола | 90% | 30% | 95% | 95% | 95% |
| 15-сола | 100% | 0% | 100% | 7% | 14% |
| 14-сола | 100% | 11% | 92% | 14% | 12% |
| 13 сола | 100% | 27% | 100% | 0% | 26% |

**Диаграммаи 5. Худбаҳодии наврас ба ҳолати худ**

Хулосаи умумӣ дар ин маврид чунин аст, дар се ҷадвали пешкашшуда методи индуктивӣ ва оморӣ истифода шуда, дар ҷамбаст ҳангоми муқоисаи ҳар як ҷадвал ба чунин хулоса омадем, ки тахминан нисфи наврас-духтарон ба касбомӯзӣ машғул мебошанд ва он барои дарёфти касби оянда лозим мешавад. Дар рафти чунин пурсиш, инро низ зикр намудан лозим аст, ки наврасдухтарон аз тарафи оила ва хешовандон дастгирӣ меёбанд, аммо дар навбати худ онҳо боз мустақилиятро низ ситоиш мекунанд, ки барои дарёфти ҳалли масъала бештар худашон роҳи онро ёбанд, аммо бештари духтарони то 16-сола аз падару модар бештар дастгириро ҳис мекунанд. Боз онро ишора кардан лозим аст, ки тахминан нисфи духтарони навраси аз оилаи миёнаҳоли боло барои густариш додани дониши худ ва дар оянда ба донишгоҳ дохил шудан малакаи худро дар имломӯзӣ, дарсҳои иловагӣ сарф мекунанд.

**Муайян кардани андешаи наврасписарони аз 13 то 16-сола доир ба шароити ахлоқӣ ва иҷтимоии оила ва мактаб**. Ҳангоми омӯхтани ҳолати равонии наврасписарон ба нуқтаҳои муҳимми шароити равонии онҳо ва муносибат наврас дар оила ва шароити муҳити иҷтимоӣ, ки ба ҳолати равонии наврас бевосита таъсири худро мерасонад, омӯхта мешаванд ва дар

заминаи методи индуксияи амалӣ ва оморӣ ҷамбаст гардида, натиҷабарорӣ карда мешаванд ва дар поён таҳлил ва тавсифи худро меёбанд.

**Ҷадвали 9**

**Ҳолати равонии наврасписар дар оила[2]**

| № б/т | Ҳолатҳои воридшавии иҷтимоии наврасписар | 16-сола- 18 нафар | | | 15-сола- 17 нафар | | | 14-сола- 19 нафар | | | 13-сола- 12 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Методикаи гузаронидани пурсиш | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % |
| 1 | *Дастгирии оила* | 95 | - | 5 | 100 | - | - | 100 | - | - | 92 | 8 | - |
| 2 | *Дарки наврас - равони оила* | 68 | 11 | 21 | 71 | 24 | 5 | 100 | - | - | 84 | 8 | 8 |
| 3 | *Муроҷиат ба шахси боэътимод* | 78 | 11 | 11 | 88 | 12 | - | 90 | 5 | 5 | 84 | 8 | 8 |
| 4 | *Таъмини мустақилият* | 10 | 31 | 59 | 25 | 50 | 25 | 26 | 42 | 32 | 17 | 33 | 50 |
| 5 | *Вазнинии равонӣ* | 17 | 59 | 24 | 12 | 88 | - | 26 | 58 | 11 | 25 | 75 | - |
| 6 | *Ҳисси меҳрубонӣ* | 100 | - | - | 100 | - | - | 100 | - | - | 92 | 8 | - |
| 7 | *Пазироии дархости наврас* | 79 | 16 | 5 | 88 | 12 | - | 74 | 16 | 10 | 92 | 8 | - |
| 8 | *Инкишофи зеҳнии наврас* | 42 | 47 | 11 | 53 | 41 | 6 | 76 | 19 | 5 | 58 | 42 | - |
| 9 | *Машғулияти инфиродии наврас* | 53 | 21 | 26 | 59 | 41 | - | 68 | 27 | 5 | 50 | 42 | 8 |

Шумораи умумии анкетаҳо чунин мебошад:

Наврасписарони 13-сола - 12 нафар;

Наврасписарони 14-сола - 19 нафар;

Наврасписарони 15-сола - 17 нафар;

Наврасписарони 16-сола - 19 нафарро ташкил медиҳанд.

Саволи якум чунин аст: *“Баҳри комёб гардидан ба натиҷаҳои назаррас оилаатон ба Шумо кумак мерасонад?”*

Қариб ҳамаи наврасписарон чунин меҳисобанд, ки дар оила онҳоро комилан дастгирӣ менамоянд ва якдигарфаҳмии волидон ва наврасон мавҷуд аст. Ба ин намуди посух онҳо боварии комилро ба волидони худ баён намудаанд.

---

[2] Дар ҷадвали чорум натиҷаҳои буҳогузории наврасписар ба шароити оила дида баромада мешавад, ки саволҳои аз якум то даҳумро фаро мегирад.

Саволи дуюм чунин аст: *“Дар оилаи Шумо кӣ бо дарёфти маблағ бештар машғул аст?”*

Наврасони 13-14-сола чунин мешуморанд, ки ҳар ду волидон кор мекунанд ва бештар бо дарёфти маблағ машғул ҳастанд. Аммо тақрибан 30%-и наврасони 15-16-сола чунин мешуморанд, ки дарёфти маблағ аз тарафи падар ба субот расонида мешавад. Баъзе аз наврасон доир ба ин масъала чунин ҷавоб доданд: “бештар бибиам маблағ ба даст меорад, модару бародар, падар, аъзои оила”. Аз ин посух маълум мешавад, ки дар баъзе оилаҳо тахминан аз 20 то 25% дарёфти маблағ ба уҳдаи модар ва дигар аъзои оила вогузошта шудааст. Лекин дар оилаи мардуми шаҳрӣ 70-80% волидайн бо кор машғул мебошанд, ки дар ин маврид муносибати волидон ва наврасон дар фосилаи рӯз канда ва наврасон ба ҳоли худ гузошта мешаванд.

Ба пурсиши сеюм: “*Дар ҳолатҳои посух наёфтан ба суолҳои худ Шумо ба кӣ бештар муроҷиат мекунед?”*

Аз 10 то 15% наврасон аз дӯстони наздикашон маслиҳат мегиранд. Наврасони 16-сола дар баъзе мавридҳо ҷавобҳои лозимиро тавасути шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет -“гугл” меҷӯянд. Лекин боқимонда аз бузургон, яъне падару модар, калонсолон маслиҳат мегиранд. Дар ин ҷо дида мешавад, ки наврасон барои дарёфти масъалаи мушкили мустақилияти худро надошта, аз волидон ва калонсолон вобаста мебошанд. Танҳо камтари онҳо мустақилона ба саволҳои худ посух меҷӯянд.

Саволи чорум “*Оё Шумо барои ба даст овардани маблағ иловатан бо ягон кор машғул ҳастед?”*

Тахминан то 26%-и наврасон ҷавоби якумро интихоб намуданд, яъне онҳо бо меҳнати инфиродӣ машғул ҳастанд. Аз ин ҷо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо бештар бо касбомӯзӣ машғул мебошанд. Тахминан 40%-и наврасони 13-сола чунин ҷавоб доданд, ки “кор намекунам”.

Аз 40 то 50% наврасони 16-сола бошад, чунин посух доданд: “кор намекунам, мехонам, таҳсили иловагӣ, дар мактаб таҳсил мекунам”. Тақрибан 25 то 40%-и наврасписарон кор намекунанд, яъне онҳо бо хондан

машғул ҳастанд. Аммо 20%-и онҳо бо таҳсили иловагӣ баҳри дар оянда дохил шудан ба донишгоҳ машғул ҳастанд. 26%-и наврасони 15-сола бо меҳнати инфиродӣ машғул ҳастанд, яъне касбомӯзӣ мекунанд. Онҳо чунин посух доданд: “ба сартарошхона ба шогирдӣ меравам, шогирди назди амакам бемаблағ меравам”. Қариб 50%-и наврасон дар ҳеҷ ҷо кор намекунанд. Дар ин посух чунин сурат дида мешавад, ки танҳо 26% наврасон барои кор ва ҳунаромӯзӣ машғул мебошанд, аммо 20% аз тамоми наврасон доир ба давом додани хониши худ ба дарсомӯзии илова банд мебошанд, яъне на ҳамаи наврасон хоҳиши давом додани хониши пас аз мактаб дар донишгоҳро доранд. Боқимонда наврасон, умуман, доир ба омӯзиши касбу ҳунар ягон андешае надоранд.

Саволи панҷум “*Дар ҳолатҳои вазнинии равонӣ Шумо чӣ кор мекунед?*”

Қариб аз 10 то 25%-и наврасон ҷавоби якумро интихоб карданд, яъне онҳо дар ҳолати вазнинӣ танҳоиро меҷӯянд. Посухи онҳо чунин аст: “мусиқӣ гӯш мекунам, роҳи ҳалро меёбам, аз Худо ёрӣ металабам”. Аз посухи наврасон маълум мешавад, ки доир ба муносибати дохили оила байни наврасон ва волидон як намуди нофаҳмӣ ва мушкилӣ ҳаст, ки наврас барои аз ҳолати мушкилии равонӣ баромадан ба ҳоли худ дода мешавад, аммо аксари онҳо ба хешовандони худ, падару модар муносибати хуб доранд. Дар оилаи мардуми шаҳр аз се як ҳиссаи он муносибати наврас ба ҳоли худ гузошта мешавад. Агар дар саволи сеюм доир ба маслиҳат пурсон шудан наврасон тахминан то 15% аз дӯстонашон маслиҳат пурсанд, дар саволи панҷум шароит камтар равшантар мегардад ва 20% аз шумораи наврасони ба ҳоли худ дода шуда, ҳангоми мушкилӣ ба гӯшанишинӣ, мусиқӣ, ё умед аз Худо, аз калонсолон маслиҳат намегиранд.

Аммо, тахминан, ба ҳисоби миёна то 70%-и онҳо аз бузургон - падару модар, бобою бибӣ маслиҳат мепурсанд, яъне ин посух нишон медиҳад, ки аксари наврасон ҳангоми мушкилии равонӣ аз волидонашон, бузургон посух, кумак интизор мебошанд.

*Саволи шашум: "Шумо меҳру муҳаббати наздиконро чӣ тавр дарк мекунед?"*

Аксарияти наврасон ҷавоби мусбӣ доданд, яъне аз падару модар муҳаббати хосса ва меҳрубониро мушоҳида карда метавонанд. Наврасон мешуморанд, ки дар оила онҳо бегона нестанд. Дар муқоиса бо саволи панҷум ва шашум дида мешавад, ки агар 20% наврасон ҳангоми мушкилии равонӣ ба гӯшанишинӣ равона бошанд, аммо дар посухи шашум дида мешавад, ки аз модару падаронашон меҳри хоссаро ҳис мекунанд. Ҳол он ки агар чунин посух дода шавад, пас аксарияти наврасон набояд гӯшанишинӣ кунанд. Наврасон ба пурсиши рост посухе доданд, ки боварии комил аз волидон муҳаббатро интизор аст, аммо нияти гӯшанишинӣ аз чунин муҳаббат гувоҳӣ намедиҳад. Наврасон ба пурсишҳо посухҳои зид медиҳанд. Ҳангоми пурсиш боз маълум мешавад, ки дар байни наврасони то 13-сола ятимон низ ҳастанд, ки аз муҳаббати падару модар маҳрум ҳастанд ва онҳо ин ҳиссиётро кушоду равшан баён карданд.

*Саволи ҳафтум: "Дар оилаи Шумо фикру дархости фарзандонро мепазиранд?"*

Тахминан аз 10 то 16%-и наврасон мешуморанд, ки дархости онҳоро қисман мепазиранд. Онҳо чунин посух доданд: "агар фикр писанд ояд қабул мекунанд, ҳа қисман қабул мекунанд".

Аммо 80%-и онҳо боварии комил доранд, ки падару модарашон онҳоро комилан дастгирӣ мекунанд. Ҳангоми муқоиса кардани посухи шашум ва ҳафтум ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ин ҷо норасоӣ дида мешавад. Аз ин мебарояд, ки дар оила ҳам тахминан 20%-и наврасон меҳру муҳаббати хоссаро ҳис намекунанд. Байни пурсиши панҷум ва ҳафтум монандӣ дида мешавад, ки гӯшанишинӣ ва қисман дастгирӣ ёфтани пешниҳоди онҳо аз тарафи волидон нишонаи тахминан 25% наврасон дар ҳолати ногувор ва танҳоӣ мебошанд, ки аз тарафи волидон дастгирӣ карда намешавад. Агар варианти посух чунин дода мешуд, ки волидон умуман дастгирӣ намекунанд, эҳтимол наврасон онро камтар ё пурра дастгирӣ

намекарданд. Локин “қисман дастгирӣ мекунанд” бештар нармтар мебошад, ки барои мутахассис ин намуди посух кифоя мебошад, ки мақоми наврас дар оиларо дурустар маънидод карда тавонад. Сипас 25% наврасон дар оила дар басёр маврид бо волидон якдигарфаҳмиро надоранд.

Саволи ҳаштум: “*Ба инкишофи зеҳнии Шумо кӣ бештар аҳаммият медиҳад?*”

Ба шумораи миёна тахминан 50% навраcписарон чунин меҳисобанд, ки нерӯи зеҳнии хешро худи наврасон имконияти инкишоф доданро доранд. Яъне дар ин ҷо бештар мустақилияти наврасон ба назар мерасад, онҳо аз паи инкишоф додани қобилияти зеҳнии худашон ҳастанд. Ҳангоми фикри худро баён кардан, онҳо ба таври иловагӣ чунин посух медиҳанд: “худам қобилият дорам, ҳаракат мекунам, падару модарам кам-кам ва худам мустақил ҳастам”. Аммо 50%-и наврасон мешуморанд, ки бо кумаки волидон онҳо ба дарсҳои иловагӣ мераванд.

Вақте ки посухи ҳафтум ва ҳаштумро муқоиса менамоем, маълум мешавад, ки ташаббуси наврасон барои густариш додани нерӯи зеҳнии эшон дастгирӣ меёбад.

Саволи нуҳум: “*Дар вақти холиатон бо кадом кор машғул ҳастед?*”

Аз 20 то 40%-и наврасон дар вақти холигӣ ба ҳунаромӯзӣ машғул мебошанд. Боқимонда бо китобхонӣ, забономӯзӣ, бо варзиш машғул шудан вақти холиии худро мегузаронанд.

Аз посухи наврасони аз оилаҳои сарватманд ва миёнаҳоли боло чунин шароитро мушоҳида кардан мумкин аст, ки бештари онҳо ба омӯзиши илмҳо ва забономӯзӣ машғул мебошанд. Онҳо чунин ҷавоб доданд: “дарси иловагӣ меравам, бо варзиш машғул ҳастам, падару модар ёрӣ мерасонад, тестҳо аз фанни химия, биологияро меомӯзам, тамошои филмҳо”. Дар посухи саволи ҳаштум наврасон бо ин иродаи комил ишора карданд, ки онҳо қобилияти зеҳниро мустақилона худашон густариш медиҳанд ва бинобар ин, дар саволи нуҳум онҳо низ вақти худро бо машғулиятҳои дилхоҳ мегузаронанд.

Натиҷаҳои ҳолати равонии наврасписар дар оила дар расми №6 нишон дода шудааст.




**Диаграммаи 6. Ҳолати равонии наврасписарон дар оила**

Ҳангоми муқоиса намудани саволҳои чорум, ҳаштум ва нуҳум чунин ҳолат ба назар мерасад, ки аз 25 то 40%-и наврасони аз оилаҳои коргар ва миёнаҳоли поён бештар ба ҳунаромӯзӣ ва касбомӯзӣ машғул ҳастанд.

Шароити равонии наврасписарон нисбат ба наврасдухтар камтар фарқият дорад ва барои чунин тафовутро нишон додан лозим дониста шуд, ки муҳити иҷтимоии ӯро ба инобат гирем, ки ба равони наврас таъсири худро мерасонад. Яке аз чунин муҳити иҷтимоӣ мактаб аст. Барои ин ҷадвали дуюм нишондодҳои зеринро дорад.[3]

**Ҷадвали 10.**

**Муҳити иҷтимоии наврасписар (дар мактаб)**

| №б/т | Ҳолатҳои воридшавии иҷтимоии наврасписарон | 16-сола-19 нафар | | | 15-сола-17 нафар | | | 14-сола-19 нафар | | | 13-сола-12 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Методикаи муайян намудани муҳити равонии наврас берун аз оила | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % |
| 10 | *Шавқи омӯзиши фан* | 89 | 11 | - | 100 | - | - | 63 | 21 | 16 | 75 | 17 | 8 |

[3] Саволҳои аз даҳум то шонздаҳум ба чунин методика бахшида шудаанд.

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | *Майли дарсхонӣ* | 47 | 16 | 37 | 65 | 29 | 6 | 74 | - | 26 | 50 | 50 | - |
| 12 | *Наврас ва омӯзгор* | 100 | - | - | 100 | - | - | 68 | 32 | - | 92 | 8 | - |
| 13 | *Назорати волидайн* | 84 | 11 | 5 | 94 | 6 | - | 74 | 26 | - | 75 | 25 | - |
| 14 | *Писанди наврас, мактаб ва омӯзгор* | 95 | 5 | - | 76 | 24 | - | 95 | 5 | - | 83 | 17 | - |
| 15 | *Гурехтан аз муҳити иҷтимоӣ* | 21 | 63 | 16 | 29 | 71 | - | 47 | 53 | - | 34 | 58 | 8 |

Саволи даҳум: “*Кадом фанҳо ба Шумо бештар маъқул аст?*”

Тахминан 80%-и наврасони аз 13 то 16-сола фанҳои дақиқро интихоб карданд, аммо 20%-и онҳо илмҳои гуманитариро интихоб карданд, яъне ба фанҳои забон ва адабиёти тоҷику рус, омӯхтани забони хориҷӣ, таърих бештар майл доранд. Азбаски пурсишнома дар байни мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳрӣ гузаронида шуд, маълум гардид, ки наврасони дар шаҳр истиқоматдошта бештар ба фанҳои дақиқ ва информатикаву техникӣ хоҳиш ва қобилият доранд. Ин нишондоди он аст, ки наврасони шаҳрӣ ба сӯи азхуд кардани технологияи нави имрӯза имкониятҳои васеъ доранд.

Саволи ёздаҳум: “*Ба фикри Шумо барои чӣ бархе аз наврасон хоҳиши ба дарс омаданро надоранд?*”

50-75%-и наврасон чунин ақида доранд, ки сабаби ба дарс наомадани наврасон ин баҳри ба даст овардани маблағи иловагӣ машғул гардидани онҳо бо кори пас аз мактаб мебошад. Аммо 25-40%-и наврасон чунин мешуморанд, ки аз дарсҳо чизи навро ёд намегиранд. Ё ин ки боз чунин ҷавоб доданд: “барои он ки онҳо ба бекорӣ машғул ҳастанд, ояндаро фикр намекунанд, проблема пайдо шавад ба дарс намеравад, аз муаллим вобаста, намедонам, саҳархезӣ мушкил аст, чунки шаб хоб намекунам, хуш намебиёд”. Аз ҷавоби наврасон маълум карда шуд, ки тахминан барои нисфи наврасон дар мактаб хондан ва дониш гирифтан ва умуман, ба мактаб омада дониш омӯхтан арзиши пастро ба худ касб намудаанд. Аммо касбомӯзиву ҳунаромӯзӣ ва машғул шудан бо корҳои маблағоваранда арзиши баландро гирифтааст. Дар муқоиса бо саволи нуҳум ва ёздаҳум маълум мешавад, ки

наврасони хусусан 16-сола ба мактаб омаданро намепазиранд ва байни касбомӯзон ва дастгирии онҳо аз тарафи ҳамсинфҳояшон монандӣ дида мешавад. Хусусан, касбҳои сода ва миёнаро интихоб мекунанд, ки барои касбҳои мураккаб, ки дониши олиро талаб мекунад, наврасон тассавуроте надоранд. Сипас, дар байни наврасон доир ба касбҳое, ки дониши олиро талаб мекунад, фаҳмондадиҳиро гузаронидан лозим аст.

Саволи дувоздаҳум: “*Муносибати омӯзгорон нисбати Шумо чӣ гуна аст?*”

Дар умум, наврасписарон ҷавоби мусбӣ доданд, яъне онҳо посух доданд, ки муносибати омӯзгорон бо онҳо хуб мебошад. Аммо аз 10 то 30%-и наврасони 13-14-сола андеша доранд, ки омӯзгорон бо онҳо начандон муносибати хуб доранд. Дар байни наврасони 15-16-сола ҷавоби мусбӣ бештар дида мешавад ва эҳтимол сабаби чунин муносибат дар он аст, ки наврасони 15-16-сола нисбатан боақл, гапдаро, ҷуссаашон тавоно буда, бино бар аксарияти омӯзгорон зан будан, бо наврасписарон суханҳои нек мегӯянд, муносибати дағалона намекунанд, суханҳои қабеҳро истифода намебаранд.

Саволи сенздаҳум: “*Оё волидайн ҳар як қадами Шуморо назорат мекунанд?*”

Тахминан аз 75 то 90%-и наврасон мешуморанд, ки падару модарашон аз болои онҳо назорати ҷиддӣ менамоянд. Хусусан, 25%-и наврасони 13-14-сола чунин мешуморанд, ки онҳо мустиқилияти худашонро таъмин карда метавонанд, худашонро идора карда метавонанд. Аммо наврасони 15-16-сола фикр мекунанд, ки онҳо зери назорати ҷиддӣ ҳастанд. Чунки дар ин синну соли гузариш падару модар вазифаи худро ба таври ҷиддӣ ҳис намуда, аз оқибат ва натиҷаҳои нохуш, ки метавонад ба сари фарзандашон ояд, нигоҳ медоранд. Мисол, баъзе аз наврасони 15-16-сола нисбати масъалаи зикршуда муносибати худро чунин баён карданд: “ҷое, ки меравам, иҷозати падару модарро мепурсам”. Аз болои наврасон назорати волидон ҷиддӣ бошад ҳам, аксарияти наврасон мешуморанд, ки густариши қобилияти зеҳнии онҳоро худашон бештар ривоҷ медиҳанд (нигаред ба саволи ҳаштум), ки дар ин ҷо

масъалаи муносибати волидон ва фарзандон пайдо мешавад. Аз як тараф, наврасон мустақилияти худро баён мекунанд, аммо боз назорати волидонро низ эътироф менамоянд. Ҳол он ки ҳангоми ба мушкилии равонӣ дучор шудан, тахминан 25% наврасон канорнишиниро интихоб мекунанд. Назорати ҷиддии волидони ва канорнишинии фарзандон низ ба якдигар муносиб намешаванд.

Саволи чордаҳум: "*Шахсан ба Шумо мактаб ва муносибати омӯзгорон писанд аст?*"

15-25%-и наврасписарони 13 ва 15-сола мешуморанд, ки муносибати омӯзгорон бо онҳо қисман писанд аст. Онҳо чунин посух доданд: "муаллим дӯғ мезанад". Ин маънои онро дорад, ки наврасони синну соли мазкур дар мактабҳои шаҳр эҳтироми омӯзгорро камтар ба ҷо меоранд. Агар саволи дувоздаҳумро бо ҷавобҳои саволи чордаҳум муқоиса намоем, маълум мешавад, ки маҳз наврасони то 14-сола аз тарафи омӯзгорон муносибати хушро дида наметавонанд ва муносибати наврасон низ ба омӯзгорон посухи баробар дорад. Бояд омӯзгорон нисбати наврасони то 14-сола муносибати худро беҳтар намоянд. Аммо наврасони 16-сола чунин мешуморанд, ки муносибати омӯзгорон бо онҳо писанд аст, чунки чи тавре дар саволи дувоздаҳум посух дода буданд, омӯзгорон ба онҳо муносибати хуб доранд ва чунин посух аз тарафи наврасон низ дида мешавад.

Саволи понздаҳум: "*Ба фикри Шумо барои чӣ наврасон аз мактаб ва ё аз хона мегурезанд?*"

Тахминан аз 20 то 40%-и наврасон ҷавоб доданд, ки дар мактаб ва дар хона якдигарфаҳмӣ вуҷуд надорад. Аммо тахминан 60-70%-и наврасон чунин мешуморанд, ки сабаби асосии дарсгурезӣ дар тарбияи нодуруст мебошад, яъне агар тарбияи дуруст мегирифтанд, онҳо аз мактаб ва ё аз хона намегурехтанд. Дар баъзе мавридҳо аз забони худи наврасон чунин ҷавобҳои иловагӣ дида мешавад: "ба дарс омода нестам, дарсгурезӣ маъқул аст, корҳои зарур дорам". Барои бархе аз наврасон дасргурезӣ ҷолиб аст. Наврасон дар ҷавобҳои худашон масъалаи тарбияро ба таври кушод нишон доданд, яъне

агар интизоми наврасон хуб мебуд, онҳо аз дарс намегурехтанд ва дар дарс иштирок карда, ба омӯзиш машғул мешуданд. Ҳол он ки ҳангоми саволи ёздаҳумро посух додан наврасон изҳор мекарданд, ки тахминан 60 фоизи онҳо бештар барои маблағ дарёфт кардан машғул мебошанд ва барои ҳамин онҳо ба мактаб намеоянд. Аммо дар саволи понздаҳум бештар ба “гурехтан аз мактаб ва хона” гузошта мешавад, ки дар ин маврид наврасон медонанд, ки дарсгурезӣ ва хонагурезӣ худаш бадкирдорӣ аст, ки наврасон тарафдорӣ чунин рафтор нестанд. Бинобар ин, барои наврасон коромӯзӣ нисбат ба дарсомӯзӣ арзиши бештар дорад ва онҳо бекоргардиро намепазиранд.




**Диаграммаи 7. Муҳити ичтимоии наврасписар (дар мактаб)**

**Ҷадвали 11**

**Худбаҳогузории наврас**

| № б/т | Ҳолатҳои воридшавии ичтимоии наврасписар | 16-сола- 19 нафар | | | 15-сола- 17 нафар | | | 14-сола- 19 нафар | | | 13-сола- 12 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Методикаи худобаҳодиҳии наврас | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % | А, % | Б, % | В, % |
| 16 | *Майл ба каҷрафторӣ* | 10 0 | - | - | 94 | - | 6 | 95 | - | 5 | 92 | - | 8 |
| 17 | *Худидоракунӣ* | 21 | 79 | - | 6 | 94 | - | 21 | 68 | 11 | 8 | 92 | - |
| 18 | *Масъулият ва хештаншиносӣ* | 89 | 11 | - | 10 0 | - | - | 95 | 5 | - | 10 0 | - | - |
| 19 | *Суханронии қабеҳ* | 35 | 54 | 11 | 6 | 94 | - | 21 | 79 | - | 17 | 83 | - |
| 20 | *Талабот ба дастёркунӣ* | - | 74 | 26 | 12 | 71 | 17 | 37 | 47 | 16 | 33 | 67 | - |

Саволи шонздаҳум: “*Шумо ба носу сигоркашӣ майл доред?*”

Наврасписарон хеле хуб дарк намуданд, ки сигору нос ба саломатӣ зарар дорад. Аз ин сабаб онҳо ба носкашӣ ва сигоркашӣ муносибати манфӣ дошта, дар посуххои хеш инро нишон доданд. Дар ин ҷо шароити оилавиро қайд кардан лозим аст, чунки 90%-и наврасони 15-16-сола таъкид доштанд, ки дар зери назорати сахт қарор доранд. Аммо фоизи хеле ками наврасон ба носкашӣ ва сигоркашӣ майл доранд. Новобаста аз он ки 70% волидон машғули кор буда, наврасон дар ин фосила дар ҳоли худ мебошанд, ба ҳар ҳол онҳо аз одати бад худро канор мегиранд. Дар давлатҳои Аврупо ва Русия, одатан, наврасони 15-16-сола хеле барвақт ба майнӯшӣ ва сигоркашӣ майл пайдо мекунанд, аммо дар ҷомеаи мо бештар одатҳои оилаи анъанавӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки ҳоло наврасон тарбияи калонсолонро ҳис мекунанд.

Саволи ҳабдаҳум: “*Шумо худатонро идора карда натавониста, тез асабонӣ мешавед?*”

Тахминан аз 10 то 20%-и наврасон эътироф карданд, ки онҳо асабонӣ мешаванд. Баъзе аз онҳо ҷавоб доданд, ки “қисман асабӣ мешавам, дар баъзан вақт ман ягон касро мезанам”. Ин маънои онро дорад, ки на ҳамаи наврасон худро идора карда метавонанд. Ба ҳар ҳол агар дар давраи муосир бештари наврасон дар зери таъсири Интернет бошанд, аммо ҳангоми вайрон шудани димоғи онҳо кайфияти дигар кас осеб намебинад.

То 80%-и наврасон посух доданд, ки худро идора карда метавонанд, яъне ҳангоми асабонӣ шудан ба рафторҳои ношоям даст намезананд ва вобаста ба саволи панҷум, ки посухи гӯшанишинӣ тақрибан 30%-ро ташкил медиҳад, боз онро тақвият медиҳад, ки ин шумораи наврасон ҳангоми асабонӣ шудан ва наёфтани посухи муносиб ба калонсолон низ муроҷиат намекунанд. Пас чунин хулоса бароварда мешавад, ки дар байни наврасони аз 13 то 14-сола ҳангоми асабонӣ шудан, онҳо гӯшанишиниро интихоб мекунанд, ки он ҳам як намуди оромона рафтор карданро нишон медиҳад.

Саволи ҳаждаҳум: “*Ҳисси масъулият ва хештаншиносӣ аз назари Шумо дар чист? Шумо то кадом андоза ин меъёрро риоя мекунед?*”

Дар асоси пурсишнома ба чунин хулоса омадан лозим аст, ки дар байни наврасон ҳисси масъулият ва хештаншиносӣ, эҳтиром нисбати Ватани хеш ва бузургон, ватанпарвариву ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, якдигарфаҳмӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Чунин савол, ки барои муайян кардани ҳисси одоби ахлоқи наврасон равона мебошад, нишонаи фаҳмо будан ва ба масъалаҳои муҷаррадӣ, фалсафӣ ва сиёсӣ наврасон низ дуруст сарфаҳм мераванд. Дар байни онҳо ягон кас посух надод, ки ватанпарварӣ як ҳисси бад ва зиёновар мебошад ва мисли манфиатҳои барои ёфтани ҳаёти беҳтар ба хориҷа мерафтагӣ нестанд, яъне дар зеҳни онҳо андешаи ба мусофирӣ рафтан пайдо нашудааст.

Саволи нуздаҳум: “*Шумо суханҳои қабеҳро дар муошират бо дӯстон истифода мебаред?*”

Аксарияти ҷавобҳои наврасон нисбати истифодаи суханҳои қабеҳ дар муошират бо дӯстон ба таври мусбӣ арзёбӣ гардид, яъне онҳо истифода намебаранд. Аммо аз 20 то 35%-и наврасон таъкид доштанд, ки қисман суханҳои ноҷо ва қабеҳро дар муошират бо дӯстон истифода менамоянд ва чунин ҳолат дар ҳама синну соли наврасӣ дида мешавад. Хусусан, фоизи бисёр дар байни наврасони 16-сола ба назар мерасад. 35%-и наврасони 16-сола чунин қайд намуданд: “баъзе-баъзе, дар ҳолати зарурӣ”.

Саволи бистум: “*Ба фикри Шумо баҳри баланд бардоштани шароити зисти наврасон ва қобилияти онҳо чӣ корҳоро бояд ба субот расонид?*”

Тахминан 70%-и наврасон посух доданд, ки барои такмили дониш ва забономӯзӣ бештар майл доранд, 37%-и наврасони 13-14-сола ақида доранд, ки барои баланд бардоштани шароити зисти онҳо бояд бо маблағ таъмин гарданд. Бар илова, ба посухҳои рӯйрост, наврасон боз нигоҳи худро баён карданд: “волидайн бояд ба онҳо кумак расонанд, назорати ҷиддӣ, тарбияи хуб, шароитро беҳтар созанд, маблағ таъмин намудан, бо варзиш машғул шудан лозим”. Аз ин ҷавоби наврасон маълум мешавад, ки фоизи бисёри

онҳо барои гирифтани маълумот ва ҳунар бештар аз волидони худ интизор мебошанд. Дар байни онҳо боз масъалаи назорат ва тарбияро низ таъкид мекунанд. Пешниҳодҳои ҷолибро низ баъзе аз наврасон карданд, ки талаботи онҳо бояд қонеъ гардад: “интернет арзон шавад”.

Тахминан 60-70%-и наврасони 16-сола чунин мешуморанд, ки барои қобилияту малакаи онҳоро баланд бардоштан, илмомӯзӣ, донишомӯзӣ, беҳтар кардани шароити зист аз тарафи волидон, ҷомеа ва давлат таъмин карда шавад. Наврасон дар ин ҷо шароитҳои иҷтимоии мусоидро таъкид месозанд, ки ба онҳо барои ташаккули ҳамаҷониба зарур мебошад. Яъне онҳо аз оила, аз мактаб, аз ҷомеа ва аз давлат интизориҳои зиёд доранд. Посухҳои онҳо чунинанд: “ҳар як наврас ояндаи худро фикр карда, ба дигарон дахолат накунад, давлат бояд бо ҷои кор таъмин кунад”.




| | Майл ба касбу ҳунарҳо. | Худидоракунӣ | Масъулият ва худшиносӣ | Суханронии қабеҳ | Талабот ба дастёрӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 16 сола | 100 | 21 | 89 | 35 | 0 |
| 15 сола | 94 | 6 | 100 | 6 | 12 |
| 14 сола | 95 | 21 | 95 | 21 | 37 |
| 13 сола | 92 | 8 | 100 | 17 | 33 |

**Диаграммаи 8. Худбаҳодиии наврас ба ҳолати худ**

Хулосаи зеринро пас аз баррасии пурсишномаи писарнаврасон баровардан мумкин аст, тахминан 60 - 70% наврасон чунин мешуморанд, ки дар оила онҳо зери назорати ҷиддӣ мебошанд, ҳамдигарфаҳмӣ дар оила байни фарзандон ва волидонро наврасон низ эътироф менамоянд. Ҳамин фоизи ҳарду волидон барои дарёфти маблағ банд мебошанд ва наврасон дар ин ҳолати фосилаи рӯз дар ҳоли худ бошанд, пас онҳо дорои худидоракунӣ ҳастанд. Нисбати кору ҳунар писарон бештар дар оилаҳои коргар ва миёнаҳоли поёнӣ мушоҳида карда мешавад, ки онҳо интизом ва ҳисси некию бадиро дар кор мебинанд. Аз тарафи дигар наврасон барои донишомӯзӣ ва

лаёқати худро густариш додан бештар майл доранд. Наврасон аз оилаи худ ва мактаб интизорӣ доранд, ки барои онҳо шароити мусоид омода менамоянд, аммо тахминан сеяки наврасон муносибати худро дар оила ва мактаб начандон медонанд, ки боиси нигарон мебошад.

## 2.4.Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот оид ба муайян намудани муҳити психологии оила ва таъсири он ба ташаккулёбии ҳиссиёти ахлоқии наврасон

Пас аз гузаронидани пурсишнома ва ба даст овардани натиҷаҳои он, машваратҳои психологӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида ва мушкилиҳою муаммоҳои кор бо наврасонро баррасӣ ва ба волидон маслиҳатҳои равоншиносон дода шуд. Пас аз машваратҳои гуногун тасмим гирифтем, ки натиҷагирии пас аз машваратиро боз маротибаи дигар баррасӣ намоем. Дар ин маврид як сол аз байн сипарӣ шуд ва бо иштироккунандагони машварат боз як маротибаи дигар пурсиш гузаронидем.

Барномаи шакл додани тарзи зиндагии солим дар оила дар ҷавонон, ки аз тарафи мо таҳия шудааст, дар рушди фаъолияти таълимӣ дар ҳамаи соҳаҳо аҳаммияти бузург дорад. Акнун мо ба таҳлили натиҷаҳои пас аз коррексия мегузорем: аз миёни ҷавобгӯҳои асосӣ, озмоишгароне, ки ба коррексия ниёз доранд, интихоб шуданд ва натиҷаҳои онҳо таҳлили методикаҳои пеш аз коррексия ва пас аз коррексия бо фарқиятҳои дараҷаи эътимод муқоиса шуданд.

Аввалан, мо ба таҳлили натиҷаҳои муқоисавии гирд гирифташуда тавассути методикаи «Намудоршавии омилҳои солимии равонӣ» мегузорем.

**Ҷадвали 12**

**Таҳлили натиҷаҳои муқоисавии гирд гирифташуда тавассути методикаи «Намудоршавии омилҳои солимии равонӣ» (n=260)**

| **Омилҳо** | **Гурӯҳҳо** | **То тренинг** | | **Баъди тренинг** | | **Фарқиятҳо** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | M1 | S1 | M2 | S2 | T | P |
| Психосоматикӣ | Гурӯҳи таҷрибавӣ **n=25** | 14,2 | 1,6 | 12,6 | 1,7 | -2,5 | 0,05 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Гурӯҳи назоратӣ **n=48** | 14,1 | 1,5 | 13,8 | 1,4 | -1,2 | 0,14 |
| Обсессивӣ-компулсивӣ | Гурӯҳи таҷрибавӣ **n=25** | 13,3 | 1,2 | 11,6 | 1,5 | -2,6 | 0,05 |
| | Гурӯҳи назоратӣ **n=48** | 13,2 | 1,6 | 12,9 | 1,2 | -1,1 | 0,15 |
| Депрессия | Гурӯҳи таҷрибавӣ **n=25** | 14,4 | 1,6 | 12,3 | 1,1 | -2,4 | 0,05 |
| | Гурӯҳи назоратӣ **n=48** | 14,1 | 1,5 | 13,8 | 1,8 | -1,3 | 0,11 |
| Изтиробнокӣ | Гурӯҳи таҷрибавӣ **n=25** | 15,1 | 1,1 | 13,4 | 1,4 | -2,2 | 0,05 |
| | Гурӯҳи назоратӣ **n=48** | 14,8 | 1,4 | 12,1 | 1,9 | -1,1 | 0,16 |
| Фобия | Гурӯҳи таҷрибавӣ **n=25** | 15,8 | 1,5 | 12,6 | 1,7 | -2,1 | 0,05 |
| | Гурӯҳи назоратӣ **n=48** | 15,6 | 1,6 | 13,2 | 1,2 | -1,1 | 0,17 |
| Агрессия | Гурӯҳи таҷрибавӣ **n=25** | 15,7 | 1,3 | 13,4 | 1,4 | -2,3 | 0,05 |
| | Гурӯҳи назоратӣ **n=48** | 15,1 | 1,7 | 14,7 | 1,3 | -1,3 | 0,24 |

Мутобиқи таҳлили натиҷаҳои муқоисавии гирифташуда тавассути методикаи «Намудоршавии омилҳои солимии равонӣ», дар ҳамаи омилҳо фарқиятҳои эътимоднок мушоҳида шуд. Масалан, дар омилҳои «психосоматика» ($t = –2,5$; $p < 0,05$), «обсессив-компулсивӣ» ($t = –2,6$; $p < 0,05$), «депрессия» ($t = –2,4$; $p < 0,05$), «хавотир» ($t = –2,2$; $p < 0,05$), «фобия» ($t = –2,1$; $p < 0,05$) ва «агрессивӣ» ($t = –2,3$; $p < 0,05$) фарқиятҳои аҳаммиятнок муайян шуданд.

Пас аз татбиқи барномаи психокоррексионӣ, ки аз тарафи мо пешниҳод шудааст, дар меъёрҳои «психосоматика», «обсессив-компулсивӣ», «депрессия», «хавотир», «фобия» ва «агрессивӣ» пастшавии дараҷаи баланд намоён шуд. Ин инъикос мекунад, ки пас аз гузаронидани тренингҳо дар озмоишгарон ҳолатҳои монанди агрессия, ташвиш-хавотир гум шуда, пешгирии ба вуҷуд омадани бемориҳои гуногуни психосоматикӣ имконпазир мегардад.

Ҳамчунин, пас аз гузаронидани барномаи психокоррексионӣ, дар гурӯҳи таҷрибавии мо нишонаҳои мубориза бар зидди ҳолатҳои обсессивӣ,

фикрҳо, импулсҳо ва ҳаракатҳо коҳиш ёфтанд. Мутобиқи таҳлили натиҷаҳо, дар озмудашудагон эҳсоси шавқу фаъолият ба зиндагӣ, мотиватсия ва умед ба оянда такмил ёфтааст. Аз ин натиҷаҳо намоён мегардад, ки озмоишгарони мо дар фаъолияти худ қобилияти дуруст идора кардани ҳиссиёт ва ҳаракатҳояшон ва танзими худро ривоҷ додаанд, ки дар вазъиятҳои гуногуни экстремалӣ имкон медиҳанд, ки худро дуруст арзёбӣ кунанд. Ин ҳолат боиси кам шудани дараҷаи «хавотир» гардид.

Таҳлили натиҷаҳо нишон дод, ки пас аз гузаронидани як қатор машқҳои тренингӣ, дар ҳолатҳои ҳиссӣ-эмотсионалии шахс тағйироти мусбӣ намоён шуданд. Дар меъёри «агрессивӣ» низ дар озмоишгарон пастшавии нисбатӣ қайд шуд, ки ин чунин маъно дорад, ки ҳар чӣ меъёри агрессивӣ камтар бошад, саломатии равонии шахс дар сатҳи баланд такмил меёбад. Паст будани меъёри «агрессивӣ» ба таври худкор саломатии равониро таъмин мегардонад.

Терапияи когнитивии идоранамоии рафтор, ки аз тарафи мо истифода шудааст, бо муваффақият малакаҳои кор бо ҳиссиёти ирратсионалӣ ва фикрҳои беасос шакл гирифт. Дар натиҷаҳои гурӯҳи назорат тағйирот мушоҳида нашуд.

Ин ҳолат худи нишондиҳандаи самаранокии барномаи психокоррексионӣ, ки аз тарафи мо пешниҳод шудааст, мебошад.

Илова бар ин, пурсишномаи пешина истифода бурда шуд ва аз волидон саволҳои асосие, ки дар мо муаммоҳо баён карда мешуданд, бештар ба он ҷойи пурсишнома назар кардем. Пурсиши такрори бо ҳамин оилаҳо ташкил карда мешавад. Дар баъзе нуқтаҳо пешравӣ дида мешавад, аммо дар баъзе нуқтаҳои пурсишнома пешравӣ начандон ба назар мерасад.

Доир ба якдигарфаҳмӣ дар пурсиши аввал тахминан 70-75%-и модарон ва падарони 40-сола эътироф карданд, ки байни фарзандон ва волидон қисман якдигарфаҳмӣ ҳаст. Сабаби асосӣ дар он буд, ки бо фарзандони худ вақти заруриро ҷудо намекунанд ва суҳбатҳои дилнишин намегузаронанд. Агар дар пурсишномаи пешина онҳо мегуфтанд, ки

“Якдигарро намефаҳмем зиддиятҳо, нофаҳмиҳо байни ману фарзандам вуҷуд дорад. Ман чи кор карданамро намедонам, бо ӯ чи тавр муносибатро ба роҳ монам? Чӣ кор кунам, ки ӯ мисли пештара ба ҳама гапҳои ман гӯш кунад?” Ба ин монанд саволҳои биёр доштанд модароне, ки фарзандонашон дар синни гузариш қарор дошта ҷавоб медоданд.

Бо ин хел оилаҳо машваратҳо гузаронида шуда буд ва фаҳмонида шуда буд, бояд ба як масъалаи муҳимми ҳам барои наврасон ва ҳам барои волидайн душвор сарфаҳм раванд. Бояд қадру манзалати наврасон, шаъну шарафи онҳоро эҳтиром карда, ба онҳо барои инкишоф додани ҳисси дурусти худбаҳодиҳӣ ёрӣ расонанд. Хусусан, ҳангоми мушкилии руҳӣ дастгирии волидон зарур аст ва пурсиши навбати нишон дод, ки тахминан 5 фоизи онҳо дашномдиҳиро истифода бурданд, ки аз пешина дида натиҷа беҳтар мебошад, аммо фоизи ҷавоби дуюмро интихоб кунандаҳо бисёртар шуд ва он ба 85 фоиз расид. Дар машварати гузаронида шуда ба чунин нуқтаҳо ишора карда шуда буд, ки ҳангоми тағйирёбии ногаҳонии ҳолати руҳии наврасон, волидон бояд дар навбати худ аввал ҳайратро нишон дода, истифодабарии калимаҳои нави онҳо ва ғайраро таҳлил намоянд, ки дар ин ҳолат наврас фикри худро айёнтар ифода мекунад. Дар ин маврид волидон ба фарзандони худ аввал оромиро пеша намоянд ва пас аз он, ба суҳбати самимӣ кашанд. Чунки асабонишавии волидон заминаи каҷрафтории наврасон мешавад, на баръакс. Ба волидон ин ҳолат фаҳмонида дода шуда буд. Ҳамаи масъалаҳои синни наврасиро тез ва ба осонӣ ҳал кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, ҳам волидон ва ҳам наврасон бояд сабуриро пеша карда, корро идома дода, бо якдигар суҳбат кунанд ва якдигарро дӯст доранд. Нисбати саволҳои дуюм, ба чунин натиҷа расида будем, ки роҳи интихоби ҷазо барои аксарияти волидон роҳи ҳалли муаммо шуморида мешуд. Аммо, пас аз суҳбатҳо ва фаҳмондадиҳӣ нишондоди дуюми пурсишнома чунин шуд, ки фоизи роҳи ҷазо камтар мешавад ва он тахминан ба 5 фоиз мерасад. Волидоне, ки мустақилият ва машваратро интихоб намуданд, шумораашон зиёд гардид. Хусусан волидоне, ки бо кӯдакҳояшон машварат ва суҳбат ва

ҳамдигарфаҳмиро интихоб намуданд, бештар гардид. Тағйиротҳои калони дар руҳияи наврас бавуҷудоянда бо ташаккули арзишҳои ахлоқӣ вобаста мешавад. Бо ин нерӯи наврасон бояд эҳтиёткорона муносибат кард, вай роҳҳои боваринок, бохирадона ва солими ифоданамоиро талаб мекунад.

Калонсолонро бештар фаъолӣ ва ғайратнокии наврасон безобита мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки нисбати наврасон роҳҳои манъкуниҳо, фишор, таҳдид, ҷазоро истифода намоем. Аз посухи саволи панҷум маълум мешавад, ки бештар аз 40 фоизи ҳам падарон ва ҳам модарон зӯроварииро интихоб мекунанд. Барои он ки зеҳни фарзанд беҳтар гардад ва равони ӯ ором шуда, роҳи ҳалли муаммоҳоро бештар дарёфт намоянд, машварати шифоҳӣ дода мешавад, ки зӯроварӣ роҳи ҳалли муаммоҳо ва мушкилиҳо намебошад. Пурсиши дубора нишон дод, ки аз роҳи зӯроварӣ даст кашидани волидон мушкил аст, аммо волидон мушкилиҳои пайдошударо бо воситаи зӯроварӣ ҳал намуда хеле камтар шуда, фоизи он тахминан ба 5 фоиз расид. Сабаби истифодабарии фишор, таҳдид ва зӯроварӣ дар он аст, ки ҳоло ҳам волидон боварӣ доранд, ки фишору задани фарзанд роҳи тарбия мебошад. Ба ҳар ҳол, роҳи ҷазоро аллакай камтар волидон интихоб мекарданд, новобаста аз он ки бо онҳо машваратҳои равонӣ ва психологӣ гузаронида шуда буд.

Ба наврасон барои дар ҳаёт сарф кардани қувваашон роҳи дурустро нишон додан лозим аст ва барои волидон чунин маслиҳатҳо дода шуда буданд:

- бояд ба наврасон тарсу бими худро аниқ нақл кунанд;

-наврасон бояд оид ба он чӣ, ки бо онҳо рӯй медиҳад, оид ба тарсҳои худ аз рӯйи виҷдон нақл кунанд ва донанд, ки онҳоро бе танқиду маҳкумнамоӣ гӯш мекунанд;

-волидайн бояд тайёрии худро ба шунидан ва фаҳмидан нишон диҳанд;

-наврасон бояд ба волидайн фаҳмонанд, ки ба ҳамҳиссию ҳамдардии онҳо эҳтиёҷ доранд.

- бояд ба онҳо гӯш диҳанд ва то вақте ки худашон хоҳиш накунанд, ягон маслиҳат надиҳанд.

Вақте ки дар мактабҳо пурсишномаҳоро гузаронидем буданд, наврасоне, ки муаммоҳои ба сарашон омадаро худашон ҳал кунанд. Бо наврасон суҳбати кушод гузаронида шуда буд, ки дар он ҳар як наврас фикри худро нотарсида баён намоянд, ки онҳо аз волидони худ чиро интизор мебошанд. Дар раванди суҳбат маълум гардид, ки волидон ба онҳо эътибор намедиҳанду бо кори худ овораанд. Пас аз чунин суҳбат бо наврасон, бо волидоне, ки дар пурсиши аввал иштирок намуда буданд, машварати равонӣ гузаронида мешавад. Ба онҳо фаҳмонида мешавад, ки фарзандашон дар давраи гузариш қарор дорад ва бояд ба ӯ эътибори ҷиддӣ диҳанд. Бо онҳо ҳамчун падар, модар нею, ҳамчун дӯст бояд муносибат кунанд, то ки аз муаммоҳои (праблемаҳои) онҳо бохабар бошанд. Бо волидони оилаҳо машварат гузаронида, маслиҳатҳои равонӣ дода шуд. Ба онҳо фаҳмонидем, ки дар ин давра, яъне дар давраи гузариш, наврасон бисёртар ба дӯсти худ, ба дугонаи худ дарди дил мекунанд. Барои ҳамин ҳам волидон дар ин давра ҳамчун дӯст ва дугона муносибатро ба роҳ монданаш лозим, то ки имрӯз рӯзи наврасфарзанди ӯ чи хел гузашт, бохабар мешавад. Вақте ки ба сари наврас муаммое ба вуҷуд омад, дарҳол бо падар ё модар масълиҳат мекунад (агар волидайн муносибатро ҳамчун дӯст ва дугона ба роҳ монда бошанд).

Аз гузаронидани суҳбатҳо, пурсишномаҳо маълум гардид, ки бисёрии оилаҳо ба тарбияи наврасдухтар эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Ин дуруст аст, лекин мо бояд фаромӯш накунем, ки аз болои навраcписар низ ҳам тарбия ва ҳам назорати ҷиддӣ бояд кард. Ин давра ҳам ба наврасдухтар ва ҳам ба навраcписар ва ҳам ба волидоне, ки фарзандони наврас доранд ҳассос ба ҳисоб меравад. Мо равоншиносон масълиҳат медиҳем, ки сабуриро пеша кунанд, таҳаммулпазир бошанд, чунки ин давраро ҳар як наврас ҳар хел паси сар мекунад. Яке бухрони равониро ба осонӣ паси сар мекунад, дигаре вазнинтар ва сабаби асосии ин тавр намуди вазнинӣ аз волидони оила

бармеояд. Чунки ҳангоми мушкилии равонии наврас волидон ҳолпурсӣ намекунанд ва кору бори зиндагӣ бештар овора мебошанд.

Аз тадқиқотҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки дар баъзе оилаҳо модарон дар он ақидаанд, ки бояд наврасписаронро падар тарбия намояд. Ин нишондод дар пурсиши дуюм иваз нашуд, аммо тахминан 20% аз модарон чунин фикрро ифода карданд, ки агар онҳо бо фарзанд кушоду равшан суҳбат намоянд, онҳо барои писарнаврас низ маслиҳатҳои муфид мерасонанд.

Аз як ҷиҳат ба фикри онон розӣ шудан дуруст аст. Лекин гап дар сари он меравад, ки мо бо наврас сару кор дорем. Чи хеле ки дар боло қайд кардем, ҳамаи наврасон синну соли наврасиро як хел аз сар намегузаронанд. Баъзеашон хело ҳассос мешаванд, дигарашон бошанд, гапнодаро, боқимонда гапи худро гап мекардагӣ мешаванд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, онҳо мисли кӯдак ба меру муҳаббати модарона ниёз доранд. Он меҳру муҳаббате, ки модар ба фарзанди худ медиҳад, ҷои онро ҳеч кас гирифта наметавонад. Барои ҳамин ҳам, бояд дар тарбияи наврасписар ҳам падар ва ҳам модар якҷоя саҳмгузор шавем, то ки наврасони мо ватандӯсту ватанпарвар ба воя расанд.

Наврас дар давраи гузариш қарор дорад ва ҳолати равонии ӯ ҳам тез-тез тағйир ёфта меистад. Дар ин ҳолат дар пурсишномае, ки мо гузаронида будем, аз ҷавоби падару модарон маълум шуд, ки ҳангоми ҳолати вазнини равонӣ онҳо маслиҳат мепурсанд. Яъне 60%-и онҳо ба маслиҳатҳои бузургон ва равоншиносон ниёз доранд. Дар ин маврид боз ҳамон пешниҳоде карда мешавад, ки барои падарон ва модарон махсус дарсҳои равоншиносонро гузаронидан лозим аст, чунки ҳангоми тарбияи наврас онҳо ба маслиҳати мутахассис муҳтоҷ мебошанд, зеро калонсолон на ҳар вақт маслиҳати мувофиқ дода метавонанд.

Бисёри наврасон ба меҳру муҳаббати волидони худ ниёз доранд. Ҳамзамон, волидон низ ба муҳаббати наврасфарзанди худ ниёз доранд. Инро тадқиқотҳо муайян кард. Ва баъд аз ҷамъбасти пурсишномаҳо дар алоҳидагӣ

бо волидон суҳбатҳо гузаронида, ба онҳо масълиҳатҳои психологӣ дода шуд. Баъд аз чанд вақт он волидоне, ки ба маслиҳатҳои мо гӯш карданду супоришҳои моро иҷро карданд, натиҷаҳо назаррас шуд. Ҳатто пас аз машварати навбатӣ як модар, ки бо ӯ кор карда будам, як рӯз дар кӯча маро дида, омада гуфт: "муаллимаҷон он суханоне, ки шумо гуфтед, ман дар амал ба фарзандам истифода бурдам (духтарам хайр ту ба мактаб рав, аммо ту фикр накун, ки ту танҳо ҳастӣ, ман бо ту ва дили ман бо ту. Ман туро хеле дӯст медорам, гӯён духтарамро бӯса кардам) дар ин вақт аз чашмони духтарам ашк рехт, ин ашки шодӣ буд, ба шумо ташаккур муаллимаҷон, ки ба ман маслиҳатҳои бисёр муфидро додед, то ин дам ман беақл будаму беҳуда ба фарзандам ҳангоми мушкилӣ дод мезадам. Хато будани корамро дарк намудам."

Ҳам падару модар ва ҳам наврасон ба меҳру муҳабати ҳамдигар ниёз доранд. Мисол, вақте ки мо ба ҳамсояамон як коса хӯрок дароз мекунем, ҳамсояамон ана ҳамон косаамонро холӣ бар намегардонад. Ҳамин аст, ки вақте ки волидон ба фарзанди худ меҳру муҳаббатро дар айёми кӯдакиаш диҳанд, дар овони пирӣ ҳамон меҳру муҳаббате, ки дода буд бармегардад. Дар пурсишномаи гузаронидашуда суоле буд ки "Оянда касбу кори фарзандонро Шумо муайян менамоед ё қобилият ва лаёқати фарзандонро ба эътибор мегиред?" Албатта, шумораи волидоне, ки ба лаёқати наврасон бештар назар мекунанд ва мустақилияти интихоби касбро пешбарӣ мекунанд, зиёдтар гардид.

Фарзандон, ки дар синни наврасӣ қарор доранд, онҳо мехоҳанд, ки фикру ақидаи онҳо ба инобат гирифта шавад. Вақте ки ақидаи онҳо ба эътибор гирифта намешавад, онҳо норизо ва қаҳрӣ мешаванду байни наврасу волидон якдигарнофаҳмӣ (низоъ) пайдо мешавад. Чунки дар ин синну сол наврасон ҳам аз ҷиҳати физиологӣ ва ҳам аз ҷиҳати психологӣ дар ташаккуланд ва барои ҳамин мо бо волидони наврасон корбарӣ намуда, ба онҳо фаҳмонидем, ки бояд дар ин синну сол барои якдигарро фаҳмидану аз якдигар норозӣ ва қаҳрӣ нашудан калонсолон, волидон бо наврасон

муносибатро дуруст ба роҳ монанд. Ба шахсият ва равони онҳо фишор наоварда, ҳаракат кунанд, ки бештар онҳо бо волидон розӣ шуда, ба онҳо чун дӯст муносибат намоянд. Хоҳишу дархости онҳоро низ то қадри имкон ба инобат гиранд. Агар хоҳиши онҳоро имконияти иҷро кардан надошта бошанд, ба онҳо бо суханҳои сеҳрнок фаҳмонанд, ки агар имконият пайдо шавад, ҳатман хоҳиши туро иҷро мекунам. Бинобар ин, пас аз суҳбатҳо бо волидон дар пурсиши навбатӣ шумораи онҳое, ки барои наврасони худ мустақилият дар интихоби касб ва давоми хониш дода мешаванд, камтар бошад ҳам, меафзояд. Агар дар пурсиши аввал волидон тахминан аз 45 то 60 фоизро ташкил намояд, дар пурсиши дуюм он аз 55 то 75 фоизро ташкил намуд. ***(Нигаред ба ҷадвали 10).***

Ҳангоми таҳлили ҷавобҳои волидон ба саволи нуҳум маълум буд, ки шумораи волидоне, ки нисбати наврасони худ фишор, дӯғ, тарсониданро истифода мебурданд, бо шумораи волидоне, ки бо фарзанди худ суҳбатҳои самимӣ намекарданд, мувофиқат мекард. Пас аз пурсиши аввал, ки агар шумораи волидон, ки бо фарзандон суҳбатҳои самимӣ намегузаронанд ва бо ҳар баҳона худро канора мекарaданд, шумораи онҳо тахминан то 40 фоизро ташкил мекард. Пас аз машварати равонӣ ва гузашти як сол натиҷаи пурсиш чунин шуд, ки шумораи волидон, ки бо фарзандони худ бо дарёфти вақт ва фурсат суҳбатҳои самимӣ мегузаронанд, афзоиш меёбад ва бо истифодаи имконият, ҳатто барои сайру гашт ба боғҳои истироҳатӣ мераванд.

Ба саволи даҳум, ки шумораи волидон мактабҳои давлатиро интихоб намуда, фикри худро чунин баён менамуданд, ки “дар мактабҳои умумии давлатӣ низ таълиму тарбияи хуб гирифтан мумкин аст”, пас аз пурсиши навбатӣ шумораи волидон, ки мактабҳои давлатиро мепазиранд, иваз нашуд ва аксарияти онҳо сабаби мактабҳои хусусиро дастгирӣ накарданро ба набудани маблағи кофӣ марбут медонанд.

Саволи ёздаҳум нишон дода буд, ки бо устодони мактаб ҳангоми масъалаҳои тарбияи наврасони худ дар тамос мебошанд, шумораи он то 75 фоиз буд, аммо дар пурсиши навбатӣ ин шумора тағйир наёфтааст. Яъне

ҳангоми тарбияи наврасон волидон бо муаллимони мактаб масъалаҳои дар давоми хониш пайдошударо дар якҷогӣ ҳал менамоянд. Бинобар ин, масъалаи назорат аз болои наврасон ҳангоми берун аз хона рафторе намоянд, бояд ҷиддӣ муносибат намоянд, аммо агар дар интихоби касб тахминан 35 фоизи волидон озодии наврасро пазиранд, дар рафтори ҳаррӯзаи онҳо волидон назорати ҷиддиро бештар тарафдор мебошанд.

Дар раванди пурсиши аввалини волидон нишон дода буд, ки то 70 фоизи волидон дар таҳаммулгарой ҳангоми суҳбат бо наврасонашон пешгирӣ мекарданд, аммо боқимондаҳо ҳангоми асабонӣ шудан худро медоштанд, дар пурсиши навбатӣ нишонаҳо камтар тағйир меёбад ва волидони асабонӣ мешудагӣ камтар шуданд. Чунки дар раванди машварат пешкаш карда мешуд, ки волидон ҳангоми асабонӣ шудан бояд чунин намуди суханрониро пешгирӣ намоянд, ки психологҳо ба онҳо маслиҳат медиҳанд: ба ман чунин суханҳоят маъқул нест; барои худат чунин суханҳо маъқул мебошанд? Биё, як маротиба суханҳоятро аз назар гузаронем ва мисли инҳо”. Бинобар ин, маҳорати суханронӣ бояд ба волидон ёд дода шавад, ки дар раванди суҳбат муаммоҳо озодона муҳокима гарданд.

Ҳангоми муоширати байни волидон ва фарзандон бояд масъалаи тарбия чунин гузошта шавад, ки ҳангоми суханронӣ калимаҳои қабеҳ ва вазнинро истифода набаранд, ки он ба равони фарзанд таъсири манфӣ мерасонад ва наврас ба он намуд одат мекунад, ки дар оянда суханони чунин вазнинро истифода мебарад. Ҳангоми пурсиши аввал маълум шуда буд, ки тахминан аз 15 то 30 фоизи волидон суханони вазнину қабеҳ, таҳқиромезро истифода мебаранд, аммо онҳо иқрор мешуданд, ки қисман истифода мебаранд. Дар машварати волидон ба он ишора шуда буд, ки набояд суханони вазнин ва қабеҳ ҳангоми муошират бо наврас истифода баранд ва беҳтар ҳангоми суханронӣ ба мавзуи дигар, ё ба дигар хона равед, ки чунин намуди рафтор имконият медиҳад, ки дар суханронии вазнин худдорӣ карда тавонанд. Пас аз машварат дар пурсиши навбатӣ маълум шуд, ки волидон аз истифодабарии суханони вазнин ва қабеҳ худдорӣ намуда, қариб истифода

намебурдагӣ шуданд. Дар пурсиши аввал маълум буд, ки модарони ҷавон бештар суханони дағал ва қабеҳро истифода мебурданд, аммо пас аз машварат дар пурсиши дуюм онҳо иқрор шуданд, ки суханони вазнинро истифода намебаранд ва худдорӣ мекунанд. Дар суҳбатҳо ба он ишора намудем, ки бештар ҳангоми муошират бо наврасон волидон бештар суханҳои нарм ва самимиро истифода баранд, чунки дар ин ҳолат дар фарзанд имконияти таҳлили рафтори худ пайдо мешавад ва ӯ ҳангоми вазъиятҳои вазнин аз рафтори ношоиста худдорӣ намояд.

Нисбати ояндаи фарзандон дар пурсиши аввал маълум мешавад, ки аз нисф зиёди волидон умедвор ҳастанд, ки фарзандони онҳо соҳиби касбу ҳунар гашта, дар ватани худ кор ва меҳнат намоянд. Пас аз машварат бо волидон ба он ишора карда будем, ки ҳангоми интихоби касб бояд волидон барои фарзандони худ имконияти корҳои нав ва замонавиро нишон диҳанд ва якҷоя барои гирифтани касб ва кори нав кумак расонанд. Хусусан, ба волидон маслиҳат дода шуда буд, ки барои гирифтани маълумоти олӣ фарзандони худро тайёр намоянд ва онҳоро бовар кунонд, ки ҳангоми дар мактабҳои олӣ хондан онҳо дар ягон ҳолат мушкилӣ намекашанд.

Натиҷагирии пурсиши дуюм, ки пас аз як сол бо волидон машварати равонӣ гузаронида шуда буд, шароити беҳтаршавии муносибати волидон ва фарзандон дида мешавад ва онро низ дидан мумкин буд, ки волидон дар рафтори наврасони худ беҳтаршавии муомиларо дида тавонистаанд. Машварати равоншиносон боз як маротиба нишон медиҳад, ки агар дар муоширaт бо наврасон волидон бештар эҳтиёт шаванд ва суханҳои вазнин, қабеҳ, таҳқиромезро истифода набаранд, суҳбатҳои самимиро бештар гузаронанд ва барои фарзандон имкониятҳои бештари мустақилиятро диҳанд, онҳо барои рафтори худро беҳтар намудан ҳаракат кунанд, ба каҷрафтории наврас сабабгор намешаванд. Дар ин ҳолат, аз тарбияи волидон дар оила барои наврасон омилҳои зиёде барои беҳтаршавии равони наврас ва рафтору кирдори шоён дида мешавад. Тарбияи ҳиссиёти ахлоқӣ ва тамизӣ

дар оила бештар аз волидон гирифта мешавад ва набояд волидон дар ин раванд бепарво шаванд.

## Хулосаи боби II

Таҳқиқоти озмоишии мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нишон дод, ки муҳити равонии оилавӣ омили муҳим дар рушди шахсият ва арзишҳои ахлоқии кӯдакон мебошад. Дар асоси таҳлили маълумотҳои эмпирикӣ ва озмоиши муқарраркунанда муайян гардид, ки сатҳи устувории равонӣ, тарзи муошират ва муносибати волидон ба наврасон бевосита ба ташаккули ҳисси масъулият, ҳамдардӣ ва худидоракунии онҳо таъсир мерасонад.

Таҳқиқот бо истифодаи методҳои анкетавӣ, мушоҳидавӣ ва таҷрибавӣ гузаронида шуда, робитаи байни муҳити равонии оила ва рушди ҳиссиёти ахлоқии наврасон бо далелҳои илмӣ асоснок карда шуд. Натиҷаҳои таҳлили гендерии андешаҳои наврасон нишон доданд, ки муносибати падару модар бо писарон ва духтарон фарқияти назаррас дорад. Духтарон бештар эҳсосоти равонӣ ва ниёз ба дастгирии эҳсосиро нишон медиҳанд, дар ҳоле ки писарон бештар ба муносибати фаъол ва модели рафтории равонии устувор тамоюл доранд.

Ҳамзамон, таҳлили муҳити психологии оила нишон дод, ки оилаҳое, ки бо муҳити устувори равонӣ, муносибатҳои самимона ва тарбияи огоҳона фарқ мекунанд, дар ташаккули шахсияти ахлоқии кӯдакон саҳми назаррас доранд. Баръакс, дар муҳити носолими равонӣ, ки дар он низоъҳо ва бетартибиҳои оилавӣ зиёданд, наврасон бештар ба каҷрафторӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ дучор мешаванд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мекунанд, ки оила ҳамчун ниҳоди асосии иҷтимоӣ ва равонӣ дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон нақши калидӣ мебозад. Муҳити оилавӣ бояд ба рушди ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва масъулиятшиносӣ мусоидат намояд, то кӯдакон тавонанд шахсияти комил ва мутобиқ ба талаботи ҷомеа ташаккул диҳанд.

## Хулосаи умумӣ

Аз омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи мавриди назар метавон ба чунин хулоса расид, ки аҳаммияти муҳити солими психологии оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон яке аз муҳимтарин заминаҳо маҳсуб ёфта, дар доираи илмӣ ва бо дарназардошти методҳои наву замонавӣ муайян намудани масъалаҳои мазкур вазифаи асосии илми психологияи иҷтимоӣ мебошад. Таҳлили назариявӣ ва озмоишии мавқеи оила дар муайян намудани сатҳи муносибатҳои оилавӣ, тарзи муоширати аҳли хонавода, раванди таълиму тарбияи волидон, хусусиятҳои асосии муҳити оилавии солим, анъанаҳои тарбиявӣ дар оила ва ҷанбаҳои муҳимтарин марбут ба оила аз омилҳои муҳимми муассир дар рушди шахсияти ахлоқии наврасон заминаи мусоид фароҳам месозад.

Муайян гардид, ки муҳити психологии муошироти дохилиоилавӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии наврасон таъсири мусбат ё манфӣ мерасонад. Оилаҳое, ки бо муҳити солими психологӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва дастгирии ҳиссиётӣ намунавӣ ҳастанд, дар рушди ҳисси масъулият, ҳамдардӣ ва ахлоқи устувори наврасон саҳми назаррас доранд. Аммо, дар оилаҳое, ки номутавозинии психологӣ, низоъҳои оилавӣ ва набудани робитаи самимӣ ба мушоҳида мерасад, боиси зиёд гардидани равоншинохтии ноустувор ва рафтори номатлуби аҳли оила мешаванд.

Аз натиҷаҳои озмоиш маълум гардид, ки гендер ва типи оила (анъанавӣ, эгалитарӣ, нопурра, муаммодор) метавонад ба хусусиятҳои ташаккули ахлоқии наврасон таъсиргузор бошад. Бахусус, дар муҳити оилаҳои баробарҳуқуқ ва эгалитарӣ маълум аст, ки наврасон ҳисси мустақилият ва масъулияти шахсиро бештар инкишоф додаанд. Дар ҳоле, ки оилаҳои дорои низоъҳои зиёд ё назорати аз ҳад зиёд, ба ҳолатҳои стресс ва ихтилофҳои дохилии равонии зиёд рӯ ба рӯ мегарданд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқот аҳаммияти муҳити психологии мусоид ба оилавиро ҳамчун заминаи ташаккули шахсияти ахлоқӣ ва иҷтимоии наврасон тасдиқ намуд. Натиҷаҳои бадастомада зарурати таҳия ва татбиқи барномаҳои

психологии таҳкими робитаҳои оилавӣ ва усулҳои самарабахши тарбияро дар амалияи равоншиносии оилавӣ собит месозанд.

Дар асоси ***вазифаҳои*** гузоштатшуда метавон хулосаҳои зеринро таҳия ва пешниҳод намуд:

1. Муҳити психологии оила ҳамчун муҳити аввалияи иҷтимоишавии шахс ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон таъсири назаррас дорад. Назарияҳои психологияи иҷтимоӣ собит менамоянд, ки муносибатҳои оилавӣ, сатҳи субот ва робитаи байни аъзои он омилҳои калидии рушду такомули шахсияти наврас ба ҳисоб мераванд.

2. Муайян карда шуд, ки намудҳои гуногуни оила, аз ҷумла оилаҳои анъанавӣ, эгалитарӣ, нопурра ва муаммодор ба ҳолати психологии наврасон таъсири назаррас мерасонанд. Оилаҳое, ки бо муҳити солими психологӣ ва муносибатҳои мутавозин намунавӣ ҳастанд, шароитҳои мусоидро дар рушди ҳисси масъулият ва ахлоқи устувор фароҳам меоранд. Аммо, оилаҳои муаммодор боиси ноустувории психологӣ ва ихтилофҳои дохилӣ мегарданд.

3. Худидоракунӣ ва худташкилдиҳии наврасон ба муҳити психологии оила ва тарзи муносибати волидон вобастагии зиёд дорад. Дар муҳите, ки наврасон имконияти рушди худидоракунӣ доранд, ҳисси масъулият ва худтанзимкунии рафтор ташаккули бештар доранд. Аммо, дар оилаҳое, ки муҳити номувофиқ ва стрессҳои доимӣ мавҷуданд, боиси афзоиши каҷрафторӣ ва пастравии меъёрҳои ахлоқӣ мегарданд.

4. Истифодаи равишҳои илмӣ, аз ҷумла пурсишномаҳо, мушоҳида ва озмоишҳои психологӣ, барои омӯзиши таъсири муҳити психологии оила дар рушди ахлоқии наврасон самарабахш будани худро нишон дод. Ҳамчунин, муттаҳид намудани усулҳои эмпирикӣ ва назариявӣ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои дақиқ ва муфид ба даст оварда шаванд.

5. Маълум гардид, ки наврасон вобаста ба сатҳи дастгирии психологии волидон ва дигар аъзоёни оила мавқеи гуногунро дар муҳити оилавӣ соҳиб мешаванд. Истифодаи методҳои эмпирикӣ нишон дод, ки

муҳити психологии оила ва сатҳи ҳавасмандсозии наврасон барои худтакмилдиҳӣ ва ташаккули ахлоқии онҳо аҳаммияти махсус доранд.

6. Волидон ва калонсолони оила (бобою бибӣ) дар ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва одобу рафтори наврасон нақши муассир доранд.

7. Муносибати наврасон бо оила ва муҳити иҷтимоии онҳо аз сатҳи дастгирии психологӣ, муошırати эмотсионалӣ ва ҳузури меҳрубонии волидон низ вобаста мебошад. Дар ҳолатҳое, ки наврас ҳисси бегонагӣ ё фишорро дар муҳити оилавӣ эҳсос мекунад, имконияти пайдоиши рафторҳои девиантӣ ва ихтилофи дохилӣ зиёд мегардад.

8. Муносибати психологии волидон ба эҳсосот ва талаботи ахлоқии наврасон омили калидӣ дар ташаккули шахсияти ахлоқии онҳо мебошад. Волидоне, ки бо усулҳои мусбати тарбия амал мекунанд, муҳити психологии мусоидро фароҳам оварда, дар рушди шахсият ва ҳиссиёти ахлоқии фарзандон саҳми назаррас мегузоранд. Аммо, муносибати сахтгирона, беэътиноӣ ё назорати аз ҳад зиёд метавонанд боиси заиф шудани арзишҳои ахлоқӣ ва пайдоиши мушкилоти психологӣ гарданд.

Ҳамин тариқ, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи мазмун ва ислоҳнамоии ҳолатҳои стрессии шахс хулосаҳои зерин таҳия шудаанд, ки ифодакунандаи дурустии фарзияҳои гузошташуда мебошанд:

1. Муҳити психологии оила як сохтори мураккаби иҷтимоӣ-психологӣ буда, таҳти таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фардӣ ташаккул меёбад. Муносибатҳои эҳтиромомез ва ҳамдигарфаҳмӣ дар оила заминаи рушди шахсият ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасонро фароҳам меоранд. Омилҳои манфӣ, аз қабили низоъҳои оилавӣ, беэътиноии психологӣ ва номувозинатии тарбиявӣ бошанд, рафтори иҷтимоии наврасро тағйир дода, рушди ахлоқии ӯро суст мегардонанд.

2. Муҳити носолими психологӣ дар оила, аз ҷумла низоъҳо, набудани муошırати солим ва тарбияи ғайрисистемавӣ, боиси рушди каҷрафторӣ дар наврасон мегарданд. Дар чунин шароит, наврасон дучори мушкилоти худидоракунӣ ва худташкилдиҳӣ мешаванд, ки ин ба паст шудани сатҳи

ахлоқ ва масъулияти шахсӣ оварда мерасонад. Муҳити мураккаби психикӣ боиси баланд гардидани сатҳи стресс ва ноустувории эҳсосии наврасон мегардад, ки дар навбати худ метавонад ба ихтилофҳои рафторӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намояд.

3. Сатҳи ҳамкории наврасон бо аҳли оила дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии онҳо таъсири назаррас дорад. Муносибатҳои муштарак, ки дар асоси эҳтиром, дастгирии эмотсионалӣ ва эътимоди тарафайн асос ёфтаанд, ба рушди шахсияти иҷтимоӣ ва ахлоқии наврасон мусоидат менамоянд.

Муҳити психологии оила ва муносибатҳои байни аъзоёни он дар ташаккули ҳисси ахлоқии наврасон нақши муҳим дорад. Муҳити носолими психологӣ боиси каҷрафтории наврасон ва рушди номутавозини шахсият мебошад. Бо истифода аз методҳои дақиқи таҳқиқотӣ ва таҳлили самараноки равандҳои психологӣ-иҷтимоӣ, метавон механизмҳои самараноки тарбия ва рушди ахлоқии наврасонро муайян намуд. Муносибати солими муштарак, муҳити солими психологӣ ва тарбияи огоҳонаи волидон барои баланд бардоштани сатҳи ахлоқ ва масъулияти наврасон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1.Оид ба ташаккули фазои солими психологӣ дар оила бо таваҷҷуҳ ба татбиқи принсипҳои тарбияи мусбат, изҳори ҳамдардӣ ва эҳтиром ба таври мунтазам ташкил ва баргузор намудани тренингҳо, лексияҳо ва семинарҳо.

2.Таҳияи маводи дастрас барои волидон (буклетҳо, захираҳои интернетӣ, видео), ки дар онҳо тавсияҳо оид ба таҳкими муносибатҳои оилавӣ, муоширати муассир ва ташаккули арзишҳои ахлоқӣ мавҷуданд.

3.Тавассути баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва гузаронидани расму оинҳои ба ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва принсипҳои ахлоқӣ равонашуда ҷалб намудани наврасон.

4.Ташкил ва баргузор намудани дарсҳои факултативӣ доир ба арзишҳои ахлоқӣ бо ҷалби равоншиносон, омӯзгорон ва намояндагони ҷомеа.

5.Дар мактабу коллечҳо марказҳои машваратие барои падару модарон ва наврасон ташкил карда шаванд, ки дар онҳо мутахассисон ба ҳалли низоъҳои дар муҳити оилавӣ ба вуҷуд оянда мусоидат кунанд.

6.Бо мақсади омода намудани кадрҳои кори иҷтимоӣ ва машварати психологӣ ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати кор бо наврасон аз оилаҳое, ки дар онҳо муҳити психологии номусоид пойдор аст.

7.Расонидани кумаки психологӣ, машваратҳои иҷтимоӣ ва дастгирии моддӣ дар асоси таҳияи барномаҳои давлатӣ, ки ба дастгирии оилаҳое, ки ба мушкили ҳаётӣ гирифтор шудаанд.

8.Омода ва паҳни маводҳои ВАО оид ба арзишҳои ҳамоҳангии оила, эҳтиром ва тарбияи ахлоқӣ дар телевизион, радио ва шабакаҳои иҷтимоӣ.

9.Ташкил ва баргузор намудани маҳфилҳои иҷтимоӣ бо волидайн ва наврасон.

10.Бо дарназардошти дигаргуниҳои иҷтимоии Тоҷикистон оид ба таъсири оила ба тарбияи ахлоқии насли наврас мунтазам тадқиқот гузаронида шавад.

11.Татбиқи огоҳона ва дурусти таҷрибаи мамлакатҳои дигар бо дарназардошти шароити миллӣ барои баланд бардоштани самараи кор бо оилаҳо.

Ин тавсияҳо ба таҳкими нақши оила дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

## МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР НАШРИЯҲОИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда нашр шудаанд:**

[1-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Нақши психодиагностика дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 273-277. (ISSN 2074-1847)

[2-М]. Бободжонова, Н.Д. Формирование нравственных качеств личности у подростка в процессе обучения [Текст] / Н.Д. Бободжонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: “Сино”, – 2020. – №7. – С. 256-259. (ISSN 2074-1847)

[3-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Мушкилии худидоракуниҳо ва худташкилдиҳиҳои наврас дар инкишофи ҳиссиёти ахлоқии ӯ дар оила [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. − №3-4 (7-8). − С. 160-166. (ISSN 2708-5759)

[4-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Вазъи ҳозираи тадқиқи оила ҳамчун омили асосии тарбияи наврасон [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. − №2 (12). − С. 89-97. (ISSN 2708-5759)

[5-М]. Юнусова, Н.М., Бобоҷонова, Н.Д. Оила ҳамчун ниҳоди таъсиррасон дар рушди ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон [Матн] / Н.М. Юнусова, Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №10. – С. 276-283. (ISSN 2074-1847)

[6-М]. Манонова, Р.Д., Бобоҷонова, Н.Д. Омӯзиши хусусиятҳои эҷодии фаъолияти наврасон дар илми психология [Матн] / Р.Д. Манонова, Н.Д. Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №4-2 (18). – С. 245-250. (ISSN 2708-5759)

**II. Маводҳои дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

[7-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Ташаккули шахсияти инсон аз назари мутафаккирони форсу тоҷик [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Маводи конфронси илмӣ-амалии умумидонишгоҳии "Масъалаи рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон" бахшида ба 85-солагии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва 70-солагии дотсент Ҳакимова Мунаввара Бақоевна. – Хуҷанд, 2016. – С. 405-412.

[8-М]. Фозилова, М.Ҷ., Бобоҷонова, Н.Д. Хусусиятҳои психологӣ ва тағйироти синни наврасӣ [Матн] / М.Ҷ. Фозилова, Н.Д. Бобоҷонова // Дар пайроҳаи илм. Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи анъанаҳои миллӣ. – Хуҷанд, 2018. – С. 179-186.

[9-М]. Бобоҷонова, Н.Д., Фозилова, М.Ҷ. Агрессия ва зуҳуроти он дар раванди ташаккули шахс [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова, М.Ҷ. Фозилова // Дар пайроҳаи илм. Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи анъанаҳои миллӣ. – Хуҷанд, 2018. – С. 174-178.

[10-М]. Мамадалиева Г.А., Бободжонова, Н.Д. Проблемы детско-родительских отношений и благополучие ребенка в семье [Текст] / Г.А. Мамадалиева, Н.Д. Бободжонова // Актуальные вопросы лингвистики. Теории перевода и методики преподавания русского языка. – Худжанд: "Нури марифат". – 2022. – С. 66-70.

[11-М]. Бобоҷонова, Н.Д. Ташхиси мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон [Матн] / Н.Д. Бобоҷонова // Материалы XIII Международной научно-практической конференции «Наука и образование в современном мире: вызовы XXI века». IV том. (27-31 май, 2023г.). – Казахстан, Астана, 2023. – С. 15-18.

## Рӯйхати адабиёт:


**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Закон Республики Таджикистан «Об образовании». – Душанбе, 2002. – 63 с.

2. Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015 таҳти №801 қабул гардидааст).

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

4. Концепция дошкольного воспитания в Республике Таджикистан. // Вестник министерство образования Республики Таджикистан. – Душанбе, 2003 – 131 с.

5. Концепция национальной школы в Республике Таджикистан. // Вестник министерство образования Республики Таджикистан. Душанбе, 1999 – 130 с.

6. Концепция этнокультурного развитие в Республике Таджикистан. // Народная газета. – 1998. – 20 марта.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Д., 2002. – С. 55.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе, 2017.

9. Маълумотҳои омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019.

**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

10. Ананьев, Б.Г. Психология чувственного познания. Учебное пособие / Б.Г. Ананьев. – М.: Наука, 2001. – 279 с.

11. Анастази, А. Психологическое тестирование. Учебное пособие / А. Анастази, С. Урбина. – СПб.: Питер, 2009. – 688 с.

12. Арабова, И.А. Воспитание семьянина. Традиции и современность: Учебное пособие / И.А. Арабова. – Душанбе, 1991 – 256 с.

13. Артемов, В.А. Детская экспериментальная психология. Учебное пособие / В.А. Артемов. – М.: Книга по требованию, 2014. – 256 с.

14. Балыко, Д. НЛП для родителей: 11 законов эффективного воспитания подростка. Учебное пособие / Д. Балыко. – Москва, 2009. – 253 с.

15. Бендер, П.С. Договорить с подростком-REALNO! или Как не дать ему свести вас с ума. Учебное пособие / П.С. Бендер. – Екатеринбург, 2007. – 318 с.

16. Бодров, В.А. Психология профессиональной пригодности. Учебное пособие для вузов / – М..ПЕР СЭ, 2001 – 511 с. – (Современное образование).

17. Божович, Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. Учебное пособие / Л. И. Божович. – СПб.: Питер, 2008. – 400 с.

18. Божович, Л.И. – Личность и её формирование в детском возрасте. Учебное пособие / Л.И. Божович. – М., Просвещение, 1968. – 464 с.

19. Большой толковый психологический словарь. В 2 томах. Том 2. Учебное пособие. – М., 2000. – 283 с.

20. Бронсон, П. Воспитательный шок. Революционный взгляд на воспитание детей и подростков. Учебное пособие / П. Бронсон. – Москва, 2013. – 285 с.

21. Бурменская, Г.В. Возрастно-психологический подход в консультировании детей и подростков. Учебное пособие / Г.В. Бурменская. – М., Академия, 2002. – 409 с.

22. Бурова, С.Н. Социология брака и семьи: история, теоретические основы, персоналии. Учебное пособие / С.Н. Бурова. – Москва, 2010. – 445 с.

23. Васильев, В.А. Юридическая психология: учебник. Учебное пособие / В.А. Васильев. – М.:Юстиция, 2016. – 604 с.

24. Вачков, И.В. Основы технологии группового тренинга. Психотехники: Учебное пособие / И.В. Вачков. – М.: Ось-89. – 2007. – 225 с.

25. Венгер, А.Л. Психологические рисуночные тесты. Учебное пособие / А.Л. Венгер. – М.:Книга. – 2010. – 160 с.

26. Волков, Б.С., Волкова, Н.В. Методология и методы психологического исследования. Учебное пособие / Б.С. Волков, Н.В. Волков. – Москва, 2010. – Акад.проект. – 381 с.

27. Выготский, Л.С. Вопросы детской, возрастной психологии // Собр. соч.: В 6 т. Учебное пособие / Л.С. Выготский. – М., 1984. – т.4.

28. Гамезо, М.В., Петрова, Е.А., Орлова, Л.М. Возрастная и педагогическая психология. Учебное пособие / М.В. Гамезо, Е.А. Петрова, Л.М. Орлова. – М.: Педагогическое общество России. – 2009. – 512 с.

29. Гиппенрейтер, Ю.Б. Общаться с ребенком. Как? Учебное пособие / Ю.Б. Гиппенрейтер. – М.: ЧеРо, 2002. – 240 с.

30. Глуханюк, Н.С. Психодиагностика: [Текст]: учебник. // Н.С. Глуханюк. – М.: Академия, 2018. – 272 с.

31. Грецов, А.Г. Практическая психология для подростков и родителей. Учебное пособие / А.Г. Грецов. – Санкт-Петербург, 2008. – 214 с.

32. Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. Воситаи таълимӣ / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 224 с.

33. Дерлейн, Р. Уже взрослый, еще ребенок: Подростковедение для родителей. Учебное пособие / Р. Дерлейн. – Москва, 2015. – 275 с.

34. Дефектологический словарь: в 2 т. / под ред. В. Гудониса, Б.П. Пузанова. Учебное пособие. – М.: Издательство Московского психолого-социального института. – Воронеж: Издательство НПО «МОДЭК», 2007. – Т. 1. – 808 с.

35. Добреньков, В.И., Кравченко, А.И. Методы социологического исследования. Учебное пособие / В.И. Добреньков, А.И. Кравченко. – Москва, 2006. – 767 с.

36. Добряков, И.В., Защиринская, О.В. Психология семьи и больной ребенок: Учебное пособие: хрестоматия / И.В. Добряков, О.В. Защиринская. – СПб.: Речь, 2007. – 400 с.

37. Дольто, Ф. На стороне подростка. Учебное пособие / Ф. Дольто. – Екатеринбург, 2010. – 423 с.

38. Доманецкая, Л.В. Общение и эмоциональное благополучие ребенка дошкольного возраста: учебное пособие по спецкурсу по психологии. Учебное пособие / Л.В. Доманецкая. – Красноярск: КГПУ им. В.П. Астафьева, 2008. – 160 с.

39. Доманецкая, Л.В. Психология семьи и семейного воспитания. Учебное пособие / Л.В. Доманецкая. – Красноярск, 2013. – 198 с.

40. Дошкольная педагогика. Под ред. В.И. Логиновой, П.Г. Саморуковой. – 2-е изд. испр. и доп. Учебное пособие. – М.: Просвещение, 1988. – Ч. 2. – 254 с.

41. Дружинин, В.Н. Структура и логика психологического исследования. Учебное пособие / В.Н. Дружинин. – М.: Институт психологии РАН, 1994. – 163 с.

42. Дружинин, В.Н. Экспериментальная психология. [Текст]: учебник для вузов / В.Н. Дружинин. – СПб. : Питер, 2012. – 320 с.

43. Дружинин, В.Н. Психология семьи. Учебное пособие / В.Н. Дружинин. – Екатеринбург., изд. “Питер”, 2006. – 176 с.

44. Еникеев, М.И. Юридическая психология. Учебное пособие / М.И. Еникеев. – М.: НОРМА, 2005. – 256 с.

45. Жукова, М.В., Запорожец, В.Н., Шишкина, К.И. Психология семьи и семейного воспитания: конспекты лекций. Учебное пособие / М.В. Жукова, В.Н. Запорожец, К.И. Шишкина. – Москва, 2014. – 194 с.

46. Зайтметов, Х.А., Мансурова, А.Р.: Монография / Зайтметов Х.А., Мансурова А.Р. Влияние мотивации на успешность обучения аудированию. – Худжанд: Ношир, 2023. – 160 с. (ISBN 978-99985-40-88-0).

47. Заслуженюк, В.С. Родители и дети: взаимопонимание или отчуждение?: Учебное пособие для родителей / В.С. Заслуженюк, В.А. Семиченко. – М.: Просвещение: АО «Учеб. лит.», 1996. – 191 с.

48. Захарова, Г.И. Психология семейных отношений. Учебное пособие / Г.И. Захарова. – Челябинск, 2009. – 258 с.

49. Землянская, М. Практическая психология для мальчиков. Учебное

пособие / М. Землянская. – М.: Изд-во “Научная книга”, 2012. – 160 с.

50. Ильин, Е.П. Психология общения и межличностных отношений. Учебное пособие / Е.П. Ильин. – СПб.: Издательство: Питер. – 2009. – 576 с.

51. Исаев, Д.Н. Психосоматическая медицина детского возраста. Учебное пособие / Д.Н. Исаев. – СПб., 1996. – 453 с.

52. Истратова, О.Н. Психодиагностика: коллекция лучших тестов. Учебное пособие / О.Н. Истратова, Т.В. Эксакусто. – Ростов н/Д : Феникс, 2010. – 375 с.

53. Казанская, В.Г. Подросток. Трудности взросления. Учебное пособие / В. Казанская. – М, Спб, 2008. – 282 с.

54. Казанская, В.Г. Подросток: социальная адаптация. Книга для психологов, педагогов и родителей. Учебное пособие / В.Г. Казанская. – Санкт-Петербург, 2011. – 286 с.

55. Кайковус, У. Кобуснома. Воситаи таълимӣ / У. Кайковус. – Душанбе: Маориф, 1979. – 192 с. (на тадж. яз).

56. Как развить ум и талант у подростков: самые эффективные упражнения и советы. Учебное пособие. – Ростов-на-дону, 2012 – 156 с.

57. Коменский, Я.А. Великая дидактика // Педагогическое наследие. Учебное пособие / Я.А. Коменский. – М., 1988. – 324 с.

58. Карабанова, О.А. Психология семейных отношений и основы семейного консультирования: Учебное пособие / О.А. Карабанова. – Москва: Гардарики, 2008. – 320 с.

59. Кемпбелл, Р. Как по-настоящему любить своего ребенка / перевод с англ. И. Евсеева. Учебное пособие / Р. Кемпбелл. – СПб.: изд-во Мирт, 2004. –170 с.

60. Ковалев, С.В. Психология современной семьи. Учебное пособие / С.В. Ковалев. – М., 1988. – 214 с.

61. Кон, И.С. Ребёнок и общество. Учебное пособие / И.С. Кон. – М.: Академия, 2003. – 293 с.

62. Кон, И.С. Психология юношеского возраста. Учебное пособие /

И.С. Кон. – М., 1979. –176 с.

63. Кондратьев, М.Д. Социально-психологические и личностные характеристики интеллектуально успешных подростков. Учебное пособие / М.Д. Кондратьев. – Москва, 2019. – 324;

64. Кораблина, Е. П., Акиндинова, И.А., Баканова, А.А., Родина, А.М. Искусство исцеления души: Этюды о психологической помощи / Под ред. Е.П. Кораблиной. Учебное пособие / Е.П. Кораблина, И.А. Акиндинова, А.А. Баканова, А.М. Родина. – СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена; СОЮЗ, 2001.

65. Кордуэлл, М. Психология. А – Я : Словарь – справочник / пер. с англ. К. С. Ткаченко. Учебное пособие / М. Кордуэлл. – М. : ФАИР-ПРЕСС, 1999. – 448 с.

66. Корчак, Я. Как любить ребенка / перевод К.Э. Сенкевича. Учебное пособие / Я. Корчак. – М.: АСТ, 2014. – 480 с.

67. Кратохвилл, С. Психотерапия семейно-сексуальных дисгармоний. Учебное пособие / С. Кратохвилл. – М., 1991. – 234 с.

68. Кривцова, С.В. Воспитание: наука хороших привычек. Учебное пособие / С.В. Кривцова, Е.А. Мухаматулина. – М.: Глобус, 1996. – 368 с.

69. Кузин, М.В. Как выжить с ребенком-подростком: практ. Пособие для родителей. Учебное пособие / М.В. Кузин. – Москва, 2007. – 318 с.

70. Қодиров, С., Давлатов, М. Психологияи иҷтимоӣ. Воситаи таълимӣ / С. Қодиров, М. Давлатов. – Душанбе, 2004. – С. 68. – 136 с.

71. Лемеш, Ю. Общаться с подростком – как?: пособие для умных предков. Учебное пособие / Ю. Лемеш. – Москва, 2011. – 286 с.

72. Леонтьев, А.Н. Проблемы развития психики. – 4-с изд. Учебное пособие / А.Н. Леонтьев. – М., Изд-во МГУ, 1981. – 584 с.

73. Лидерс, А.Г. Психологическое обследование семьи: учебное пособие-практикум для студентов факультета психологии ВУЗ. – 2-ое изд. Учебное пособие / А.Г. Лидерс. – М.: Академия. – 2007. – 432 с.

74. Литвак, Н. Наши хорошие подростки. Учебное пособие / Н. Литвак. – Москва, 2010. – 252 с.

75. Лысова, А.В. Насилие в семье: основные теоретические проблемы. Введение. Учебное пособие / А.В. Лысова. – Вдадивосток: Изд-во дальневосточного ун-та. – 2001. – 208 с.

76. Лысова, А.В. Психология семьи. Часть 2. Учебное пособие / А.В. Лысова. – Владивосток, 2003. – 120 с.

77. Мамайчук, И.И. Психологическая помощь детям с проблемами в развитии. Учебное пособие / И.И. Мамайчук. – СПб.: Речь. – 2008. – 224 с.

78. Методы психологического исследования. Учебно-методический комплекс. – Гомель, 2019. – 152 с.

79. Минухин, С., Фишман, Ч. Техники семейной терапии. Учебное пособие / С. Минухин, Ч. Фишман. – М., 1998. – 297 с.

80. Мурашова, Е.В. Утешный мир. Учебное пособие / Е.В. Мурашова. – Москва, 2016. – 361 с.

81. Мухина, В.С. Возрастная психология. Феноменология развития, детство, отрочество. Учебное пособие / В.С. Мухина. – М., 2004.

82. Мухина, В.С. Личность: Мифы и Реальность. (Альтернативный взгляд. Системный подход. Инновационные аспекты). – 4-е издание, исправ. и допол. Учебное пособие / В.С. Мухина. – М. : Национальный книжный центр, 2014. – 1090 с.

83. Навайтис, Г. Женщина, мжчина и семья: все о чем вы осмелитесь спросить: учебное пособие. Учебное пособие / Г. Навайтис. – М.: Московский психолого-социальный институт, 2007. – 224 с.

84. Навайтис, Г. Семья в психологической консультации. Учебное пособие / Г. Навайтис. – М., 1999. – 224 с.

85. Насурова, Б. Молодежь в трансформирующемся таджикистанском обществе. Учебное пособие / Б. Насурова. – Душанбе, 2016. – 125 с.

86. Наши подростки: воспитывать, понимать, любить. Учебное пособие / журнал “psychologies”; ред-сост. К.Л. Киселева, Т. Епоян. – Москва, 2014. – 380 с.

87. Некрасова, З. Перестаньте детей воспитывать, помогите им расти.

Учебное пособие / З. Некрасова. – Москва, 2011. – 349 с.

88. Немов, Р.С. Психологическое консультирование. [Текст]: учебник. // Р.С. Немов. – 2-е изд. перераб. и доп. – М.:Юрайт. – 2011. – 575 с.

89. Носс, И.Н. Экспериментальная психология: [Текст]: учебник и практикум для академ. бакалавриата // И.Н. Носс. – Люберцы : Юрайт, 2015. – 321 с.

90. Основы психологии семьи и семейного консультирования. Учебное пособие для студ. высш. учеб, заведений / Под общ. ред. Н.Н. Посысоева. – М.: Изд-во ВЛАДОС-ПРЕСС, 2004. – 189 с.

91. Панзарин, С. Ваш подросток от 11 до 14: о том, что твориться у него внутри и почему он такой снаружи. Учебное пособие / С. Панзарин. – Москва, 2008. – 254 с.

92. Пархомчук, Г.С. Общаться с подростком. Как? Книга для умных родителей. Учебное пособие / Г.С. Пархомчук. – Санкт-Петербург, 2010. – 205 с.

93. Петровский, А.В. Психология в России XX век. Учебное пособие / А.В. Петровский. – М.: УРАО, 2000. – 312 с.

94. Погорова, Р.И. Курс лекций по дисциплине «Психология семьи и семейного консультирования в работе практического психолога» для студентов направления «Психология». Учебное пособие / Р.И. Погорова. – Магас, 2019. – 58 с.

95. Подольский, А.Н. Подросток в современном мире: заметки для психолога. Учебное пособие / А.Н. Подольский. – Санкт-Петербург, 2007. – 268с.

96. Психическое здоровье детей и подростков в контексте психологической службы. Учебное пособие / Под ред. И.В. Дубровиной. – Екатеринбург: Деловая книга, 2000. – 176 с.

97. Психология: Словарь. Учебное пособие / под общ. ред. А.В. Петровского, М.Г. Ярошевского. – М. : Политиздат, 1990. – 494 с.

98. Росс, А. Как преодолеть сложности в семейной жизни. Учебное

пособие / А. Росс. – Ростон н/Дому: Феникс. – 2006. – 320 с.

99. Румӣ, Ҷ. Маснавии маънавӣ. Воситаи таълимӣ / Ҷ. Румӣ. – Душанбе, Адиб, 2013. – 480 с.

100. Рыбак, Е.В., Слепцова, Н.Г., Федулова, А.Б., Цихончик, Н.В. Молодая семья в современном обществе. Учебное-методическое пособие / Е.В. Рыбак, Н.Г. Слепцова, А.Б. Федулова, Н.В. Цихончик. – Архангельск, 2017. – 239 с.

101. Самое важное о воспитаниии подростка. Брошюра ЮНИСЕФ. Учебное пособие.– Минск, 2016. – 35 с.

102. Сатир, В. Как строить себя и свою семью. Учебное пособие / В. Сатир. – М., 1992. – 258 с.

103. Семья и современный социум, серия: семья и дети в современном мире. Коллективная монография / Под общей и науч.ред. док. психолог. наук, проф. В.Л. Ситникова, к.п.н. С.А. Бурковой, Э.Б. Дунаевской. СПб.: «Социально-гуманитарное знание», 2017. – 466 с.

104. Синягина, Н.Ю. Современная молодая семья. Взрослые и дети. Учебное пособие / Н.Ю. Синягина. – М.: Изд.: КАРО. – 2007. – 208 с.

